**ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**МАҶЛИСИ ВАКИЛОНИ ХАЛҚИ**
**НОҲИЯИ ФАЙЗОБОД ДАЪВАТИ ПАНҶУМ**
**ҚАРОР**

**аз «20» июли соли 2015 №32 ш. Файзобод**

Дар бораи тасдиқи «Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Файзобод барои солҳои 2016-2020»

Мутобиқи моддаи 8, Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ" Маҷлиси вакилони халқи ноҳияи Файзобод

**ҚАРОР МЕКУНАД:**

1. «Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Файзобод барои солҳои 2016-2020» ба маълумот гирифта шавад.
2. Роҳбарони ташкилоту муассисаҳо, хоҷагию корхона новобаста аз шакли моликияташон, раисони ҷамоатҳои шаҳраку деҳот вазифадор карда шаванд, ки барои амалӣ намудани Барномаи мазкур ҳамаҷониба мусоидат намоянд.
3. Аз Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон хоҳиш карда шавад, ки «Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Файзобод барои солҳои 2016-2020» - ро мавриди баррасӣ қарор дода, тасдиқ намояд.
4. Назорати иҷрои қарор ба зиммаи комиссияи доимии Маҷлиси вакилони халқи ноҳия оид баояндабинии иқтисодиёт, саноат ва буҷет гузошта шавад.

Раиси Маҷлис Раҷабзода М.

**ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**МАҚОМОТИ ИҶРОИЯИ ҲОКИМИЯТИ ДАВЛАТИИ НОҲИЯИ ФАЙЗОБОД**

# БАРНОМАИ РУШДИ ИҶТИМОИЮ ИҚТИСОДИИ НОҲИЯИ ФАЙЗОБОД

## барои солҳои 2016-2020

**Файзобод – 2015**

# МУНДАРИҶА

**Рӯйхати ихтисорот ..... 5**
**Пешгуфтор ..... 6**

**БОБИ 1. ҲОЛАТИ УМУМӢ ВА ТАҲЛИЛИ ВАЗЪИ ВОҚЕИИ НОҲИЯИ ФАЙЗОБОД ..... 8**

**БОБИ 2. ИҚТИСОДИЁТ ..... 13**
2.1. Соҳаи кишоварзӣ ..... 13
2.2. Соҳаи саноат. ..... 22
2.3. Соҳибкории хурд ва миёна ..... 24
2.4. Сохтмон ..... 30

**БОБИ 3. ИҶТИМОИЁТ ..... 33**
3.1. Соҳаи маориф ..... 33
3.2. Соҳаи тандурустӣ ..... 38
3.3. Соҳаи фарҳанг ва фароғат ..... 42
3.4. Соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ ..... 43
3.5. Сайёҳӣ ва варзиш ..... 49

**БОБИ 4. ИНФРАСОХТОР ..... 52**
4.1. Таъминот бо оби нӯшокӣ ва хадамоти рифоҳӣ ..... 52
4.2. Хоҷагии манзилию коммуналӣ ..... 53
4.3. Таъмини барқ ..... 56
4.4. Нақлиёт ва хоҷагии роҳ ..... 58
4.5. Алоқа ва фазои иттилоотӣ ..... 59

**БОБИ 5. ҲИФЗИ МУҲИТИ ЗИСТ ВА ҲОЛАТҲОИ ФАВҚУЛОДДА ..... 60**
5.1. Ҳифзи муҳитизист ..... 60
5.2. Омодагӣ ба ҳолатҳои фавқуллода, пешгирӣ ва кам кардани ҳолати хатари онҳо ..... 62

**БОБИ 6. ТАЪМИНОТИ ЗАХИРАВӢ ..... 65**

**БОБИ 7. НИЗОМИ МОНИТОРИНГ ВА АРЗЁБӢ ..... 69**

**Замимаҳо оид ба стратегияи рушди ноҳияи Файзобод аз рӯи соҳаҳо ..... 70**

# РӮЙХАТИ ИХТИСОРОТ

| | |
|---|---|
| АБЗО | Агентии беҳдошти замин ва обёрии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| БДС | Барномаи давлатии сармоягузорӣ, грантҳо ва сохтмони асосӣ |
| БРСММ | Барномаи рушди Созмони Милали Муттаҳид |
| БРҶ | Барномаи рушди ҷомеа |
| Б/Ҷ | Буҷети ҷумҳуриявӣ |
| Б/М | Буҷети маҳаллӣ |
| ВММША | Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| ВРИС | Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| ВМИ | Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| ВТҲИА | Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| ВН | Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| ВМ | Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| ВК | Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| ВЭЗО | Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| ГК | Гуруҳҳоикории секторӣ |
| ГФТ | Гуруҳи фаъоли ташаббускор |
| ИМ | Идоракунии маҳаллӣ |
| ИҶ | Иттиҳодияи ҷамъиятӣ |
| КМС | Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| КДС | Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ |
| КҲМЗ | Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| КҶВ | Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| КАТС | Кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ |
| МваА | Мониторинг ва арзёбӣ |
| МДҶ | Маркази дастгирии ҷамоат |
| МТС | Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти ҶумҳурииТоҷикистон |
| М/Х | Маблағҳои худӣ |
| ТБМ | Ташкилоти байналмилалӣ оид ба муҳоҷират |
| МИМХД | Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ |
| МБҲ | Маркази барқии ҳароратдиҳанда |
| НБО | Нерӯгоҳҳои барқии обӣ |
| ПСМ | Партовҳои сахти маишӣ |
| РЕАКТ | Гурӯҳи зудбаҳодиҳандаи ҳолатҳои фавқулодда ва ҳамоҳангсоз |
| РИМ | Рушди иқтисодии маҳал |
| СВОТ | Паҳлӯҳои қавӣ, заиф ва имкониятҳою таҳдидҳо |
| СМ | Созмонҳои маҳаллӣ |
| НМваА | Низоми мониторинг ва арзёбӣ |
| СМР | Стратегияи миллии рушд |
| СБСНМТ | “Стратегияи баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардуми Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015” |
| СХМ | Соҳибкории хурд ва миёна |
| С/Х | Сармояи хориҷӣ |
| С/Д | Сармояи дохилӣ |
| ФҚХ | Фонди қарзии хурд |
| ФАО | Ташкилоти озуқа ва кишоварзии Созмони Милали Муттаҳид |
| ҲРҲ | Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола |

***Биниши оянадаи рушди ноҳияи Файзобод***
***(Тассавуротиояндаи ноҳия бо назардошти иқтидорҳои мавҷуда)***

*Файзобод ноҳияи аграрӣ буда дар он ҳазорҳо гектар боғ бунёд гардида, аз ҷиҳати иқтисодӣ инкишофёфта ва дорои истеҳсолоти кишоварзии ба содирот нигаронида шуда, бо соҳибкории хурду миёнаи руштёфта, дорои хизматрасониҳои хушсифати иҷтимоиву инфрасохторӣ мебошад, ки ин боиси беҳтар шудани сатҳу сифати зиндагӣ ва хушбахтии аҳолии он мебошад. Мардуми ноҳия аз ҷиҳати ақлониву зеҳнӣ ташаккулёфта буда, ҳавои мусоид ва муҳити тозаи экологӣ чашмаҳои ширину гуворо кӯҳои сарбафалак кашида барои ҷалби сайёҳони дохилию хориҷӣ, ин ба ганӣ гардонидани буҷети маҳаллӣ ва паст намудани сатҳи камбизоатии аҳолӣ имконпазир мебошад.*

# ПЕШГУФТОР

Ноҳияи Файзобод 0,6 фоизи ҳудуди умумии ҷумҳуриро ташкил медиҳад. Файзобод ноҳияи аграрӣ буда, аҳолии ноҳия асосан ба соҳаҳои кишоварзӣ, чорводорӣ ва рушди соҳибкорӣ машғул мебошанд. Ноҳия дар тақсимоти меҳнати ҷумҳурӣ ҳамчун истеҳсолкунандаи асосии маҳсулоти кишоварзӣ маҳсуб меёбад. Мавҷудияти қувваи кории маҳаллӣ барои рушди минбаъдаи соҳаи кишоварзӣ, соҳибкорӣ, саноат ва коркарди ашёи хоми маҳаллӣ мусоидат хоҳад намуд.

Бинобар ин, бо мақсади дар оянда ба кор даровардан ва самаранок истифода намудани иқтидорҳои истеҳсолӣ дар асоси ашёи хоми маҳаллӣ, дастгирии бештару сифатноки соҳаҳои иҷтимоӣ ва ба талаботи муосир мутобиқ гардонидани инфрасохтори ноҳия, Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Файзобод таҳия карда шуд. Дар сурати ба кор даровардани иқтидорҳои бекорхобидаи истеҳсолӣ ва истифодаи самараноки захираю воситаҳои имконпазир, соҳаҳои кишоварзӣ, саноат, инфрасохтор ва иқтисодиёти ноҳия рушд хоҳад намуд. Қатъи назар аз иқтидорҳои зиёди мавҷудаи ноҳияи Файзобод, мушкилиҳое ҷой доранд, ки ба рушди устувори иқтисодиёти ноҳия таъсири манфӣ мерасонад ва мақсади асосии Барнома дар панҷ соли оянда бартараф намудани ин мушкилиҳо мебошад. Ҳадафи асосии Барнома дар натиҷаи рушди устувори иҷтимоию иқтисодӣ беҳтар намудани сатҳу сифати зиндагии аҳолии ноҳия, фароҳам овардани фазои мусоиди сармоягузорию соҳибкорӣ, ҳамгироӣ бо иқтисодиёти ҷаҳонӣ, беҳтар намудани дастрасии аҳолӣ ба инфрасохтори заминавии иҷтимоӣ буда, он ба зиёдшавии даромад ва сатҳи шуғли аҳолӣ ҳамчун натиҷаи рушди иқтисодӣ ва беҳтаршавии шароити зиндагии умумӣ инчунин натиҷаи болоравии боздеҳи захираҳо ва хароҷоти буҷет нигаронида шудааст.

Барои расидан ба ҳадафҳои гузошташуда дар тамоми соҳаҳои асосии иқтисодиёту иҷтимоиёти ноҳия бо ҷалби ҳамаи манбаъҳои имконпазири маблағгузорӣ иҷрои тадбирҳои мушаххас пешбинӣ гардидааст. Зимнан, ҷалби ҳарчи зиёди сармояи хориҷӣ ва дохилӣ асоси амалӣ гардидани вазифаҳои дар барнома гузошташуда буда, дар ин самт аз ҷониби мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Файзобод тамоми имкониятҳо истифода мегарданд. Рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳия дар солҳои 2016-2020 бо назардошти зиёдшавии имкониятҳои истеҳсолӣ пешбинӣ гардида, он заминаи асосии афзоиши маҷмӯи маҳсулоти минтақавӣ мегардад.

Дар раванди тарҳрезии Барномаи рушди ноҳияи Файзобод талаботҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дурнамоҳои давлатӣ, консепсияҳо ва барномаҳои инкишофи иҷтимоию иқтисодӣ», “Дастури методӣ оид ба таҳия ва татбиқи барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияву шаҳрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон” (қарори Ҳайати Мушовараи Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон №1/3, аз 12 январи соли 2009) ва ҳуҷҷатҳои муҳими стратегӣ (Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола,“Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2015”, “Стратегияи баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардуми Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015” ва барномаҳои соҳавию минтақавӣ ба инобат гирифта шудааст. Барномаи мазкур бо кӯмаки машваратии мушовирони миллии лоиҳаи “Дастгирии самаранокии ҳамоҳангсозии миллии кӯмакҳои беруна ва мониторинги СМР/СББНМТ”, мутахассисони Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ёрии техникии Барномаи Рушди Созмони Миллали Муттаҳид, аз

ҷониби Гурӯҳи корӣ, ки бо қарори и.в раиси ноҳияи Файзобод аз 19 майи соли 2015, №232 “Дар бораи таъсис додани гурухи корӣ ҷиҳати тарҳрезии “Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Файзобод барои солҳои 2016-2020”, таҳия шудааст. Дар раванди таҳияи он намояндагони ҷомеаи шаҳрвандӣ, бахшҳои ҷамъиятиву хусусӣ ва мутахассисони соҳавии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии (МИҲД) ноҳия ҷалб гардидаанд.

Ҳадафи асосии Барномаи мазкур таъмин намудани рушди устувори соҳаҳои воқеъии иқтисодиёт, дар асоси ба кор андохтани иқтидорҳои нав ва бекорхобидаи кишоварзӣ ва истифодаи ашёи хоми маҳаллӣ, беҳтар намудани хизматрасонии заминавии иҷтимоӣ ва баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардуми ноҳия мебошад. Барномаи мазкур ҳамчун ҳуҷҷати асосӣ самтҳои афзалиятнок ва сиёсати ояндаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳиярро барои давраи миёнамуҳлат муайян мекунад.

Ба Барномаи рушди ноҳияи Файзобод 203 лоиҳаи афзалиятнок бо маблағи 329,7 млн. сомонӣ ворид гардидааст, ки аз ин 98 лоиҳа бо маблағи 199,7 млн. сомонӣ ба бахши иқтисодӣ, 49 лоиҳа бо маблағи 68,3 млн. сомонӣ ба бахши иҷтимоӣ, 34 лоиҳа бо маблағи 51,5 млн. сомонӣ ба бахши инфрасохтор, 13 лоиҳа ба маблағи 8,8 млн. сомонӣ бахши ҳифзи муҳити зист ва ҳолатҳои фавқулодда ва 9 лоиҳа бо маблағи 1,3 млн. сомонӣ ба бахши таъминоти захиравӣ рост меояд.

*Ҷадвали №1. Сарчашмаҳои маблаггузории “Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Файзобод барои солҳои 2016-2020” аз рӯи соҳаҳо (ҳаз. сомонӣ)*

| Соҳаҳо | Маблағи умумӣ | Буҷети ҷумҳуриявӣ | Буҷети маҳаллӣ | Маблағҳои худии ташкилоту корхонаҳо | Соҳибкорон ва аҳолӣ | Сармояи хориҷӣ | Номуайян |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Кишоварзӣ | 19221 | 6130 | 975 | 1358 | 2570 | 2302 | 5886 |
| Саноат | 51160 | - | - | 2500 | 15170 | 7200 | 26290 |
| Сохтмон | 95500 | - | - | - | 95500 | - | - |
| Соҳибкории хурду миёна | 33880 | - | - | - | 5760 | 6500 | 21620 |
| **Ҳамагӣ, блоки иқтисодӣ** | **199761** | **6130** | **975** | **3858** | **119000** | **16002** | **53796** |
| Маориф | 31310 | 6480 | 3630 | | 2000 | 4050 | 15000 |
| Тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ | 23180 | 1000 | 1000 | | 360 | 11700 | 9120 |
| Соҳаи фарҳанг, варзиш ва сайёҳӣ | 13870 | 3500 | 1180 | 670 | 400 | | 8120 |
| **Ҳамагӣ, блоки иҷтимоӣ** | **68360** | **10980** | **5810** | **670** | **2760** | **15750** | **32240** |
| Таъминот бо оби нӯшокӣ | 12140 | 2000 | 1200 | 820 | 1000 | 2620 | 4100 |
| Барқтаъминкунӣ | 6040 | 1620 | 300 | 800 | 670 | 1500 | 1150 |
| Нақлиёт, роҳ ва алоқа | 33310 | 1600 | 300 | 760 | 1300 | 16750 | 13250 |
| **Ҳамагӣ, инфрасохтор** | **51490** | **5220** | **1800** | **2380** | **2970** | **20870** | **18500** |
| Экология ва ҳолатҳои фавқулодда | 8850 | 2000 | 1450 | - | 500 | 2300 | 2550 |
| Таъминоти захиравӣ | 1274 | 10 | 1193 | - | | 71 | |
| **Ҳамагӣ, арзиши БРШ Файзобод** | **329735** | **24340** | **11228** | **6908** | **125230** | **54993** | **107086** |

Ҷиҳати самаранок ва бо сифат татбиқ намудани “Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Файзобод барои солҳои 2016-2020” аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ **329,7 млн. сомонӣ** пешбинӣ шудааст, аз ҷумла, аз ҳисоби:

- Буҷети ҷумҳуриявӣ 24,3 млн. сомонӣ;
- Буҷети ноҳия 11,2 млн. сомонӣ;
- Соҳибкорон ва аҳолӣ 125,2 млн. сомонӣ;
- Сармояи хориҷӣ 55,0 млн. сомонӣ;
- Маблағҳои худии ташкилоту муассисаҳо 6,9 млн. сомонӣ;
- Лоиҳаҳои манбаи маблағгузориашон айни ҳол номуайян 107,0 млн. сомонӣ.

Ноҳияи Файзобод дорои Нақшаи генералӣ буда, тибқи он ҷойгиркуни иншоотҳо ва ободонии ноҳия амалӣ мегардад (Нақшаи генералии нави ноҳияи Файзобод аз тарафи ҶДММ «Шаҳрофар»-и шаҳри Душанбе таҳия гардида, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 апрели соли 2012, №186 тасдиқ шудааст).

# БОБИ I. ҲОЛАТИ УМУМӢ ВА ТАҲЛИЛИ ВАЗЪИ ВОҚЕИИ НОҲИЯИ ФАЙЗОБОД

## 1.1. Ҳолати умумӣ ва таҳлили вазъи воқеӣ

Ноҳияи Файзобод дар қисми шарқии ҷумҳурӣ ҷойгир шуда масоҳати 874,1 $км^2$-ро ишғол менамояд, ки 92,4 фоизи онро кӯҳҳо фаро гирифтаанд. Ҳудуди ноҳия аз ноҳияи Ваҳдат ибтидо гирифта то ҷамоати деҳоти Қади Оби шаҳри Роғун ба масофаи 80 км тӯл мекашад. Аз ғарбу шимол бо ноҳияи Ваҳдат, аз ҷануб бо шаҳри Норак ва аз шарқ бошад бо шаҳри Роғун ҳаммарз мебошад. Файзобод ба гурӯҳи ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ шомил буда масофааш аз пойтахти ҷумҳурӣ шаҳри Душанбе то маркази ноҳия 51 км-ро ташкил медиҳад.

Ҳудуди марзӣ - маъмурии ноҳияи Файзобод ба ҷамоатҳои деҳоти Бустон (деҳаҳои Офтобрӯя, Ҳаймаҳмадӣ, Себистон, Бӯстон, Чилчашма), Меҳробод (деҳаҳои Меҳрободи поён, Меҳрободи миёна, Меҳрободи боло, Устошамс, Нодирӣ, Хуросон, Чорбоғ, Шерамон, Сомониён, Себзор, Шифобахш, Якабед, Гулафшон, Қасамдара ва Шукурӣ. Вашгирд (деҳаҳои Лолагӣ, Шаҳтакиён, Сино ва Баҳористон), Дусмурод Алӣ (деҳаҳои Ҷонварсуз, Файзобод, Боғи мирӣ, Қанғелӣ, Сурхдара, Чуқурак, Кабкрез, Сайидонӣ, Кенҷаобод, Навбаҳор, Файзрез ва Кӯҳсор), Ҷавонон (деҳаҳои Сари чашма, Хами себ, Чаноро, Хами савра, Навобод, Карсанг, Мулотуғма, Ҷавонон, Оби сангбур, Дова, Дубеда, Сари чинор ва Арзанова), Чашмасор (деҳаҳои Ғуломдавлат, Сари сафедхок, Кулобиён, Эшоно, Чашмасор, Дурахшон ва Тахти алиф), Қалъаи дашт (деҳаҳои Қалъаи дашт, Очилдӣ, Бобои Валӣ, Дараи гӯсфандак, Элок, ва Дашти Марзо), Мискинобод (деҳаҳои Мискинобод, Заркамар, Муминобод, Кулобод, Гултеппа, Фатҳобод, Орифон, Хурасан ва Сарой) ва шаҳраки Файзобод тақсим мешавад.

*Ҷадвали №2. Шумораи ҷамоатҳо, деҳаҳо, хоҷагиҳо ва аҳолии ноҳияи Файзобод ба ҳолати 31.12. 2014*

| | Ҷамоатҳо | Шумораи деҳа | Шумораи хоҷагиҳо | Шумораи аҳолӣ |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Бустон | 5 | 900 | 8562 |
| 2 | Меҳробод | 15 | 1302 | 11404 |
| 3 | Вашгирд | 4 | 698 | 5384 |
| 4 | Дусмурод Алӣ | 12 | 1707 | 12539 |
| 5 | шаҳраки Файзобод | 1 | 1562 | 10014 |
| 6 | Ҷавонон | 13 | 1581 | 13122 |
| 7 | Чашмасор | 7 | 877 | 7128 |
| 8 | Қалъаи дашт | 6 | 1553 | 11685 |
| 9 | Мискинобод | 8 | 2072 | 17698 |
| | Ҳамагӣ: | 71 | 12252 | 97531 |

***Эзоҳ:*** *мутобиқи маълумоти шӯъбаи Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ноҳияи Файзобод*

*Расми 1. Харитаи ноҳияи Файзобод*




### 1.2. Шарҳи таърихию фарҳангӣ

Ноҳияи Файзобод як гӯшаи ободу зебо, пурнакҳату ботароват, файзхезу файзбори Тоҷикистон аст. Дар сарчашмаҳо ва осори адабӣ тибқи ақидаи таърихнигорон Файзобод таърихи беш аз 3000 сол дорад. Яке аз ёдгориҳои таърихии он Вашгирди бостонӣ мебошад, ки ҷузъи муҳими таърихии кишварамон, ёдгори аз ватани паҳновари Ориёи бузург дар таърихи миллати тоҷик арзёбӣ мегардад.

Ноҳияи Файзобод бо қарори Президуми Шӯрои Олии ҶШС Тоҷикистон аз 14 июни соли 1931 таъсис дода шудааст.

### 1.3. Шароитҳои табиӣ ва иқлим ва захираҳо

Ноҳия аз сатҳи баҳр дар баландии 1200 м воқеъ буда, иқлимаш континентии миёна мебошад, ки ҳарорати миёнаи моҳи январ 3, 1 $C^0$, аз +0,8 то -12, 2 $C^0$ ва дар моҳи июл аз + 14,2 то +28, 4 $C^0$ мебошад. Боришоти миёнаи солона дар кӯҳҳо 1136 мм ва дар водиҳо 767 мм-ро ташкил медиҳад.

### 1.4. Захираҳои табиӣ ва мавқеи иқтисодию ҷуғрофӣ

Олами набототи (фаунаи) ноҳияи Файзобод хеле бой мебошад. Зиёда аз 160 навъ растаниҳои дорувор, 45 навъи растании асаловар, 100 навъ растании ғизоӣ ва 120 растании дорои равғани эфир мавҷуд аст. Аз ҷумла дар ин ҷо буттаю дарахтони насрин, зелол, хуч, татум, яхманак, ангат, гулхор, бодом, дулона, чормағз, санҷид ва зилол сабзида сою водӣ ва соҳили дарёҳо барои нумӯи дарахтони беду сафедор, чинор, себ, ангур, олуча, нок, гелос шафтолу,олу, санҷид ва ғайраҳо мусоид аст.

Олами ҳайвоноти ноҳия ҳам мухталиф буда аз нишебию водиҳо то кӯҳҳои баланд паҳн гардиданд. Дар ин ҷо бузи кӯҳӣ, гург, хирс, гуроз, заргӯш, рубоҳ, суғур, ҷайра, гурба, калтакалос, мурғи ҳилол, кабки дарӣ, каргас, гунҷишк, кабутар, заргулдор ва ғайра мавҷуд мебошанд.

Сарватҳои зеризаминии ноҳия аз маъданҳои гуногун ба мисли оҳан, волфрам, қӯрғошим, мис, нукра, сурма, фосфор, оҳаксанг, намаки ошӣ ва ғайраҳо иборат мебошанд.

### 1.5. Вазъи демографии ноҳия

Ба ҳолати 31.12.2014 аҳолии ноҳияи Файзобод 97531 нафарро ташкил медиҳад, ки аз ин: 49329 нафар (51%) мардон ва 48202 нафар (49%) занон мебошанд.

*Ҷадвали 3. Аҳолӣ ва хоҷагиҳои хонавода ба ҳолати 01.01.2015*

| № | Шаҳрак ва деҳот | Шумораҳои хоҷагиҳои хонавода | Шумораи аҳолӣ | Аз ҷумла занҳо |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Бустон | 900 | 8562 | 4200 |
| 2 | Меҳробод | 1302 | 11404 | 5587 |
| 3 | Вашгирд | 698 | 5384 | 2720 |
| 4 | Дусмурод Алӣ | 1707 | 12539 | 6017 |
| 5 | шаҳраки Файзобод | 1556 | 13122 | 5404 |
| 6 | Ҷавонон | 1581 | 7123 | 6456 |
| 7 | Чашмасор | 877 | 11685 | 3602 |
| 8 | Қалъаи дашт | 1553 | 17698 | 5787 |
| 9 | Мискинобод | 2072 | 10014 | 8429 |
| Ҳамагӣ | | 12252 | 97531 | 48202 |

Суръати миёнаи афзоиши солонаи аҳолӣ дар се соли охир 3,1 фоизро ташкил медиҳад. Дар ҳудуди ноҳияи Файзобод 97531 нафар (99%) тоҷикон, 72 нафар русҳо, 44 нафар узбекҳо ва 22 нафар қирғизҳо зиндагӣ мекунанд.

*Ҷадвали №4. Таркиби синнусолии аҳолии ноҳияи Файзобод ба 31.12. 2014 сол*

| Аҳолӣ | Ҳамагӣ | Аз ҷумла, духтарон/занон | % духтарон/занон |
|---|---|---|---|
| Наврасони то 14 сола (кӯдакон) | 35170 | 17410 | 36,1 |
| Одамони синни миёна 15-62 | 55667 | 27421 | 57,1 |
| Одамони синни нафақа (63 мард/58 зан) | 6694 | 3371 | 6,8 |
| Ҳамагӣ: | 97531 | 48202 | 100 |

Дар сохтори синнусолии аҳолӣ, шумораи кӯдакони синни то 14 сола 36,1%, аҳолии синну соли миёна (қобили меҳнат) 57,1% ва аҳолии синни нафақа 6,8 фоизро ташкил медиҳад.

*Ҷадвали №5. Ҳолати демографии ноҳияи Файзобод дар солҳои 2012-2014*

| Солҳо | Шумораи таваллудшудагон | Шумораи фавт | Афзоиши табии аҳолӣ | Афзоиши табии аҳолӣ бо % | Шумораи умумии аҳолӣ, ҳазор нафар |
|---|---|---|---|---|---|
| 2012 | 2839 | 337 | 2492 | 2,7 | 89100 |
| 2013 | 2456 | 307 | 2149 | 2,1 | 93255 |
| 2014 | 2755 | 329 | 2426 | 4,5 | 97531 |

Мутобиқи нишондиҳандаҳои дурнамо, суръати миёнаи солонаи афзоиши табии аҳолӣ дар ноҳияи Файзобод дар панҷ соли оянда 22,5 фоизро ташкил дода, зиёдшавии шумораи аҳолии ноҳия то соли 2020 ба 119,4 ҳазор нафар дар назар дошта шудааст, ки нисбати соли 2014 ба 21,9 ҳазор нафар зиёд мебошад. Бо назардошти тағйирёбии вазъи демографии ноҳия ва суръати баланди афзоиши аҳолӣ то соли 2020 зарурияти ташкил намудани 4900 ҷойҳои нишаст дар мактабҳои асосӣ, 2300 ҷойҳои нишаст дар муассисаҳои томактабӣ, сохта ба истифода додани 99,0 ҳазор $м^2$ манзилҳои истиқоматӣ ва таъсиси 8,7 ҳазор ҷойҳои нави кории доимӣ ба миён меояд.

*Ҷадвали №6. Нишондиҳандаҳои дурнамои рушди афзоиши аҳолии ноҳияи Файзобод дар солҳои 2016-2020(ҳазор нафар)*

| Нишондиҳандаҳо | 2014 ҳисобот | 2015 баҳодиҳӣ | Параметрҳои дурнамо | | | | | 2020 нисбати 2014 бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | |
| Шумораи миёнаи солонаи аҳолӣ, ҳамагӣ (ҳазор нафар), аз ҷумла: | 97,5 | 99,5 | 104,0 | 107,9 | 111,2 | 115,8 | 119,4 | 122,4 |
| Шаҳрӣ | 10,0 | 10,3 | 10,7 | 11,2 | 11,8 | 12,5 | 13,2 | 132,0 |
| Деҳотӣ | 87,5 | 89,2 | 93,3 | 96,7 | 99,4 | 103,3 | 106,2 | 121,3 |

**1.6. Тамоюлҳои асосии иҷтимоию иқтисодӣ**

Файзобод ноҳияи аграрӣ буда, ки 87,5 фоизи аҳолии қобилияти меҳнати ноҳия дар соҳаи кишоварзӣ машғул мебошад. Шумораи умумии корхонаҳои кишоварзии ноҳия (хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ), коллективӣ (деҳқонӣ), хоҷагии давлатӣ) ба ҳолати 31 декабри соли 2014 - 3086 ададро ташкил медиҳанд. Ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар соли 2014 дар ҳамаи бахшҳои хоҷагидорӣ 202,0 млн. сомониро ташкил дод, ки нисбати соли 2013 ба андозаи 3,9 фоиз зиёд мебошад.

Ҳиссаи соҳаи чорводорӣ дар ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар ин давра 115,2 млн. сомонӣ ё 57,1 фоизро ташкил медиҳад. Дар ин давра саршумори чорвои калони шохдор дар ноҳия 42317 сар мебошад, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 4446 сар зиёд мебошад. Саршумори чорвои майда бошад 98418 сар, ки нисбат ба соли 2013 – 9372 сар зиёд буда, саршумори парранда дар миқёси ноҳия 725954 сарро ташкил медиҳад.

Бояд қайд кард, ки аз саршумори умумии чорвои калони шоҳдор дар миқёси ноҳия 85,9 фоиз, моли майда 70,2 фоиз, саршумори асп 44,1 фоиз ва 6,4 фоизи мурғ ба хоҷагиҳои аҳолии ноҳия рост меояд.

Ҳиссаи растанипарварӣ бошад дар ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти кишоварзии ноҳия дар ин давра 42,9 фоиз ё 86,7 млн. сомониро ташкил медиҳад. Соли 2014 дар майдони 9108 га кишти зироатҳо дар миқёси ноҳия гузаронида шуд, ки аз он 44,3 фоиз ғалладонагиҳо, 8,2 фоиз картошка, 6,9 фоиз зироатҳои техникӣ, 5,8 фоиз сабзавот ва 34,8 фоиз хӯроки чорво ва дигар зироатҳо ташкил медиҳад. Инчунин дар ин давра 466 гектар дар миқёси ноҳия боғҳои нав бунёд гардид, ки он иҷроиши нақшаи дурнаморо ба 11,5 фоиз зиёд таъмин намудааст. Майдони умумии боғҳои ноҳия 3828 гектарро ташкил медиҳад, ки аз он 1437 гектараш обӣ мебошад.

Дар соли 2014 ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ 6,2 млн. сомониро (бо назардошти қувваи барқ ва хоҷагии об) ташкил дод, ки ин нисбати соли гузашта 2,6 млн. сомонӣ зиёд мебошад. Айни замон дар

ҳудуди ноҳия 14 корхонаҳои саноатӣ фаъолият доранд, ки асосан ба истеҳсоли маҳсулоти зерин аз қабилӣ оби маъданӣ, масолеҳи сохтмонӣ, консерва ва духти либос машғул мебошанд. Бо назардошти истифодаи самараноки захираҳои мавҷуда ва ба роҳ мондани коркарди маҳсулоти кишоварзӣ соҳаи саноат метавонад дар ояндаи наздик дар инкишофи иқтисодиёти ноҳия мавқеи муҳимро ишғол намояд.

Ҷиҳати таъмини рушди соҳибкорӣ ва расонидани хизмати молиявӣ ба аҳолӣ дар ҳудуди ноҳия 7 адад бонкҳои тиҷоратию давлатӣ ва 8 адад фондҳои қарздиҳии хурд фаъолият доранд.

Ҳамзамон, дар ҳудуди ноҳия 1 адад Беморхонаи марказии ноҳия бо 175 кат, 2 адад беморхонаҳои минтақавӣ дорои 25 кат, 1 адад маркази саломатии ноҳия, 12 адад маркази саломатии деҳот, 27 бунгоҳи тиббӣ, 8 адад марказҳои тиббӣ бо 96 нафар духтурон ва 376 ҳамшираҳои шавқат ба аҳолии ноҳия хизмати тиббӣ мерасонанд.

Инчунин, дар ноҳияи Файзобод 58 мактаб аз ҷумла миёна 40, асосӣ 7, ибтидоӣ 11 ва 2 кӯдакистон фаъолият менамоянд ва дар онҳо 19263 нафар хонанда ба таҳсил фаро гирифта шуда, ба онҳо 1146 нафар омӯзгорон таълим медиҳанд. Соли таҳсили 2014-2015 - 36 нафар омӯзгорони ҷавон ба кор шуруъ намуда, талаботи муассисаҳои таҳсилоти умумии ноҳияро бо омӯзгорон таъмин намуданд. Дар 2 муассисаи томактабии амалкунанда 330 нафар кӯдакон фаро гирифта шудаанд.

*Таҳлили ҳолати воқеии ноҳияи Файзобод (SWOT)*

| Тарафҳои қавӣ | Тарафҳои заиф |
|---|---|
| ✓ Мавҷудияти захираҳои меҳнатӣ ва мутахассисони баландихтисос;<br>✓ Шароити хуби иқлимӣ барои парвариши зироатҳои кишоварзӣ, растанипарварӣ, боғдорӣ ва ғайра;<br>✓ Таҷрибаи пешқадами соҳаи растанипарварӣ;<br>✓ Имкониятҳои мусоид барои соҳибкории инфиродӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ;<br>✓ Ҳамкории мақомоти давлатӣ бо соҳибкорон ва аҳолӣ дар корҳои вобаста ба рушди ноҳия;<br>✓ Мавҷуд будани захираҳоӣ меҳнатии озод ва арзон дар ноҳия;<br>✓ Фаъолият намудани 3059 адад хоҷагиҳои коллективӣ ва хоҷагиҳои деҳқонии инфирод. | ✓ Норасогии ҷойҳои корӣ;<br>✓ Фарсудагии техникаи корхонаҳои саноатӣ ва аграрӣ;<br>✓ Фарсудагии иншоотҳои инфрасохторӣ;<br>✓ Нокифоягии сармоягузорӣ барои рушди иқтисодиёту соҳаи иҷтимоиёт;<br>✓ Норасогии оби полезӣ ва корношоямии пурраи чоҳҳои амудии мелиоративӣ;<br>✓ Сатҳи пасти музди меҳнат;<br>✓ Набудани маблағ барои коркарди захираҳои табиӣ;<br>✓ Рақобатпазир набудани маҳсулоти истеҳсолшавандаи соҳаи кишроварзӣ;<br>✓ Норасогии корхонаҳои саноатии калон ва хурду миёна; |
| **Имкониятҳо** | **Хатарҳо** |
| ✓ Мавҷудияти дастгири давлати оид ба рушди истихроҷ ва коркарди маъданҳои кӯҳӣ;<br>✓ Мавҷудияти нақшаҳои сатҳи миллӣ оид ба азхуд намудани заминҳои бекорхобида, обёри намудани заминҳо ва бунёди боғҳои нав аз ҳисоби заминҳои наздикӯҳӣ;<br>✓ Мавҷуд будани талабот ба маҳсулоти кишоварзӣ дар бозори дохилию берунӣ<br>✓ Мавҷудияти Барномаи давлатии рушди соҳаи картошкапарварӣ, чорводорӣ ва занбӯри асалпарварӣ;<br>✓ Дар масофаи наздик ба шаҳри Душанбе ҷойгир будани ноҳияи Файзобод;<br>✓ Дастгирии давлати ва мавҷудияти санадҳои меъёриву ҳуқуқи оид ба рушди соҳибкорӣ. | ✓ Баланд шудани сатҳи таввруум<br>✓ Ҳолатҳои фавқулода;<br>✓ Таъсири манфии бӯҳрони молиявӣ;<br>✓ Эпидемия ва пандемия;<br>✓ Ворид шудани Тоҷикистон ба СҶС<br>✓ Иқлими номусоиди сармоягузории хориҷӣ;<br>✓ Кам шудани интиқоли пул аз ҳисоби муҳоҷирони меҳнатӣ;<br>✓ Баланд шудани нархи сӯзишворӣ ва тарифҳои хизматрасонӣ;<br>✓ Тағйир ёфтани иқлим ва баъд шудан ҳолати муҳити зист (дигаргуншавии экологӣ); |

# БОБИ II. ТАҲЛИЛИ ҲОЛАТ ВА ШАРҲИ СТРАТЕГИЯҲОИ СОҲАВӢ

## 2.Бахши иқтисодиёт

### 2.1. Кишоварзӣ

Ноҳияи Файзобод ба гуруҳи ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ шомил гардида, ҳамчун ноҳияи аграрӣ ба ҳисоб меравад. Соҳаи кишоварзӣ дар сохтори иқтисодиёти ноҳия нақши муҳимро бозида муҳаррики асосии пешбурди иқтисодиёти ноҳия мебошад. Дар соҳаи мазкур зиёда аз 87 фоиз ё 48430 нафари аҳолии қобили меҳнат машғул мебошад. Рушди ин соҳа на танҳо барои иқтисодиёт, балки хусусияти иҷтимоӣ низ дорад, зеро 78,5 фоизи аҳолии қобили меҳнат дар деҳот зиндагӣ доранд ва манбаи ягонаи даромади онҳо ба соҳаи кишоварзӣ марбут аст.

Ба ҳолати 31 январи соли 2014 масоҳати умумии заминҳои ноҳия 87411 гектарро ташкил медиҳад, ки аз он: заминҳои корам 7697 га, (замини обӣ 3566 га), дарахтони бисёрсола 4341 га, заминҳои боир 53 га, алафзорҳо 139 га, чарогоҳ 50526 га, хоҷагӣ ё шахсӣ 3728 га, ҷангалу буттазор 6829 га, зери об 1149 га, роҳҳо 573 га, зери иморату иншоот 998 га ва дигар заминҳо 11378 га мебошанд.

Дар ноҳия ҳамагӣ 3566 га заминҳои обёришаванда мавҷуд мебошанд, ки аз ин 1785 га тавассути шабакаҳои обкашӣ обёрӣ карда мешаванд. Заминҳои ғайриобӣ дар ноҳия асосан барои истифодаи хоҷагиҳои деҳқонӣ, қисман заминҳои наздиҳавлигӣ ва хоҷагиҳои ёрирасон (заминҳои президентӣ 830 га) ҷудо гардидаанд. Айни замон дар ноҳия 3050 хоҷагии деҳқонӣ ба қайд гирифта шудаанд, ки аз ин 2100 адад хоҷагиҳои деҳқонӣ дар баробари кишти дигар зироатҳо қисман ба боғпарварӣ машғул мебошанд. Илова бар ин майдони асосии боғҳо дар заминҳои хоҷагии деҳқонӣ ва наздиҳавлигӣ ҷойгир мебошанд. Қисми зиёди чарогоҳҳо (28564 га) ба хоҷагиҳои коллективӣ (фермерӣ) деҳқонӣ ва қисми боқимондааш ба хоҷагиҳои деҳқонии инфиродӣ (21962 га) тааллуқ доранд.

**Шакли фаъолияти бахши кишоварзӣ.** Дар давоми соли 2014 дар 9108 га майдони умумии заминҳои корам (бо назардошти ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ, аҳолӣ ва заминҳои наздиҳавлигӣ) пурра кишти зироатҳо гузаронида шуд, ки аз ин барои ғалладонагиҳо 4034 га, картошка 747 га, сабзавот 529 га, полезиҳо 21 га, зироатҳои техникӣ (маҳсар, зағер) 631 га, зироатҳои хӯроки чорво 3146 га рост меояд.

Дар ноҳияи Файзобод айни замон 3086 адад ҳоҷагиҳои кишоварзии шакли моликияташон мухталиф фаъолият доранд, аз ин шумора 3050 адад хоҷагиҳои деҳқонӣ, 19 адад хоҷагиҳои коллективӣ фермерии деҳқонӣ, 5 адад хоҷагиҳои давлатии ёрирасон, 1 адад КВД “Тухмипарвариии ба номи А.Назиров) ва 11 адад корхонаҳои ёрирасони хурд маҷуд аст.

Барои рушди бемайлони соҳаи кишоварзӣ масъалаи таъминот бо техникаи мухталифи муосир нақши муҳим мебозад. Тайи 20 соли охир ба хоҷагиҳои кишоварзии ноҳия ягон намуди техникаи нави замонавӣ (ба истиснои дар соли 2009 тавассути таъсис ёфтани Агролизинг ворид гардидани 1 адад трактори тамғаи М-82, 1 адад ЮМЗ 6Л, 2 адад ЮТО 4, 1 адад ЮТО 1 ва 5 адад трактори тамғаи Тоҷирон) дигар ворид нашудааст ва техникаи дар тавозуни Ассосатсияҳои хоҷагиҳои деҳқонӣ буда фарсуда гардида қисман корношоям шудаанд.

Аз 236 адад тракторҳои мавҷудаи хоҷагиҳои деҳқонӣ 160 адади онҳо ба кор омода буда, 76 ададашон корношоям мебошанд. Тракторҳои шудкоркунда 11,0% (26 адад, 14 коршоям), комбайнҳои ғалладарав 12,7% (30 адад, 20 коршоям), ядакҳои тракторӣ 44,0% (104 адад, 85 коршоям), достҳои тракторӣ 8,5% (20 адад, 10 коршоям), комбайнҳои картошкағундор 2,1% (5 адад, 4 ададаш коршоям) ва сипорҳои тракторӣ 21,7% (53 адад, 48 коршоям) мавҷуд аст.

Дар баробари ин нарасидани қисмҳои эҳтиётӣ, сӯзишворӣ, равғанҳои молиданӣ ва гаронии нархи онҳо ба баланд шудани арзиши маҳсулоти кишоварзӣ бевосита сабаб гардидааст. Қисми зиёди тракторҳо истеҳсоли солҳои 80-и асри гузашта мебошанд, ки

талаботи имрӯзаро қонеъ карда наметавонанд ва барои харидорӣ намудани техникаи нави замонавӣ, шароити молиявии хоҷагиҳо имконнопазир аст. Чунин ҳолат барои рушди минбаъдаи соҳаи кишоварзӣ монеаҳо эҷод менамояд. Дар ҳамин хусус зарур аст, ки дар асоси хоҷагиҳои кишоварзии ноҳия як ассоциатсия ташкил карда шавад.

Бо сабаби даромаднокии пасти истеҳсолот дар хоҷагиҳои ноҳия кам шудани иқтидори (потенсиали) истеҳсолию техникӣ ба назар мерасад. Набудани воридоти зарурии пулӣ ба чандин маротиба кам гардидани хариди техникаи нав ва таҷҳизот, аз ҷиҳати ҷисмонӣ ба хӯрдашавии қисми зиёди воситаҳои асосии хоҷагии кишоварзӣ оварда расонид. Воситаҳои дар гардиш будаи худӣ барои ба таври мавсимӣ фаъолият намудани истеҳсолот намерасад.

***Мушкилоте, ки соҳаи кишоварзии ноҳия аз ин иборат аст:***

*1. Пояи мавҷудаи моддию техникӣ дар ҳолати бад қарор дорад, техника бо сабаби набудани қисмҳои эҳтиётӣ ва равганҳои молиданию, сӯзишворӣ бекор меистад;*

*2. Қисми зиёди техникаи хоҷагии кишоварзӣ захираҳои хешро истифода бурда, аз кор баромадааст;*

*3. Таъмин набудан ба техникаи замонавӣ.*

**Истифодаи заминҳо.** Аз рӯи маълумоти расмӣ ба ҳолати 31 январи соли 2014 майдони умумии заминҳои дар ҳудуди марзию маъмурии ноҳия 87411 гектар (аз ҷумла, 3566 га ва ё 4 фоиз обӣ) ва шумораи заминистифодабарандагон 9360 нафарро ташкил медиҳад. Аз майдони умумии заминҳои мавҷуда 69585 га заминҳои кишоварзӣ, 849 га замини наздиҳавлигӣ (340 га обӣ), 830 га замини ёрирасони шахсӣ, 6829 га ҷангалу бешазор, 1149 га замини зери об, 573 га зери роҳҳо ва роҳҳои чорвогузар, 998 га замини зери иморату иншоот, кӯчаҳо ва майдонҳо ва 11378 га дигар заминҳо мебошанд.

Аз майдони умумии дарахтони бисёрсола 4341 га боғот (1603 га обӣ), 378 га токзор (55 га обӣ), тутзор 134 га (110 га обӣ) ва 3 га ниҳолпарваришгоҳ (3 га обӣ) мебошанд. Заминҳои корами обӣ асосан барои кишти картошка, сабзавот, ғалладонагӣ, зироатҳои техникӣ, зироатҳои хӯроки чорво ва боғҳо истифода бурда мешаванд.

*Диаграммаи №1. Сохтори истифодаи умумии замини кишоварзӣ (ба ҳисоби %)*




Дар ноҳия имконияти зиёд намудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ танҳо бо истифода аз захираҳои истеҳсолии мавҷуда (замин) бо усули андешидани тадбирҳои интенсивӣ (истифодаи тухмиҳои хушсифат, нӯриҳои минералӣ ва органикӣ, ба роҳ

мондани киштгардони заминҳо, яхобмонӣ, ворид намудани технологияи муосир ва шудгори тирамоҳӣ) мавҷуд аст.

Дар ҳамин хусус, яке аз самтҳои афзалиятноки Барномаи рушди ноҳия масъалаҳои зикргардида маҳсуб меёбанд.

Соли 2014 дар майдони 9108 га кишти зироатҳои кишоварзӣ гузаронида шуда буд, ки аз ин 6433 га ба хоҷагиҳои деҳқонӣ, 1127 ба бахши ҷамъиятӣ ва 1548 га ба аҳолӣ рост меомад.

*Диаграммаи №2. Ҳиссаи хоҷагиҳо дар майдони кишти зироатҳои кишоварзӣ дар соли 2014*




Дар сохтори майдони кишти зироатҳо ҳиссаи зиёдро кишти ғалладонагӣ, картошка ва зироатҳои техникӣ ишғол мекунад (44,3%, 8,2% ва 6,9%).

*Диаграммаи №3. Истифодаи замин аз рӯи кишти зироатҳо дар соли 2014 (дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ)*




Соли 2014 майдони кишти зироатҳои кишоварзӣ аз рӯи ҳамаи намуди хоҷагиҳо ба ҳар сари аҳолӣ 0,09 гектарро ташкил дод, ки дар муқоиса ба соли 2011 ба андозаи 0,01 га кам мебошад. Зеро сабаби асосии коҳиш ёфтани ин нишондиҳанда ба афзоиш ёфтани шумораи табиии аҳолӣ (ҳамасола ба ҳисоби миёна 4,5 ҳазор нафар) ва дар ҳаҷми зарурӣ зиёд нагардидани майдони замин (ҳамагӣ дар давоми 5 сол 88 га) марбут мебошад. Илова бар ин, 53 га боир гаштани заминҳои кишоварзӣ низ ба ин мусоидат намудааст.

*Ҷадвали № 7. Маҷмӯи маҳсулоти кишоварзӣ аз рӯи ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ дар солҳои 2009-2014 (млн. сомонӣ)*

| Номгӯи маҳсулот | 2009 | 2010 | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳаҷми маҳсулоти кишоварзӣ | 78,2 | 101,9 | 123,7 | 159,7 | 180,6 | 201,9 |
| Аз ҷумла: | | | | | | |
| Растанипарварӣ | 29,9 | 39,3 | 52,5 | 67,0 | 80,8 | 86,7 |
| Чорводорӣ | 48,3 | 62,6 | 71,2 | 92,6 | 99,8 | 115,2 |

Дар соли 2014 ҳаҷми маҳсулоти умумии кишоварзӣ дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидории ноҳия 201,9 млн. сомониро (бо нархҳои ҷорӣ) ташкил дод, ки нисбат ба соли 2013 – 11,8 фоиз ва дар қиёс ба соли 2009 зиёда аз 2,5 маротиба зиёд мебошад. Аз рӯи соҳаҳо афзоиши маҷмӯӣ маҳсулоти кишоварзӣ бо ифодаи пулӣ ба назар мерасад, ки асосан аз ҳисоби тағйир ёфтани нархҳо ба амал омадааст. Дар ҳаҷми умуми маҳсулоти кишоварзӣ ҳиссаи хоҷагиҳои аҳолӣ 38,3%, хоҷагиҳои деҳқонӣ 27,1% ва бахши ҷамъиятӣ (ҶДММ "Мурғи Ҳилол") 34,6 фоизро ташкил дод.

Дар ноҳияи Файзобод намудҳои гуногуни маҳсулоти растанипарварӣ ва чорводориро истеҳсол менамоянд. Чӣ тавре қайд шуд, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар соли 2014 нисбат ба соли 2013 ба андозаи 11,8 фоиз афзоиш ёфта, ба ҳар сар аҳолӣ он аз ҷумла ғалладонагиҳо 75 кг, сабзавот 108 кг, картошка 142 кг, меваҷот 20 кг, ангур 2,3 кг, полезӣ 1 кг, шир 137 литр, гӯшт 13 кг, тухм 1008 донаро ташкил дод.

Сарчашмаи асосии даромади хоҷагиҳо дар ноҳияи Файзобод асосан аз ҳисоби фурӯши маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ, бахусус фурӯши тухм ва гӯшти мурғ, чорвои калони шохдор, моли майда ва шир мебошад.

Новобаста аз болоравии ҳаҷми маҳсулоти кишоварзӣ (ғалладонагиҳо дар соли 2014 нисбат ба соли 2013 ба андозаи 214 тонна, картошка 600 тонна, сабзавот 570 тонна, гӯшт 67 тонна, шир 55 тонна, тухм 87 млн.дона) даромаднокии хоҷагиҳо таи ин солҳо кам шудааст. Маҳсулоти истеҳсолшуда ба истисноӣ тухм ва гӯшти мурғ наметавонад талаботи дохилии ноҳияро қонеъ гардонад.

Дар истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ҳиссаи аҳолӣ дар қиёс ба дигар шаклҳои хоҷагидорӣ зиёдтар аст. Мутобиқи нақшаи дурнамо дар соли 2018 ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ бо нархҳои соли 2014 ба андозаи 228,0 млн. сомонӣ пешбинӣ шудааст, ки аз ин 107,8 млн. сомонӣ ба соҳаи растанипарварӣ ва 120,2 млн. сомонӣ ба соҳаи чорводорӣ рост меояд. Суръати афзоиши ҳаҷми умумии маҳсулоти кишоварзӣ соли 2018 дар қиёс ба соли 2014-ум 112,9 фоиз пешбинӣ шудааст.

Илова бар ин, мутобиқи пешниҳоди коршиносони маҳаллии ноҳия зиёд намудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар панҷ соли минбаъдаи дар доираи татбиқи Барномаи мазкур аз ҳисоби ба заминҳои корами соҳаи кишоварзӣ ворид намудани 1000 га заминҳои чарогоҳ имконпазир мебошад. Гарчанде онҳо обёрӣ карда намешаванд, вале намнокии таркиби хоки мавзеҳои Печакзор, Гулӯи зиндон, қатортеппаҳои болои деҳаҳои Дуоба, Хоҷамард, Навобод ва Хами савраи ҷамоатҳои деҳоти Қалъаи дашт, Чашмасор, Ҷавонон, Дустмурод Алӣ, Мискинобод ва Меҳробод барои кишти зироатҳои ғалладона (гандум, ҷав, нахӯд, мош), зироатҳои техникӣ (зағер, маҳсар, кунҷит, офтобпараст) ва зироатҳои хӯроки чорво (юнучқа, қатраборон (эспарсет), сулӣ) мусоид мебошад. Зеро намнокии миёнасоланаи мавзеҳои мазкур аз 600 то 800 миллилитрро ташкил медиҳад. Дар ин ҷо вазиши шамол дар фасли баҳору тобистон нисбат ба дигар минтақаҳо камтар мебошад (ба ҳисоби миёна аз 5 то 10 метр дар як сония мерасад).

**Растанипарварӣ.** Дар соли 2014 ҳаҷми умумии маҳсулоти растанипарварӣ дар ҳамаи категорияҳои хоҷагиҳо 86,7 млн. сомониро ташкил дода, нисбати соли 2013 8,5 фоиз ва дар қиёс ба соли 2009 ба андозаи 2,9 маротиба зиёд мебошад. Ҳиссаи маҳсулоти растанипарварӣ дар соли 2014 дар ҳаҷми умумии маҳсулоти кишоварзии ноҳия 43 фоизро ташкил медиҳад.

Дар соли 2014-ӯм 4566 тонна ғалла, 9130 тонна сабзавот, 6535 тонна картошка, 180 тонна полезӣ, 2194 тонна меваҷот истеҳсол шуд.

*Ҷадвали №8. Истеҳсол ва ҳосилнокии маҳсулоти растанипарварӣ дар солҳои 2009-2014*

| Номгӯи нишондиҳандаҳо | Ченак | Солҳо | | | | | | с.2014 нисбати с.2009,% |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2009 | 2010 | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | |
| 1.Майдони кишт | га | 5384 | 4276 | 4417 | 4126 | 4269 | 4034 | 74,9 |
| Ғалладонагӣ | тонна | 9885 | 4275 | 4566 | 6236 | 7079 | 7693 | 73,7 |
| Ҳосилнокӣ | с/га | 18,3 | 10,0 | 10,8 | 15,1 | 16,6 | 18,1 | 98,9 |
| 2.Майдони кишт | га | 567 | 456 | 453 | 516 | 459 | 529 | 93,2 |
| Сабзавот | тонна | 9039 | 9074 | 9130 | 10465 | 9884 | 10533 | 116,5 |
| Ҳосилнокӣ | с/га | 15860 | 198 | 201 | 202,1 | 215,3 | 199,1 | 125,5 |
| 3.Майдони кишт | га | 234 | 255 | 415 | 622 | 743 | 747 | 3 м |
| Картошка | тонна | 4411 | 5162 | 6535 | 10857 | 13273 | 13826 | 3 м |
| Ҳосилнокӣ | с/га | 183,3 | 202 | 156 | 174,1 | 178,6 | 184,8 | 98,1 |
| 4.Майдони кишт | га | 25 | 8 | 15 | 32 | 6 | 21 | 84,0 |
| Полезӣ | тонна | 62 | 77 | 180 | 56 | 57 | 106 | 170,9 |
| Ҳосилнокӣ | с/га | 24,8 | 9,6 | 12 | 17,2 | 95 | 50,4 | 2 м |
| 5.Майдони боғу ток | га | 2377 | 2415 | 3001 | 3006 | 2835 | 3068 | 129,0 |
| Меваҷот ва ангур | тонна | 2828 | 1770 | 2994 | 2646 | 1351 | 1780 | 62,9 |
| Ҳосилнокии меваҷот | с/га | 117 | 7,8 | 11,2 | 8,8 | 4,8 | 5,7 | 48,7 |
| Ҳосилнокии ангур | с/га | 11,0 | 3,2 | 6,5 | 6,7 | 4,2 | 6,7 | 60,9 |
| 6.Майдони кишт | га | 3206 | 3266 | 3133 | 3104 | 3115 | 3146 | 98,1 |
| Зироатҳои х/чорво | тонна | 10603 | 10620 | 11592 | 11600 | 11903 | 13070 | 123,2 |

Таҳлил нишон медиҳад, ки ҳаҷми маҳсулоти растанипарварӣ дар тӯли солҳои нишондодашуда ба ғайр аз полезӣ тамоюли болоравӣ дошта, ҳосилнокӣ аз гектар нисбатан зиёд шудааст. Майдони кишти полезӣ сол аз сол кам шуда, майдони кишти ғаладонагӣ, сабзавот, картошка ва мева зиёд шудааст.

Дар ноҳия маҳсулоти ғалладонагӣ, аз ҷумла гандум истеҳсол карда мешавад. Дар соли 2014 барои парвариши ғалладонагӣ 4034 гектар, сабзавот 529 гектар, картошка 747 гектар, полезӣ 21 гектар ва майдони токзор 3068 гектар ҷудо карда шуда буд. Истеҳсоли маҳсулот дар хоҷагиҳои кишоварзӣ соли 2014 дар қиёс ба соли 2013 аз ҷумла, ғалладонагиҳо 103,1 фоиз, сабзавот 106 фоиз, картошка 101 фоиз зиёд шуда, мева 31,7 афзоиш ёфтааст. Дар ноҳия ҳиссаи хоҷагиҳои деҳқонӣ, ки қисми зиёди гандум истеҳсол мекунанд 70,0 фоизро ташкил медиҳад.

**Сабабҳои асосии ҳосилнокии пасти зироатҳои кишоварзӣ нисбат ба сатҳи имкониятдошта, аз инҳо иборат аст:**

- *рушди раванди шӯршавии хок. Бо сабаби кам гардидани маблаггузорӣ аз буҷа таи солҳои охир хизматрасонии техникии шабакаҳои насосӣ, наҳрҳои (каналҳо) обёрикунанда ва системаи заҳбуркашӣ (дренажӣ) гузаронида намешавад. Хизматрасонии нокифояи техникӣ ва ҳолати дренажӣ ба баландшавии сатҳи обҳои зеризаминӣ ва шӯршавии хок оварда мерасонад;*
- *ғайрикифоя ва ё самаранок истифода бурдани нуриҳои маъданӣ ва дигар заҳрхимикатҳо;*
- *истифода набурдани системаи киштгардон;*
- *номукаммалии муносибатҳои миёни хоҷагиҳои деҳқонӣ ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия.*

***Ғалладонагӣ.*** Дар ноҳия дар майдони 4034-га кишт барои парвариши маҳсулоти ғалладонагӣ, аз ҷумла, гандум, ҷав ва дигар ғаллагиҳо ҷудо карда шудааст. Дар сохтори майдони кишти ғалладонагӣ 85 фоизро кишти гандум дар бар мегирад. Дар ноҳия ҳиссаи хоҷагиҳои хонагӣ, ки дар қисми зиёди замин гандум парвариш мекунанд 80 фоизро ташкил медиҳад.

Дар соли 2014 дар ҳамаи категорияҳои хоҷагиҳои кишоварзии ноҳия 7293 тонна ғалладонагӣ истеҳсол карда шуд, ки ин нисбати соли 2013 -213 тонна ё 3,0 фоиз зиёд мебошад. Гарчанде майдони кишти ғалладонагӣ дар ин давра нисбати соли 2013 5,5 фоиз кам карда шудааст ва афзоиши ҳаҷми истеҳсол асосан аз ҳисоби зиёд намудани ҳосилнокӣ мебошад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар давоми панҷ соли охир аз ин ҳисоб кам кардани кишти ғалладонагӣ майдони кишти сабзавот ва картошка васеъ карда шудаст.

Дар баробари ғаллакорӣ барои ноҳия сабзаводкорӣ, полезӣ ва боғдорӣ низ соҳаи афзалиятнок мебошад. Таи панҷ соли охир майдони кишти сабзавот 1,5 маротиба зиёд карда шуда, истеҳсоли маҳсулоти сабзавотӣ 1,5 маротиба ва ҳосилнокӣ 5,0 фоиз афзоиш ёфтааст. Аҳолӣ асосан ба парвариш сабзӣ, пиёз, помидор, бодринг,турб, шалғам, қаламфур, қаламфури болгарӣ, карам, картошка ва каду шуғл дошта, сарчашмаи даромад барои қисми бештари аҳолӣ махсуб меёбад.

Бо мақсади таъмини аҳолӣ бо маҳсулоти истеҳсоли худӣ ва пешгирӣ намудани афзоиши нарх дар бозор, сол аз сол болоравии истеҳсоли маҳсулоти растанипарварӣ дар назар аст. Аз рӯи нақшаи нишондиҳандаи дурнамо дар солҳои 2012-2015 майдони кишти сабзавот аз 100 то 103 фоиз васеъ шуда, истеҳсоли сабзавот 103 фоиз афзоиш меёбад. Аз ҷумла соли 2014 дар қиёс ба соли 2010 истеҳсоли сабзавот 136%, картошка 140%, полезӣ 115%, мева ва ангур 151% зиёд карда шудааст.

Дар муқоиса нисбат ба соли 2012 майдони кишти умумии зироатҳо бинобар сабаби 480 га ҷудо гардидани фонди манзил дар соли 2014 зиёд нагардидааст, вале имконияти зиёд намудани майдони кишти зироатҳо аз ҳисоби дигар заминҳо дар миқёси ноҳия мавҷуд мебошад.

Солҳои охир дар сатҳи кофӣ инкишоф наёфтани соҳаи кишоварзии ноҳия бахусус соҳаҳои чорводорӣ ва растанипарварӣ ба омилҳои зерин вобаст аст:

- *набудани корхонаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ;*
- *маҳдуд будани дастрасии хоҷагиҳои фермерӣ ба қарзҳои камфоизу дарозмуҳлат;*
- *паст будани хизматрасониҳо ва ҳолати бади инфрасохтор дар хоҷагии кишоварзӣ бахусус дар системаи таъминоти нокифоя бо оби полезӣ ва роҳҳои маҳаллӣ;*
- *қарздор будани хоҷагиҳои деҳқонӣ;*
- *дастгирӣ накардани ташаббуси деҳқонон ҷиҳати афзоиши истеҳсоли маҳсулот;*

**Боғпарварӣ.** Боғпарварӣ низ яке аз соҳаҳои асосии кишоварзии ноҳия ҳисоб ёфта, дар бобати таъминоти аҳолӣ бо озуқаворӣ, афзун гардонидани имкониятҳои содиротии ноҳия ва ба кори доимӣ таъмин намудани аҳолӣ мавқеи муайянро ишғол менамояд. Обу ҳавои мусоиди минтақа бахусус барои парвариши меваю токзор имконият фароҳам меорад, ки майдони онҳо аз ҳисоби ниҳолҳои серҳосил ва интенсивӣ сол аз сол зиёд гардида, талаботи аҳолӣ ба меваҷот пурра таъмин ва қисми зиёди он содирот мешавад.

Талаботи рӯзафзун ба меваҷот ва масолеҳи сохтмонӣ бахусус чубу тахта (аз ҳисоби шинондани дарахтони бехмева) водор месозад, ки аз шароити мусоиди иқлими ноҳия истифода намуда, дар оянда боғу токпаварӣ ривоҷ дода шавад. Дар ноҳия ҳамагӣ 4341 га боғҳо, токзорҳо ва тутзорҳо вуҷуд дорад. Танҳо дар солҳои 2010-2014 дар хоҷагиҳои ноҳия зиёда аз 712 га боғу токи нав бунёд карда шудааст, ки дар оянда зиёд намудани истеҳсоли меваю ангур ва инкишоф додани ин соҳа хеле имконияти калон аст. Шароити иқлимии ноҳия барои истеҳсоли мева хело мусоид аст. Алҳол ба парвариши зардолуву себу нок нисфи хоҷагиҳои хонагии ноҳия машғул мебошанд, ки аз он солҳои охир даромади зиёд мегиранд.

Мушкилиҳое, ки дар роҳи пешбурди соҳаи боғпарӣ монеъагӣ дорад, ин пеш аз ҳама баркарор намудани базаи моддию техники соҳаи боғпаварӣ (истифодаю нигоҳдории зархимикатҳо, нигаҳдорию кашонидан ва бастабандии меваю ангур) мебошад. Инчунин солҳои охир, майдони аксари боғҳои ноҳия аз сабаби нагузаронидани чорабиниҳои агротехникӣ, бахусус кӯҳнашавии дарахтон хароб гардидааст.

*Ҷадвали №9. Нақшаи бунёди майдони боғу токзор дар давраи солҳои 2010-2014 (га)*

| № | Номгуи ниҳолҳо аз рӯи намудаш | Воҳиди ченак | Солҳо | | | | | Бунёди боғ ва токзор дар с. 2014 нисбати с. 2010 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | 2010 | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | |
| 1 | Ҳамагӣ ниҳолҳои бисёрсола | га | 63,4 | 74,1 | 70 | 62,3 | 442 | 7 баробар |
| | аз он обӣ | га | 4,6 | 5 | 4,3 | 7 | 130 | 32 баробар |
| 2 | Тухмакдор | га | 55,2 | 66,6 | 67,2 | 49,3 | 417 | 7 баробар |
| | аз он обӣ | га | 3 | 4 | 3 | 4 | 125 | 4 баробар |
| 3 | Донакдор | га | 4,4 | 6,5 | 1,6 | 6,5 | 16 | 3 баробар |
| | аз он обӣ | га | - | 1 | - | 1 | 2 | 2 баробар |
| 4 | Мағздор | га | - | - | - | 0,5 | 2 | 2 баробар |
| 5 | Токзор | га | 3,8 | 1 | 1,3 | 6 | 7 | 2 баробар |
| | аз он обӣ | га | 1,6 | - | - | 2 | 3 | 2 баробар |

Таи солҳои охир барои амалӣ гардонидани «Барномаи мақсадноки давлатии рушди соҳаи боғдорӣ ва тадриҷан зиёд намудани истеҳсоли мева, парвариши ниҳолҳои дарахтони мевадиҳанда ва ҳамешасабз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2007-2010» ва Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 августи соли 2009 №683 «Дар бораи тадбирҳои иловагӣ доир ба рушди соҳаи боғу токпарварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2014» зиёд намудани майдони боғу токзор, истеҳсоли мева ва ангур дар солҳои оянда ба нақша гирифта шудааст.

Солҳои охир истифода набурдани захрхимикатҳо ва нагузаронидани дигар чорабиниҳои агротехникӣ ба муқобили ҳамагуна ҳашаротҳои зараррасон боиси нест шудани боғу токзорҳо дар ноҳия гардида, ба паст шудани ҳосилнокӣ оварда расонидааст. Дуруст ба роҳ мондани муҳофизати боғҳо аз касалиҳо ва ҳашаратҳои зараррасон метавонад дар баланд шудани ҳосилнокӣ ва афзоиши истеҳсоли меваҷот кӯмак расонад.

*Дар панҷ соли оянда дарёфти маблаг барои нигаҳдорӣ, бастубанд ва содироти маҳсулотҳои кишоварзӣ бо истифодаи усулҳои агротехникӣ, механикӣ, биологӣ ва кимиёвӣ, яке аз ҳадафҳои асосии Барномаи мазкур аст.*

**Шабакаи обёрии полезии ноҳия.** Пурра обёрӣ ва беҳтар намудани ҳолати мелиоративии заминҳои корами ноҳия яке аз афзалиятҳои асосии бахши соҳаи кишоварзӣ ба шумор меравад. Дар мавриди ҳозира аз 6055 га заминҳои обёришавандаи ноҳия 1200 га тавассути шабакаҳои обёрӣ (наҳру ҷуйбор вановаҳои оҳану бетонӣ ва пойгоҳҳои обкашӣ) обёрӣ мешаванд. Сабаби асосии пурра обёрӣ нагардидани заминҳои обёришаванда ба куҳнаву фарсуда гардидани пойгоҳҳои обкашӣ ва чоҳҳои амудии ноҳия (бинобар солҳои тӯлонӣ мавриди истифода қарор гирифтан (аз соли 1973 асри гузашта) корношоям гаштани шабакаҳои обгиранда дар деҳаи Лолагӣ, деҳаи Бустон, Дашти Марзо, Навбаҳор, Фақиробод ва Қанғелӣ мансуб мебошад. Дар давраи собиқ Иттиҳоди Шуравӣ истгоҳи обпартои 50 солагии Тоҷикистон бо баландии 1 ва 2 тавассути наҳри 50 солагӣ ба масофаи 29 км дарозӣ ба 1200 га заминҳои ноҳияи Файзобод аз дарёи Кофарниҳон оби полезӣ дастрас мегардид.

Аммо бинобар фарсуда ва пурра аз кор бозмондани ин пойгоҳҳоло ҳамагӣ 120 га заминҳои ин мавзеъ обёрӣ мегарданд, ки даҳ маротиба кам буда хеле ташвишовар мебошад. Чунин ҳолат ба паст гаштани ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ ва ҳаҷми истеҳоли маҳсулоти соҳа таъсири манфӣ расонида барои аз байн рафтани зиёда аз 3000 ҷойи корӣ мусоидат намудааст. Дар ҳамин хусус ҳаллу фасл намудани чунин мушкилӣ тариқи буҷети маҳаллӣ ғайриимкон мебошад. Дар мавриди ҳозира заминҳои обии аз обёрӣ бозмондаи (1080га) мавзеи мазкур (Ҷамоатҳои деҳоти Бустон, Меҳробод ва Вашгирд) ҳамчун лалмӣ истифода мегарданд.

Ҳоло дар ноҳия 58 км каналҳои магистралии байнихоҷагӣ, 59 км каналҳо ва шабакаҳои обёрии дохили хоҷагиҳо, 8 пойгоҳҳои обкашӣ, 42 адад чоҳҳои амудӣ (аз ин 16 адад ба хоҷагии об тааллуқ дошта 26 адади боқимонда ба хоҷагиҳои деҳқони дахл доранд), 5 адад сарбандҳои каналҳои обрасонӣ мавҷуд аст. Бинобар мавриди тулонӣ истифода гардидани чунин таҷҳизоту иншоотҳо зиёда аз 80% онҳо ба таъмири асосӣ ва таҷдид (аз навсозӣ) эҳтиёҷ доранд. Мутобиқи ҳисобу китоби коршиносон барои таъмири пурраи ин дастгоҳу иншоотҳои зикршуда зиёда аз 5 млн. сомонӣ зарур мебошад. Ин корро танҳо бо ҷалби сармоя, аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ ва созмонҳои байнамилалӣ амалӣ намудан мумкин аст. Аз пурра истифода нагардидани ин заминҳо дар як сол танҳо аз ҳисоби кишти картошка анқариб ба андозаи 400 ҳазор сомонӣ зарар мерасад, ва ин нишондиҳанда шартан дар давоми 15 соли аз кор боз мондани пойгоҳи обкашӣ тақрибан ба 6 млн.сомонӣ расидааст.

*Ҷадвали №10. Ҳолати пойгоҳҳои обкашӣ*
*дар соҳаи кишоварзӣ ба ҳолати 01.01.15*

| № | Номгӯи Ҷамоатҳо | Ҳамагӣ | Омодаи кор | Таъмирталаб | Миқдори заминҳое, ки об медиҳанд, га |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Бустон | 1 | корношоям | 2 агрегат | 120 |
| 2 | Вашгирд | 2 | 2 агрегат | 4 агрегат | 185 |
| 3 | Д.Алӣ | 1 | 1 агрегат | 3 агрегат | 220 |
| 4 | Қалъаи Дашт | 1 | 1 агрегат | 4 агрегат | 530 |
| | Ҳамагӣ дар ноҳия | 5 | Х | Х | 1055 |

Аз 42 адад чоҳҳои амудии ноҳия ҳоло 26,7 фоиз, ё ки 12 адад кор мекунаду халос боқимонда 30 адад ё 73,3 фоиз корношоям мебошанд, ки ин хеле ташвишовар мебошад.

**Чорводорӣ.** Чорводорӣ дар баробари дигар соҳаҳо яке аз бахши асосии кишоварзии ноҳия буда, вазни қиёсии он дар маҷмӯи маҳсулоти кишоварзӣ 57 фоизро ташкил менамояд. Дар соли 2014 хоҷагиҳои кишоварзӣ 115,2 млн. сомони маҳсулот истеҳсол намудаанд, ки нисбати соли 2013 108,5 фоиз зиёд мебошад.

Дар ноҳия аз рӯи ҳисобгирии хоҷагиҳои шахсӣ зиёда аз 42317 сар чорвои калони шохдор, аз ҷумла 20018 сар модагов, 98418 сар чорвои майда, 1480 сар асп ва 725954 сар паранда мавҷуд аст.

*Ҷадвали №11. Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти чорводорӣ*
*дар солҳои 2011-2014*

| Номгӯи маҳсулот | Воҳиди ченак | Солҳо | | | | с. 2014 нисбати с. 2011 (%) |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | |
| Гӯшт бо вазни зинда | тонна | 1064 | 1410 | 1224 | 129111 | 121,3 |
| Шир | тонна | 6440 | 12500 | 13349 | 13404 | 208,1 |
| Тухм | ҳаз. дона | 86731 | 89131 | 98229 | 98316 | 113,3 |
| Пилла | тонна | 2 | 4 | 4 | 3,2 | 160,0 |
| Асал | тонна | 51 | 52 | 56 | 60 | 117,6 |
| Пашм | тонна | 39 | 44 | 45 | 48 | 123,0 |

*Ҷадвали№12. Саршумори умумии чорво дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ*
*дар солҳои 2009-2014 (ҳаз. сар)*

| № | Нишондиҳандаҳо | 2009 | 2010 | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. | Чорвои калони шохдор | 30818 | 32234 | 35365 | 36733 | 37871 | 42317 |
| Аз ҷумла мода гов; | | 14278 | 16009 | 17707 | 18907 | 19604 | 20018 |
| 2. | Бузу гӯсфанд | 61535 | 70186 | 76985 | 81323 | 89046 | 98418 |
| 3. | Парранда | 461089 | 673160 | 769920 | 749385 | 708283 | 725954 |
| 4. | Асп | 1624 | 1632 | 1705 | 1495 | 1444 | 1480 |
| 5. | Замбури асал | 3885 | 5513 | 6062 | 6146 | 6643 | 7022 |

Аз рӯи маълумоти расмии оморӣ дар ноҳия ба ҳолати 1 январи соли 2014 ҳамагӣ 42317 сар чорвои калони шохдор ба қайд гирифта шудааст.

Дар ноҳияи Файзобод барои баланд бардоштани маҳсулнокии соҳаи чорводорӣ, ташкили базаи хӯроки он ва дар ин замина зиёд намудани маҳсулоти чорво имкониятҳо мавҷуд аст, зеро 80,7 фоизи масоҳати умумии заминҳои кишоварзиро чарогоҳҳо ташкил медиҳанд. Сол аз сол зиёд шудани саршумори чорво дар самти бахши хусусӣ метавонад боиси афзоиши сарчашмаи даромади буҷаи оилавӣ ва беҳтар шудани сатҳи зиндагии аҳолӣ гардад.

Рушди соҳаи коркарди пӯст ва пашм ҷиҳати пайдо намудани арзиши иловашудаи маҳсулоти истеҳсолӣ, аз ин ҳисоб ғанӣ гардонидани буҷети маҳаллӣ, таъмини бозори дохилӣ ва баланд бардоштани истеҳсоли содиротии ноҳия, ташкили ҷойҳои нави корӣ, ки барои паст кардани сатҳи камбизоатӣ мусоидат менамояд, аҳмияти иқтисодӣ дорад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки миқдори зиёди пӯсту пашм дар ноҳия мавҷуд буда, бинобар набудани нуқтаҳои қабул ва коркард нашудани онҳо бекор хобидаанд. Дар сурати ба роҳ мондани коркарди корхонаҳои пӯсту пашм ҷойҳои нави корӣ пайдо шуда, аз ин ҳисоб ба буҷети маҳаллӣ маблағҳои иловагӣ ворид мегарданд, ки ин метавонад барои паст намудани сатҳи камбизоатӣ дар ноҳия мусоидат намояд.

*Мушкилоти асосӣ барои хоҷагиҳои чорводор набудани корхонаҳои хурди коркарди маҳсулоти ширӣ аст. Таъсис додани корхонаи коркарди маҳсулоти ширӣ ва пашм бо назардошти истифода аз манбаи мавҷудаи ашёи хоми маҳаллӣ яке аз самтҳои асосии Барномаи рушди ноҳия дарояндаи наздик аст.*

*Барои баланд бардоштани маҳсулнокии соҳаи чорводорӣ ва ба соҳаи сердаромад табдил додани он дар ноҳия зарур аст:*

- *зиёд намудани кишти заминҳои растаниҳои равгандор дар хоҷагиҳо барои хӯроки чорво;*
- *барои хушзот намудани чорво ташкил намудани базаи наслҳои хушзот дар хоҷагиҳои чорводор;*
- *зиёд намудани саршумори чорво дар хоҷагиҳои чорвопарвар.*

Ба ин мақсад дар сатҳи миллӣ *«Барномаи коркарди пурраи ашёи хоми чорво (пӯст ва пашм) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2015»* ба тасвиб расидааст, ки дар доираи он ташкили нуқтаҳои ҷамъоварии ашёи хоми чорво (пӯст ва пашм) тӯли солҳои оянда, зиёд кардани истеҳсол ва ҷамъоварии ашёи хоми чорво дар ноҳияҳои чорводорӣ ҷумҳурӣ аз ҳисоби маблағҳои буҷети маҳаллӣ, ҷалби сармояи хориҷӣ, Иттифоқи «Тоҷикматлубот» дар назар дошта шудааст.

**Бойторӣ.** Рушди соҳаҳои чорводорӣ, замбӯри асалпарварӣ ва паррандапарварӣ аз хадамоти сифатноки бойторӣ ҷиҳати сари вақт пешгирӣ намудани касалиҳои сирояткунанда вобастагӣ дорад. Дар ноҳия як идораи бойторӣ, 3 нуқтаҳои бордоркунии сунъӣ (аз ин 2 нуқта давлатӣ ва 1 адад хусусӣ (дар назди Хоҷагии деҳқонии “Дошмандӣ”) фаъолият дорад.

Мушкилоти асосие, ки дар ин самт ба мушоҳида мерасад ин пеш аз ҳама набудани таҷҳизот ва техникаҳои замонавӣ, норасоии мутахассисони соҳа аз рӯи саршумори чорво, бинобар гарон будани нархи доруворӣ дастрасӣ барои харидории ваксинаҳо ғайриимкон аст. Барои беҳтар намудани зотнокӣ, маҳсулнокӣ ва солим нигоҳ доштани чорвои зотӣ дар ҳар як ҷамоати деҳоти ноҳия таъсис додани марказҳои хизматрасонии байторӣ (клиникаи байторӣ, нуқтаҳои бордоркунии сунъӣ, фурӯши доруворӣ ва павариши буққаҳои хушзоти наслдиҳанда) зарур мебошад.

Барои дар сатҳи баланд ба роҳ мондани хизматрасонии бойтории ноҳия ва дар ин замина роҳ надодан ба талафшавии чорвою парранда аз ҳисоби касалиҳои инфексионӣ, ғайриинфексионӣ ва инвазионӣ, дар байни чорвои ҷамъиятӣ ва шахсӣ корҳои зеринро ба анҷом расонидан лозим аст.

* *Ташкил намудани ҷойҳои махсус барои забҳи чорво(ҷиҳати нест кардани хуну дигар партовҳои нолозим),*
* *Ташкил кардани чоҳҳои Беккерӣ барои гӯронидан ва сӯзонидани чорвои талафётаи шубҳанок;*
* *Дастрас намудани доруҳои безараргардонии манбаи дорои касалии сироятӣ ва дар ин замина нигоҳ доштани тозагӣ аз ифлосшавии муҳити атроф.*
* *Ташкили нуқтаҳои бордоркунии сунъӣ дар минтақаҳои гуногуни ноҳия.*

Маҳдуд будани маблағгузорӣ ба соҳаи мазкур имконият намедиҳад, ки мушкилотҳои ба миён омада вобаста ба пешгирии касалиҳои сирояткунанда дар байни чорвои ҷамъиятӣ ва шахсӣ, беҳтарсозии насли чорво, ташфиқу тарғиби таҷрибаҳои пешқадам ва дар амал татбиқ намудани дастовардҳои илмии соҳаи бойторӣ чораҳои саривақтӣ андешида шавад.

**2.2. Соҳаи саноат**

Ба ҳолати 31 декабри соли 2014 дар ноҳияи Файзобод 18 адад корхонаи хурду миёнаи саноатӣ ба қайд гирифта шудааст, ки аз ин 14 тоаш фаъолият менамояд. Самти асосии саноати ноҳия ба истеҳсоли неруи барқ (НБО хурди "Чашмасор 1", "Чашмасор 2" ва Эшоно), масолеҳи сохтмонӣ (хиштҳои профили мухталиф, дару тирезаи пластикӣ, дӯхти либос), хӯрокворӣ (маҳсулоти қаннодӣ, обҳои маъданӣ ва нӯшокиҳои гуногуни мевагӣ, коркарди маҳсулоти кишоварзӣ (қаймоқ, кефир, ҷурғот, дуғ творог, мураббои мевагӣ, повидло ва консерваи меваю сабзавот) нигаронида шудааст. Таҷҳизоти мавҷудаи корхонаҳои саноатии ноҳия кӯҳнаву фарсуда гардида ба талаботи имрӯза ҷавоб дода наметавонанд.

Дар ҳамин замина, ҳадафи асосии Барномаи мазкур дар бахши саноат тариқи ворид намудани таҷҳизотҳои муосири коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, дигаргун намудани технолигияи сохтори истеҳсолоти саноатӣ ҷиҳати ба роҳ мондани истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазир барои баланд бардоштани сифати маҳсулоти истеҳсолшаванда ва таъсиси ҷойҳои кории нав равона мегардад.

Соҳаи мазкур дар соли 2014 дар ҳаҷми 6,2 млн. сомонӣ маҳсулот истеҳсол намудааст, ки нисбат ба давраи соли 2012 ба андозаи зиёда аз 15,1 фоиз ва ё 1,1 млн. сомонӣ кам мебошад. Дар соли 2011 ба андозаи 6,8 млн.сомонӣ, 2012 ба 7,3 млн. сомонӣ, соли 2013 бошад ба 3,5 млн.сомонӣ маҳсулоти саноатӣ истеҳсол шудааст. Сабаби асосии дар соли 2014 паст рафтани истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ аз кор боз мондани ҶСШК "Шарбати Файзобод" ва ҶДММ "Суҳробҷон 2010" марбут мебошад.

*Ҷадвали №12. Ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар солҳои 2012-2014 (ҳазор сомонӣ)*

| № | Номгӯи корхонаҳо | Солҳо | | | 2014/2012 (бо %) |
|---|---|---|---|---|---|
| | | 2012 | 2013 | 2014 | |
| 1 | Корхонаи истехсоли хишт | 53,0 | 59,0 | 80,5 | 152,0 |
| 2 | ҶДММ "Гулоб" | 5,7 | 6,4 | 12,3 | 2,1 м |
| 3 | ҶДММ "Гумбулоқ" | 147,4 | 292,6 | 367,6 | 2,5 м |
| 4 | ҶДММ "Файз 2011" | 95,7 | 119,8 | 206,9 | 2,2 м |
| 5 | ҶДММ "Умед 79" | - | 21,4 | 41,8 | - |
| 6 | ҶДММ "Абдулло 86" | - | 63,8 | 73,4 | - |
| 7 | ҶДММ "Рауфҷони С" | - | 75,9 | 156,6 | - |
| 8 | ҶДММ "Наврузҷон 89" | - | 57,0 | 72,3 | - |
| 9 | ҶДММ "Сорбон Хайр" | 16,2 | 24,4 | 22,1 | 136,4 |
| 10 | ҶДММ "Муил" | 12,3 | 26,2 | 28,6 | 2,3 м |
| 11 | ҶДММ "Шайх Назруллоҳ" | - | 17,0 | 17,0 | - |
| 12 | Идораи таъбу нашр | 1,9 | 3,5 | - | - |
| 13 | Ҷамъияти "Матлубот" | 20,8 | 65,7 | 34,6 | 166,3 |
| 14 | ҶДММ "Максимус" | - | 3,0 | 3,5 | - |
| | Ҳамагӣ | 353 | 835,3 | 1117,2 | 3,2 м |

Сабаби дигари паст шудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ин дақиқ набудани маълумотҳои оморӣ дар самти коркарди ғалла дар микёси ноҳия мебошад.

Бояд қайд кард, ки дар солҳои қаблӣ ҳаҷми умумии ғаллаи истеҳсолгардида пурра ҳамчун коркард ба ҳисоб гирифта мешуд.

Ҳамчунин дар 5 соли амали гаштани Барномаи мазкур дар ноҳия бунёди 10 адад корхонаи хурду миёнаи саноатӣ ба инобат гирифта шудааст.

Таҳлили маълумотҳо нишон медиҳад, ки дар мавриди ҳозира корхонаҳои саноатии ноҳия аз рӯи иқтидори лоиҳавиашон фаъолият намекунанд, ки чунин ҳолат ба самаранокии истеҳсолоти саноатии ноҳия таъсири манфи мерасонад.

*Ҷадвали №13. Хусусияти корхонаҳои саноати аз рӯи истеҳсоли намудҳои маҳсулот ва иқтидори корхонаҳои саноатӣ*

| № | Номгӯикорхонҳо | Намуди фаъолият | Иқтидори лоиҳавии солона | Иқтидори истифода-шаванда | Ҳолати техникӣ | Шумораи коргарон нафар | Бозори фурӯш |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Корхонаи истеҳсоли хишт | Истеҳсоли хишт ҳаз. дона | 500 | 172,0 | Коршоям Фарсуда | 22 | дохилӣ |
| 2 | ҶДММ “Гулоб” | Оби маъдани ҳазор декалитр | 10,0 | 4,2 | Коршоям | 4 | Дохилӣ ва хориҷӣ |
| 3 | ҶДММ “Гумбулоқ | Оби маъдани ҳазор декалитр | 150000 | 20,9 | Коршоям Фарсуда | 10 | Дохилӣ ва хориҷӣ |
| 4 | ҶДММ “Лаъл Скан” | Девори бетонӣ $М^2$ | 200 | 160 | Коршоям Фарсуда | 6 | дохилӣ |
| 5 | ҶДММ “Файз 2011” | Пластика $М^2$ | 1000 | 587,9 | Коршоям Фарсуда | 4 | дохилӣ |
| 6 | ҶДММ “Умед 79” | Пластика $М^2$ | 100 | 9,0 | Коршоям | 2 | дохилӣ |
| 7 | ҶДММ “Абдулло 86” | Хишти сементӣ ҳаз. дона | 50 | 23,7 | Коршоям Фарсуда | 2 | дохилӣ |
| 8 | ҶДММ “Рауфҷони С” | Хишти сементӣ ҳаз. дона | 70 | 54,0 | Коршоям Фарсуда | 2 | дохилӣ |
| 9 | ҶДММ “Наврузҷон 89” | Хишти сементӣ ҳаз. дона | 50 | 28,3 | Коршоям Фарсуда | 2 | дохилӣ |
| 10 | ҶДММ “Сорбон Хайр” | Хишти сементӣ ҳаз. дона | 20 | 5,0 | Коршоям | 2 | дохилӣ |
| 11 | ҶДММ “Муил” | Хишти лойи ҳаз. дона | 50 | 21,7 | Коршоям Фарсуда | 2 | дохилӣ |
| 12 | ҶДММ “Шайх Назруллоҳ” | Обҳои ранга ва маъдани ҳазор декалитр | 2,4 | 1,1 | Коршоям Фарсуда | 2 | дохилӣ |
| 13 | Ҷамъияти “Матлубот” | Консерва ва шарбати меваҳо ҳазор қутти | 3,5 | 2,1 | Коршоям Фарсуда | 3 | дохилӣ |
| 14 | ҶДММ “Максимус” | Хишти сементи ҳазор дона | 6,5 | 3,0 | Коршоям Фарсуда | 2 | дохилӣ |

***Иқтидорҳои истифоданашуда.*** Ноҳияи Файзобод дорои захираи зиёди ашёи хоми маҳаллӣ, бахусус ҳаҷми барзиёди истеҳсоли меваи себ, нок, гелос, зардолу, шафтолу ва ангур мебошад, ки дар сурати пурра коркард намудани онҳо самаранокии иқтисоди дар истеҳсолоти чунин меваҳо таъмин гардида иқтидори содиротии ноҳия ба маротиб меафзояд.

Ба роҳ мондани истеҳсоли нерӯи барқ тавассути истифодаи суръати шамол дар ҷамоати шаҳраки Файзобод ва ҷамоатҳои деҳоти Мискинобод, Қалъаи Дашт, Ҷавонон ва Д.Алӣ барои мунтазам тамоми сол таъмин намудани аҳоли бо нерӯи барқ ва фаъолияти мунтаззами корхонаҳои саноатӣ ва рушди минбаъдаи соҳа мусоидат менамояд. Мутобиқи ҳисобу китоби коршиносон суръати миёнаи шамол дар ин мавзеъҳо дар 1 сония ба 16-18 метр расида барои истеҳсоли 2 кВт нерӯи барқ имкон медиҳад.

Бунёди корхонаи истеҳсоли семент бо иқтидори солонаи 50 ҳазор тонна дар заминаи коркарди ашёи хоми маҳалли дар ҷамоати деҳоти Чашмасор барои бо ҷойи кори доими таъмин намудани 250 нафар.

**Мушкилии соҳа:**

- *Кӯҳнаю фарсуда шудани таҷҳизот ва сатҳи пасти фаъолияти инноватсионии корхонаҳо;*
- *Истифода набурдани усулҳои нави менеҷмент ва маркетинг дар корхонаҳо;*
- *Набудани инвеститсияи дохилию берунӣ барои рушди соҳа ва имконияти маҳдуд ҷиҳати фаъолият дар реҷаи такрор истеҳсолкунии васеъ.*

### 2.3. Соҳибкории хурд ва миёна (СХМ)

**Нақши соҳибкории хурду миёна дар иқтисодиёти маҳаллӣ.** Барои рушди ноҳияи Файзобод соҳибкории хурд захираи азим ба ҳисоб меравад. Дар ноҳияи Файзобод бахши СХМ асосан тавассути истеҳсолоти кишоварзӣ, хариду фурӯш, савдои чакана, хизматрасонӣ ва ғайраҳо рушд намуда истодаанд. Рушди минбаъдаи иқтисодию ичтимоии ноҳияи Файзобод аз рушди соҳибкории хурду миёна алоқамандии ногусастанӣ дорад. Соҳибкории хурду миёна дар иқтисодиёти ноҳия мавқеи муҳим дорад ва бояд минбаъд низ соҳаи асосии рушди иқтисодиёти ноҳия гардад.

Мутобиқи натиҷаҳои таҳлил дар ноҳияи Файзобод шумораи субъектҳои соҳибкории шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ (шахсони воқеӣ) тамоюли зиёдшавӣ дошта, дар соли 2014 ҳамагӣ 3069 ададро (аз ҷумла 14 шахси ҳуқуқӣ, 2952 адад шахси воқеъӣ ва 103 адад бо патент) ташкил додааст. Соҳибкории хурду миёна (СХМ) дар таъмини аҳолӣ бо ҷойҳои корӣ нақши муҳимро иҷро менамояд, зеро айни ҳол дар субъектҳои мазкур 15450 нафар бо ҷойи корӣ таъмин гаштаанд. Дар соли 2014 дар ноҳия соҳибкорони дорои патент 103 нафар буданд, ки 31 нафари онро (ё 30,0%) занҳо ташкил медиҳанд. Шумораи соҳибкорони дорои шаҳодатнома бошад ба 266 нафар расидааст. Соҳибкорони тариқи патент фаъолиятдошта асосан ба фурӯши молҳои омехта, фурӯши маҳсулоти хӯрокворӣ, мусофиркашонӣ ва боркашонӣ машғул мебошанд. Айни замон, дар ноҳияи Файзобод 125 ҷамъияти масъулияташон маҳдуд ба қайд гирифта шудаанд.

*Ҷадвали №14. Нақши СХМ дар шуғли аҳолӣ ва воридоти андозҳо аз рӯи соҳаҳо дар соли 2014*

| Соҳаҳои иқтисодиёт | Шумораи субъектҳои ба қайд гирифташудаи СХМ | | Шуғли аҳолӣ | | Воридоти андозҳо ба буҷет | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | Шахсони ҳуқуқӣ | Шахсони воқеӣ (бо соҳибкорони инфиродӣ) | Шумораи ҷойҳои корӣ | Шуғли умумӣ (%) | Сомонӣ (ҳазор сомонӣ) | аз ҳаҷми умумии андозҳои СХМ (%) |
| Кишоварзӣ | 1 | 266 | 808 | 28,0 | 6,2 | 42,2 |
| Саноат | 2 | 4 | 32 | 1,1 | - | - |
| Сохтмон | 1 | 3 | 24 | 1,0 | 0,3 | 2,1 |
| Нақлиёт ва алоқа | - | 1 | 3 | 0,1 | 0,1 | 0,7 |
| Савдо | 2 | 30 | 64 | 2,2 | 1,3 | 8,8 |
| Хизматрасонӣ | 4 | 20 | 80 | 2,7 | 0,2 | 1,3 |
| Хизмати молиявӣ | 2 | 2 | 16 | 0,5 | 0,8 | 5,4 |
| Дигар соҳаҳо | 2 | 43 | 139 | 4,8 | 5,8 | 39,5 |
| Ҷамъ: | 14 | 369 | 1166 | 40,0 | 14,77 | 100,0 |

Қисми асосии субектҳои СХМ-и ноҳия дар соҳаи кишоварзӣ (ҷамъ 267 субъект), савдо (ҷамъ 32 субъект) ва хизматрасонӣ (ҷамъ 24 субъект) машғул мебошанд ва ҳиссаи онҳо дар шумораи умумии субъектҳои дар бахши СХМ-и ноҳия машғул буда мутаносибан 23,0%, 2,7% ва 2,0%-ро ташкил медиҳад.

*Диаграммаи №4. Ҳаҷми истеҳсолт ва хизматрасониҳои СХМ дар соҳаҳои хоҷагии халқи ноҳияи Файзобод дар соли 2014*




Дар самти воридоти маблағ ба буҷаи маҳаллӣ бошад, дар соли 2014 саҳми соҳаҳои кишоварзӣ, хизматрасонӣ ва савдо зиёд буда, аз ҳисоби субектҳои СХМ дар ин соҳа машғул буда, ба буҷети маҳаллӣ 6875232 сомонӣ ворид гардидааст, ки ин 47,0 фоизи қисми даромади буҷети ноҳия ташкил медиҳад.

Рушд наёфтани бисёр намудҳои соҳибкорӣ, ки ба хизматрасонӣ ва истеҳсоли маҳсулот машғуланд, ба нокифоя будани имкониятҳои молиявии соҳибкорон ва арзиши гарони содироти маҳсулот ба бозори беруна марбут мебошад. Баланд бардоштани сатҳи иқтисодиёти ноҳия ва некӯаҳволии аҳолии он инчунин, ба ҳалли мушкилиҳои таъмини нуқтаҳои аҳолинишин бо нерӯи барқ, ба рушди энергетикаи хурду ғайрианъанавӣ, бунёди инфрасохтор, низоми боэътимоди нақлиётӣ ва коммуникатсионӣ вобаста мебошад. Беҳтар намудани ҳолати роҳҳои мошингарди ноҳия ва роҳҳои ба ноҳияҳои ҳамсоя ва маркази ҷумҳурӣ пайвасткунанда, барои баровардани маҳсулоти кишоварзии дар ноҳия истеҳсолшуда ба бозорҳои беруна, аҳамияти муҳими иқтисодӣ дорад.

Дар ноҳия таъсис додани корхонаҳои хурди истеҳсолӣ оид ба тайёр намудани доруҳои мухталиф аз гиёҳҳои шифобахш, растаниҳои худрӯй ва алафҳои гуногун, барои иқтисодиёти ноҳия хеле муфид буда, инкишофи соҳаи истеҳсоли доруворӣ имконият фароҳам меорад, ки аҳолӣ аз он даромади иловагӣ гирад.

Соли 2014 ҳиссаи соҳибкории хурду миёна дар қисмати даромади буҷети маҳаллӣ 47,0 фоизро ташкил дод.

*Ҷадвали №15. Воридот ба буҷети маҳаллӣ аз ҳисоби СХМ аз рӯи соҳаҳо (сомонӣ)*

| Соҳаҳо | соли 2012 | соли 2013 | соли 2014 | Ҷамъ дар солҳои 2011-2014 |
|---|---|---|---|---|
| Кишоварзӣ | 5826613 | 9847627 | 6513177 | 22187417 |
| Савдо ва хизматрасонӣ | 207591 | 357428 | 362055 | 927074 |
| Ҳамагӣ: | 6034204 | 10205055 | 6875232 | 23114491 |

Саҳми соҳибкории хурду миёна дар рушди соҳаҳои кишоварзӣ, савдо ва хизматрасонӣ ҳамасола афзоиш ёфта, аз ин ҳисоб буҷети маҳаллӣ ғанӣ гардида истодааст. Аз ҷумла дар давоми солҳои 2012-2014 аз ҳисоби соҳаи кишоварзӣ 23,1 млн. сомонӣ ва аз ҳисоби соҳаи савдо ва хизматрасонӣ 927,1 ҳаз. сомонӣ ба буҷети маҳаллӣ ворид гардидааст.

Баланд бардоштани малакаю дониши соҳибкорон, дастрас гардонидани иттилооти зарурӣ оид ба бозорҳои фурӯши молу маҳсулот ва тағйирёбии конюктураи он, инчунин дастрас гардонидани қарзҳои имтиёзнок ба соҳибкорон, барои рушди соҳаи СХМ такони нав мебахшад.

*Ҷадвали №16. Шумораи субъектҳои соҳибкории хурду миёна*

| Соҳаҳо | Соли 2012 | | Соли 2013 | | Соли 2014 | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | Шахсони ҳуқуқӣ | Шахсони воқеӣ | Шахсони ҳуқуқӣ | Шахсони воқеӣ | Шахсони ҳуқуқӣ | Шахсони воқеӣ |
| Кишоварзӣ | 2 | 403 | 5 | 558 | 1 | 266 |
| Саноат | 3 | - | 6 | - | 2 | 4 |
| Сохтмон | 2 | - | 4 | - | 1 | 3 |
| Нақлиёт ва алоқа | 1 | - | 1 | - | - | 1 |
| Савдо | 3 | 5 | 10 | 10 | 2 | 30 |
| Хизматрасонӣ | 5 | - | 15 | 12 | 4 | 20 |
| Хизмати молиявӣ | 2 | 2 | 4 | - | 2 | 2 |
| Дигар сохторҳо | 18 | 25 | 39 | 16 | 2 | 43 |
| Ҷамъ: | 36 | 435 | 84 | 596 | 14 | 269 |
| Дар якҷоягӣ | 471 | | 680 | | 383 | |

Аз 383 субъекти соҳибкории хурди инфиродӣ 69,3 фоиз бо патент кор мекунанд, ки ин аз маҳдуд будани миқёси фаъолияти соҳибкорӣ шаҳодат медиҳад. Мутаассифона дар соҳаҳои иқтисодиёти ноҳияи Файзобод таъсисёбии субъектҳои соҳибкории хурди истеҳсолӣ ба ғайр аз соҳаи кишоварзӣ ба назар намерасад. Дар се соли охир ҳамагӣ 11 субъекти соҳибкории хурди истеҳсолӣ оид ба коркардӣ маҳсулоти саноатӣ таъсис ёфтааст.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот ва хизматрасонии субъектҳои соҳибкории хурду миёна сол то сол зиёд шуда бошад, ҳам лекин ҳиссаи онҳо дар ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулот ва хизматрасонӣ тамоюли рушдро касб намудааст. Дар соли 2014 аз ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ 17,8 фоизро субъектҳои СХМ истеҳсол намудаанд.

Корхонаҳои саноатӣ, ки ба субъектҳои СХМ дохил мешаванд, дорои таҷҳизоти технологӣ мебошанд, аммо дар зери таъсири манфии якчанд омилҳо (фарсуда ва кӯҳна будани таҷҳизотҳо, душвории амалиётҳои содиротӣ, ҳаҷми ками истеҳсоли маҳсулот, хароҷотҳои зиёди нақлиётӣ, норасогии воситаҳои озоди молиявии гардишӣ ва набудани сармояи зарурӣ) фаъолияташон коста шудааст ва ё баъзеашон аз фаъолият бозмондаанд.

Мавриди тазаккур аст, ки 65 фоизи шуғли аҳолӣ дар бахши СХМ танҳо ба соҳаи кишоварзӣ рост меояд ва 45 фоизи кормандон дар соҳаҳои боқимондаи хоҷагии халқ шуғл доранд, ки ин аз рушди нокифояи соҳибкорӣ дар соҳаҳои саноату сохтмон, нақлиёту хизматрасонӣ ва савдо шаҳодат медиҳад.

Гарчанде, ки мувофиқи қонунҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон хоҷагиҳои деҳқонӣ ҳамчун субъекти соҳибкорӣ ҳисоб карда шудааст, аммо дар амал дар ин соҳа соҳибкории воқеъӣ кам ба назар мерасад. Содироти маҳсулоти кишоварзӣ аз тарафи хоҷагиҳои деҳқонӣ тамоман дида намешавад, таъмини бозори истеъмолии дохилӣ бо маҳсулоти кишоварзӣ номунтазам аст.

Ҳиссаи соҳаи кишоварзӣ дар шуғли аҳолӣ 87 фоиз, ҳиссаи ин соҳа дар ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулот 73,0 фоиз ва 7,6 фоиз аз ҳаҷми умумии андозҳои воридшуда ба буҷети ноҳия аз рушди соҳибкорӣ дар соҳаи кишоварзӣ шаҳодат медиҳад. Бо назардошти таҳлилу гуфтаҳои боло бояд қайд кард, ки раванди васеъгардонии шумораи корхонаҳои хурд, алалхусус корхонаҳои хурди истеҳсолӣ ғайриқаноатбахш

мебошад. Дар ноҳия шароитҳои мӯътадил ва захираҳое мавҷуданд, ки ба афзоиши шумораи корхонаҳои хурд имконият дода, барои бо молҳои ватанӣ ғанӣ гардонидани бозори дохилӣ, муҳайё намудани ҷойҳои нави корӣ ва ба ин восита паст кардани сатҳи камбизоатӣ мусоидат намояд. Ҳамзамон дар ноҳия дар соли 2014 ҳамагӣ 10 субъекти соҳибкори ҳамчун шахси ҳуқуқӣ таъсисёфта, ягон соҳибкори инфиродӣ фаъолияташро қатъ накардааст.

***Хизматрасониҳо дар рушди СХМ.*** Дар ноҳияи Файзобод ҷиҳати рушди соҳибкории хурду миёна филиалҳои ҶСК «Ориёнбонк», филиали №16-и Бонки давлатии амонатгузории «Амонатбонк», филиали ҶСП «Тоҷиксодиротбонк», ТАҚХ «Имон Интернешнл», Бонки рушди Тоҷикистон, ҶСП «Фононбонк», филиали ҶСК «Агроинвестбонк», ҶСП «Тоҷпромбанк», ҶСП «Бонки ЭСХАТА», ТҚХ «Аввалин бонки молиявии хурд», ТҚХ «Ҳумо», ТҚХ «Зар», ТҚХ «Арванд», ТҚХ «Аврангзеб» фаъолият доранд.

Давоми солҳои 2012-2014 аз ҷониби бонкҳои ноҳия барои рушди соҳаи кишоварзӣ маблағҳои қарзи бонкӣ ҷудо гардидааст. Пешниҳоди қарзҳо, махсусан қарзҳои имтиёзнок барои рушди соҳаҳои воқеии иқтисодиёт, аз ҷумла саноат қонеъкунанда буда наметавонад. Аз ин лиҳоз, зиёд намудани ҳаҷми пешниҳоди қарзҳои имтиёзнок ва дарозмӯҳлат барои рушди соҳаҳои воқеии иқтисодиёт, алалхусус барои бунёди корхонаҳои коркарди маҳсулоти саноатӣ, яке аз самтҳои афзалиятноки рушди соҳа маҳсуб меёбад.

Тӯли се соли охир (солҳои 2012-2014) барои рушди соҳаҳои хоҷагии халқи ноҳия ва беҳбудии фазои соҳибкорӣ аз ҷониби муассисаҳои бонкӣ дар маҷмӯъ беш аз 50280856 сомонӣ қарз дода шудааст, ки аз ин 15611878 сомонӣ ё 31фоиз ба соҳаи кишоварзӣ, 14364972 сомонӣ ва ё 28,6 фоиз барои рушди соҳибкорӣ (савдо) ва 20304008 сомонӣ ва ё 40,4 фоиз ба дигар соҳаҳо ва эҳтиёҷоти иҷтимоӣ рост меояд.

*Ҷадвали №17. Маълумот оид ба фаъолияти қарзӣ*
*дар тӯли солҳои 2012-2014(сомонӣ)*

| Номгӯи ташкилот | Сол | Маблағи умумии қарзи додашуда | Шумораи қарзгирандагон | Бахшҳо | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | Кишоварзӣ | Саноат | Соҳибкорӣ | Сохтмон | Дигар соҳаҳо |
| Филиали ҶСШК «Ориёнбонк» | 2012 | 450000 | 7 | - | - | 450000 | - | - |
| | 2013 | 241160 | 26 | - | - | 100000 | - | 141160 |
| | 2014 | 736900 | 85 | - | - | 375000 | - | 361900 |
| | Ҷамъ | 1428060 | 118 | - | - | 925000 | - | 1773060 |
| Филиали Бонки давлатии амонатгузории «Амонатбонк» №16 | 2012 | 2009200 | 475 | 1416600 | - | - | - | 592600 |
| | 2013 | 3356464 | 593 | 1507382 | - | - | 208597 | 1640485 |
| | 2014 | 5473900 | 614 | 1837000 | - | 475000 | - | 3161900 |
| | Ҷамъ | 10839564 | 1682 | 4760982 | - | 475000 | 208597 | 5394985 |
| Филиали ҶСП «Тоҷиксодиротбонк» | 2012 | 1200000 | 80 | 382000 | - | 560000 | - | 258000 |
| | 2013 | 960000 | 120 | 623000 | - | 840000 | - | 337000 |
| | 2014 | 260000 | 58 | 130000 | - | 120000 | - | 10000 |
| | Ҷамъ | 2420000 | 258 | 1135000 | - | 1520000 | - | 605000 |
| Филиали ҶСКШ Агроинестбонк | 2012 | 3805368 | 628 | 1918228 | - | 575092 | - | 1312048 |
| | 2013 | 6452530 | 900 | 1710001 | - | 2658061 | - | 2084468 |
| | 2014 | 10080990 | 1029 | 3137561 | - | 2700514 | - | 4242915 |
| | Ҷамъ | 20338888 | 2557 | 6765790 | - | 5933667 | - | 7639431 |
| Аввалин бонки молиявии хурд | 2012 | 3388794 | 273 | 633600 | 379884 | 1349838 | 1025472 | - |
| | 2013 | 4648549 | 307 | 940230 | 521191 | 1780445 | 1406683 | - |
| | 2014 | 7217001 | 309 | 1376276 | 1043863 | 2381022 | 2415840 | - |
| | Ҷамъ | 15254344 | 889 | 2950106 | 1944938 | 5511305 | 4847995 | - |
| Ҳамагӣ | | 50280856 | 5504 | 15611878 | 1944938 | 14364972 | 5056592 | 15412476 |

Илова бар ин соли 2014 ба воситаи бонкҳо аз хориҷи кишвар муҳоҷирони меҳнатӣ ба андозаи 429914965 сомонӣ аз Федератсияи Руссия ворид гаштааст.

Соҳибкорони ноҳияи Файзобод ба маблағҳои қарзии имтиёзноку дарозмӯҳлат ва грантҳо, ба кӯмаки техникию машваратӣ оид ба масъалаҳои ташкил ва рушди бизнес, курсҳои донишомӯзии менеҷмент ва маркетинг, дастрас намудани таҷҳизоти лизингӣ ва техника, дастрасӣ ба иттилооти зарурӣ, ҳамзамон дастрасӣ ба сохторҳои кӯмакрасон (бизнес инкубаторҳо) ниёз доранд.

Гарчанде ҳаҷми умумии портфели қарзҳои бонкии ба мизоҷон пешниҳодгардида солҳои охир афзуда, тартиби пешниҳоди онҳо сода шуда бошад ҳам, вале фоизи қарзҳо хеле баланд буда, ҳамчунин муҳлати баргардонидани онҳо кӯтоҳ мебошад ва барои таъмини рушди соҳаҳои истеҳсоли ноҳия имконият намедиҳад.

Соҳибкорон дар ноҳия яке аз нерӯҳои бузург ва созанда маҳсуб меёбанд, ки аз дуруст ба роҳ мондани ҳамкорӣ ва дастгирии ҳамаҷонибаи онҳо рушди минбаъдаи иқтисодиёти ноҳия вобастагии калон дорад. Айни замон, дар ноҳия имкониятҳои зиёди ҳамкорӣ, иқтидорҳои калони истеҳсолӣ ва қувваи кории арзон мавҷуд мебошад, ки дар ин самт соҳибкорони ватанию хориҷӣ метавонанд фаъолияти худро самараноктар ба роҳ монанд. Илова бар ин, ҳоло аксари занон ва духтарон дар хона бе кор мебошанд, ки метавон онҳоро тавассути ташкили корхонаҳои нав, барқарор ва ё ба кор даровардани корхонаҳои аз кор бозмонда ва ё васеъ намудани доираи фаъолияти корхонаҳои мавҷуда ба кор ҷалб карда мешаванд.

***Мушкилиҳои асосии соҳаи СХМ***. Аз сабаби дурдаст ва кӯҳӣ будани ноҳияи Файзобод рушди СХМ бо баъзе мушкилот дучор мегардад. Бад будани ҳолати роҳҳои маҳаллӣ, нархи гарони сузишвориҳо ва равғанҳои молидани, баланд будани фоизи қарзҳои бонкӣ, набудани малакаи фаъолияти соҳибкорӣ, инчунин набудани Ассотсиатсияи соҳибкорон барои имконияти ҳифзи манфиатҳои соҳибкорон, дар сатҳи паст қарор доштани огоҳии соҳибкорон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ ва ғайраҳо рушди соҳаи мазкурро бо монеаҳо дучор месозад. Мушкилиҳои дигаре, ки ба рушди соҳибкорони хурду миёна таъсири манфӣ мерасонад, ин дастрас набудани маблағҳои грантӣ барои рушди соҳибкорӣ, сатҳи баланди фоизи қарзҳо ва мӯҳлати кӯтоҳи истифодаи он, монеаҳои маъмурӣ, набудани иттилооти зарурӣ барои ташкил ва идоракунии бизнес, бахусус дар байни занҳо мебошад.

**Ҷиҳати татбиқи муколамаи бахши давлативу хусусӣ** Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия оид ба ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон ва дастгирии соҳибкорон, бо фарогирии 3069 нафар соҳибкорони маҳаллӣ (аз ҷумла, 3055 нафар соҳибкорони инфиродӣ ва 14 нафар соҳибкорони ҳуқуқӣ) фаъолият менамояд. Дар доираи ин ҳамкориҳо дар ноҳия таҳияи лоиҳаҳои сармоягузорӣ оид ба ҳалли масъалаҳои соҳаҳои афзалиятноки иҷтимоиёту иқтисодиёт ва инфрасохторӣ ба роҳ монда шуда, айни ҳол таваҷҷӯҳи зиёд ба бунёди корхона ва коргоҳҳои истеҳсолию хизматрасонӣ ва маишӣ зоҳир гардида истодааст. Дар ин замина дар се соли охир дар ноҳияи Файзобод як зумра иншоотҳои таъиноти гуногуни истеҳсолию иҷтимоӣ ва хизматрасонӣ мавриди истифода қарор гирифтанд.

*Ҷадвали №17. Маълумот оид ба натиҷаҳои ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ дар ноҳияи Файзобод дар солҳои 2012-2014*

| Номи иншоот | Арзиш, ҳаз. сомонӣ | Ҷойи корӣ | Манбаи маблағгузорӣ | Соли ба истифодадиҳӣ |
|---|---|---|---|---|
| Маркази савдо дар кӯчаи И. Сомонӣ | 30000 | 15 | Соҳибкорон | 2012 |
| Мағозаи молҳои ниёзи мардум | 30000 | 3 | Соҳибкорон | 2012 |
| Бинои ҶДММ «Терминал»-иноҳияи Файзобод | 75000 | 4 | Соҳибкорон | 2012 |
| Мағозаи масолеҳи сохтмонӣ | 25000 | 3 | Соҳибкорон | 2012 |
| Чойхонаи миллӣ | 500000 | 10 | Соҳибкорон | 2012 |

| Номи иншоот | Арзиш, ҳаз. сомонӣ | Ҷойи корӣ | Манбаи маблағгузорӣ | Соли ба истифодадиҳӣ |
|---|---|---|---|---|
| Маркази савдо | 20000 | 2 | Соҳибкорон | 2012 |
| Ҳамагӣ дар соли 2012 | 680000 | 37 | Соҳибкорон | 2012 |
| Маркази савдо ва хизматрасонӣ | 20000 | 2 | Соҳибкорон | 2013 |
| Нуқтаи фурӯши гази моеъ ва шустушӯи мошинҳо | 45000 | 4 | Соҳибкорон | 2013 |
| Мағозаи фурӯши қисмҳои эҳтиёти ва таъмири нақлиёт | 65000 | 7 | Соҳибкорон | 2013 |
| Маркази савдо | 30000 | 3 | Соҳибкорон | 2013 |
| Коргоҳи истеҳсоли хишти сементӣ | 40000 | 4 | Соҳибкорон | 2013 |
| Корхонаи коркарди меваю сабзавот | 70000 | 12 | Соҳибкорон | 2013 |
| Ҳамагӣ дар соли 2013 | 270000 | 32 | Соҳибкорон | 2013 |
| Бинои мағозаи умумӣ ва сартарошхона | 58000 | 6 | Соҳибкорон | 2014 |
| Бинои мағозаи умумӣ | 45000 | 4 | Соҳибкорон | 2014 |
| 2 адад корхонаҳои истеҳсоли хишти лои ва сементӣ | 50000 | 8 | Соҳибкорон | 2014 |
| Сехи истеҳсоли маҳсулотҳои ширӣ | 50000 | 4 | Соҳибкорон | 2014 |
| Маркази савдо ва хизматрасониҳои техникӣ | 130000 | 6 | Соҳибкорон | 2014 |
| 2 адад истгоҳи таъмири нақлиёт бо ошхона вамаркази савдо | 500000 | 13 | Соҳибкорон | 2014 |
| Маркази савдои «Тоҷзода» | 125000 | 10 | Соҳибкорон | 2014 |
| Мағозаи дорухона ва хизматрасониҳои маишӣ | 20000 | 3 | Соҳибкорон | 2014 |
| Нуқтаи фурӯши сузишвории нақлиётӣ | 250000 | 8 | Соҳибкорон | 2014 |
| Дорухонаи ветеринарӣ | 30000 | 2 | Соҳибкорон | 2014 |
| Нуқтаи фурӯши сузишворӣ | 100000 | 8 | Соҳибкорон | 2014 |
| Мағозаи фурӯши тухмиҳои кишоварзӣ | 40000 | 3 | Соҳибкорон | 2014 |
| Мағозаи молҳои ниёзи мардум | 30000 | 3 | Соҳибкорон | 2014 |
| Маркази савдо | 250000 | 6 | Соҳибкорон | 2014 |
| Ҳамагӣ дар соли 2014 | 1588000 | 84 | Соҳибкорон | 2014 |

*Ҷадвали №18. Нишондиҳандаҳои дурнамои рушди соҳибкории хурд дар н. Файзобод*

| Нишондиҳандаҳо | Ҳисобот с 2014 | Баҳодиҳӣ с 2015 | Параметрҳоидурнамо (солҳои) | | | | | Соли 2020 нисбати соли 2014 бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | |
| Шумораи корхонаҳои то 15 нафар (бе назардошти хоҷагиҳои деҳқонӣ ва фермерӣ) (адад) | 43 | 52 | 54 | 56 | 58 | 60 | 62 | 144 |
| Шумораи корхонаҳои то 50 нафар (бе назардошти хоҷагиҳои деҳқонӣ ва фермерӣ) (адад) | 19 | 20 | 21 | 22 | 23 | 24 | 25 | 132 |
| Шумораи корхонаҳои амалкунанда то 15 нафар. | 37 | 39 | 41 | 43 | 45 | 47 | 49 | 132 |
| Шумораи корхонаҳои амалкунанда то 50 нафар. | 15 | 16 | 17 | 18 | 19 | 20 | 21 | 140 |
| Шумораи бо кортаъмин будагон (ҳазор нафар) | 0,55 | 0,6 | 0,65 | 0,7 | 0,75 | 0,8 | 0,9 | 164 |
| Шумораи соҳибкорони инфиродӣ (ҳазор нафар) | 0,38 | 0,40 | 0,45 | 0,50 | 0,55 | 0,60 | 0,65 | 171 |
| Аз ҷумла: | | | | | | | | |
| - фаъолият аз руи шаҳодатнома (ҳазор нафар) | 0,13 | 0,14 | 0,15 | 0,16 | 0,17 | 0,18 | 0,19 | 146 |
| - бо патент (ҳазор нафар) | 0,25 | 0,30 | 0,32 | 0,34 | 0,36 | 0,38 | 0,40 | 160 |

*Ҷадвали №19. Нишондиҳандаҳои дурнамои рушди бозори талаботии Н. Файзобод дар солҳои 2016-2020 (ҳазор сомонӣ)*

| Нишондиҳандаҳо | с.2014 ҳисобот | с.2015 баҳодиҳӣ | Дурнамо | | Параметрҳои дурнамо | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | с.2016 | с. 2016 бо % нисбати с. 2015 | с.2017 | с.2018 |
| Бозориистеъмолӣ | | | | | | |
| Гардиши моли чакана дар ҳамаи соҳаҳо | 129,0 | 145,6 | 164,4 | 112,9 | 184,7 | 207,5 |
| Ҳаҷми хизматрасонии меҳмонхонаҳо ва тарабхонаҳо | | | | | | |
| Ҳаҷми хизматрасонии пулакӣ ба аҳолӣ дар ҳамаи соҳаҳо | 57,3 | 62,2 | 67,7 | 108,6 | 73,0 | 78,9 |

## 2.4. Сохтмон

Соҳаи сохтмон, ҳамчун яке аз соҳаҳои муҳими бахши воқеии иқтисодиёт, дар пешбурди сатҳу сифати зиндагии мардум, таъмин намудани аҳолӣ бо ҷойҳои корӣ, амалӣ кардани ҳадафҳои рушди инсонӣ мавқеи ниҳоят муҳимро дорад. Аз ин лиҳоз дар ноҳияи Файзобод ба рушди соҳаи мазкур аҳамияти зарурӣ дода мешавад ва чунин муносибат ба сохтмон солҳои охир ниҳоят ҷиддӣ шуда истодааст.

Дар соли 2015 дар ноҳия 19 адад ташкилоти сохтмонӣ амал мекунад, ки дар онҳо беш аз 91 нафар кормандон фаъолият мекунанд. Шумораи умумии техникаҳои мавҷуда дар ихтиёри ташкилотҳои сохтмони буда, беш аз 14 ададро ташкил мекунад. Дар шаҳрку деҳот асосан фаъолияти соҳаи сохтмон барои ба анҷом расонидани сохтмони мактабҳо, сохтани бунгоҳҳои тиббӣ, таъмиру барқарорсозии кӯпрукҳо, гузаронидани хати оби нушокӣ ва ғайраҳо нигаронида шудааст.

*Ҷадвали №20. Иҷрои корҳои пудратӣ дар ташкилотҳои сохтмонии ноҳия дар солҳои 2012 – 2014 (ҳазор сомонӣ)*

| № | Номи ташкилот | Корҳои пудратии иҷрошуда, ҳазор сомонӣ | | Фоизи иҷроиш нисбати соли 2013 | Шумораи коргарон |
|---|---|---|---|---|---|
| | | соли 2013 | соли 2014 | | |
| 1 | ҶДММ «Бинокор» | 651,1 | 305,5 | 46 | 6 |
| 2 | И.Давлатии Беҳдошти замин | | 190,5 | | 9 |
| 3 | ҶСШК «Бунёд» | 519,3 | 1031,9 | 198 | 2 |
| 4 | Ташкилоти ҶАМЪ Бинокор | | 540,0 | | 8 |
| 5 | ҶДММ «Алтекс М» | | 241,9 | | 7 |
| 6 | ҶДММ «Рамс» | 217,8 | 477,9 | 219 | 4 |
| 7 | ҶДММ «Маҳтобӣ» | 155 | 180,9 | 116 | 5 |
| 8 | ҶДММ «Ҳисобдор» | 126,8 | 166,5 | 131 | 2 |
| 9 | ҶДММ «Исфандиёр» | | 14,0 | | 1 |
| 10 | ҶДММ «Осор» | 128,1 | 38,0 | 29 | 3 |
| Ҳамагӣ | | 1798,1 | 3187,1 | 177,2 | 47 |

Мутобиқи натиҷаҳои таҳлили гузаронидашуда корҳои сохтмониро дар шаҳраку деҳот асосан ташкилотҳои номбурда амалӣ менамоянд. Дар соли 2014 тавассути ин ташкилотҳо 13128,6 ҳазор сомонӣ корҳои пудратӣ ба сомон расонида шуд, ки нисбати соли 2012 – 62 фоиз зиёд мебошад.

Ташкилотҳои мазкур дар солҳои 2012-2014 сохтмонӣ 35 иншоотро тавасути маблағҳои буҷаи ҷумҳуриявӣ, маҳаллӣ ва сармояи хориҷӣ ба анҷом расониданд. Дар солҳои минбаъда низ тамоми корҳои сохтмонию барқарорсозӣ аз ҷониби ин ташкилотҳо амалӣ карда мешаванд, зеро ташкилотҳои номбурда бо техника ва дигар таҷҳизотҳои сохтмонӣ муҷаҳаз мебошанд.

Дар доираи татбиқи Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Файзобод дар давоми солҳои 2016-2020 сохтмон ва барқарорсозии иншоот аз ҳисоби буҷаи ҷумҳурӣ, маҳаллӣ, соҳибкорон ва сармояи хориҷӣ ба нақша гирифта шудааст, ки сохтони онҳо аз тарафи ташкилотҳои номбурда амалӣ мешаванд.

Инчунин, дар ноҳия 9 адад иншооти сохтмонаш нотамом боқӣ мондааст, ки сохтмони онҳо дар солҳои 2009-2012 оғоз гардида буданд ва сохтмонашон идома доранд.

***Мушкилоти асосии соҳаи сохтмон:*** Маҳдуд будани имкониятҳои буҷети ҷумҳуриявию маҳаллӣ ва сол аз сол зиёд шудани шумораи иншоотҳои сохтмонашон нотамом, пурра фаъолият накардани ташкилотҳои пудратӣ, норасогии шумораи мутахассисони касбӣ, бо иқтидори пурра фаъолият накардани заводи истеҳсоли хишт, норасогии шумораи техникаҳои сохтмонии пуриқтидор, аз ҷумла кранҳои борбардор,экскватор, набудани корхонаи коркарди регу шағал, дер оғоз намудани маблағгузори аз тарафи буҷет дар аксарият мавридҳо дар семоҳаи сеюми сол ва ғайра.

*Ҷадвали №21. Номгӯи иншоотҳои сохтмонашон нотамом дар ноҳияи Файзобод*

| № (ҳазор сомонӣ) | Номгӯи бино ва иншоотҳо | Фармоишгар | Манбаи маблаггузори | Пудратчӣ | Ташкилоти лоихакаш | Арзиши сохтмони бино (ҳаз.сомонӣ) | Соли огози сохтмон | Маблагхои азхудкардашуда (ҳаз. сомонӣ) | Иҷроиш % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Сохтмони бинои 12 хуҷрадор | МИХДн Файзобод | буҷет | ҶДММ «Бинокор» | Тоҷ лоихаОАО | 1,9 млн. | 2009 | 1,2 млн. | 63 |
| 2 | Сохтмон 4-синфхона МТИ№58 | МИМХДн Файзобод | буҷет | ҶДММ «Рамс» | ҲФ лоиҳа | 947670 | 2014 | 255954 | 27 |
| 3 | Дидбонгоҳи алоҳидаи ҳарбикунонидашуда хадамоти оташнишонӣ | МИХДн Файзобод | буҷет | | КФ Лоиҳакаш | 1852,71 | 2014 | 40,0 | 2 |
| 4 | Толори варзиши МТМУ№33 | МИМХД н Файзобод | буҷет | ҶДММ Алтекс | КФ Лоиҳакаш | 400 | 2012 | 250,0 | 62 |
| 5 | Варзишгоҳи маркази ноҳия | МИМХД н Файзобод | буҷет | ҶДММ «Маналит-05» | Плаза | 12763 | 2012 | 97,150 | |
| 6 | МТМУ №25 | МИМХД н Файзобод | Вазорати маориф ва илми ҶТ | | | 640 | | | |
| 7 | МТМУ№8 | МИМХД н Файзобод | Вазорати маориф ва илми ҶТ | | | 320 | | | |
| 8 | МТМУ№4 | МИМХД н Файзобод | Вазорати маориф ва илми ҶТ | | | 480 | | | |
| 9 | МТМУ№ деҳаи Бинисунҷ | МИМХД н Файзобод | буҷет | | | 120 | | | |

# БОБИ 3. ИҶТИМОИЁТ

## 3.1. Маориф

Рушди соҳаи маориф дар раванди пешравии ҷомеа ва барои расидан ба як қатор ҳадафҳои муҳими сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ нақши ҳалкунанда мебозад. Дар ҳамин замина баланд бардоштани сифати таълиму тарбия дар сатҳи маҳаллӣ яке аз рукнҳои асосии дастрасӣ ба рушди устувор маҳсуб ёфта, ҷорӣ намудани низоми идоракунии самарабахши системаи маорифро дар сатҳи маҳаллӣ бо мақсади ба даст овардани маълумоти сазовор тақозо менамояд.

Инчунин соҳаи маориф барои ноил гардидан ба мақсадҳои Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бахши асоси ҳисобида мешавад. Масъалаҳои мавҷудаи соҳаи маориф, норасоги китобҳои хониш ва маводҳои методии замонавӣ барои рушди минбаъдаи он монеа пеш оварда, вазъи кунуни соҳаи мазкурро мушкилтар мегардонад. Дараҷаи дониш, сифати таълим ба маҳорати хонандагон дар шароити имрӯза ба талаботҳои стандартӣ мувофиқат намекунанд.Ҷиҳати бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта, ба тақозои кунуни мутобиқ намудани шароити таҳсил ва сифати дониши хонандагон корҳои зиёдеро ба анҷом расонидан зарур мебошад. Барномаи рушди ноҳия метавонад дар ҳалли масъалаҳои мазкур ҷиҳати инкишофи соҳа такони ҷиддӣ бахшад.

**Сатҳи умумии маълумотнокӣ.** Таркиби аҳолии ноҳия мутобиқи нишондиҳандаи маълумотнокӣ ба ҳолати 31 декабри соли 2014 табақаҳои зеринро дар бар мегирад:

- *шумораи аҳолии дорои маълумоти олӣ 4789 нафар (аз ин 699 нафар зан);*
- *шумораи аҳолии дорои маълумоти миёнаи касбӣ 2993 нафар (аз ин 707 нафар зан);*
- *шумораи аҳолии дорои маълумоти ибтидоии касбӣ 3597 нафар (аз ин 1059 нафар зан);*
- *шумораи аҳолии дорои маълумоти миёнаи умумӣ 28790 нафар (аз ин15156 нафар зан);*
- *шумораи аҳолии дорои маълумоти миёнаи асоси 10582 нафар (аз ин 6868 нафар зан);*
- *шумораи аҳолии дорои маълумоти ибтидоӣ 2136 нафар (аз ин 1119 нафар зан).*

*Диаграммаи №6. Дараҷаи маълумотнокии аҳолӣ ба ҳолати 31.12.2014*




Амалӣ гаштани Барномаи рушди ноҳия дар робита ба соҳаи маориф барои ҳаллу фасли масъалаҳои зерин равона мегардад:

а) таҷдиди инфрасохтори мавҷудаи муассисаҳои таълимӣ, алалхусус таъмиру тармим намудани шабакаҳои гармидиҳӣ ва обу коррезӣ, бунёди гӯшаҳои санитарию беҳдоштии алоҳида барои духтарону писарон;

б) бо китобҳои дарсӣ пурра таъмин набудани тамоми хонандагон;

в) бунёди муассисаҳои таълимии нави замонавӣ, синфхонаҳои иловагӣ ва дар заминаи мактабҳои мавҷуда сохтани иншоотҳои иловагии ба фаъолияти мактабҳо алоқаманд;

г) ба роҳ мондани низоми иштироки ҷомеа, ташкилотҳои давлатию ҷамъиятӣ ва хусусӣ дар идоракунии мактабҳо тавассути таъсис додани ассотсиатсияҳои падару

модарон ва ҷомеаи шаҳрвандӣ бо мақсади баланд бардоштани сифати таълим ва масъулияти онҳо дар тарбияи фарзанд, таъмини шаффофияти истифодаи маблағҳои ҷудо гардида.

Дар ноҳияи Файзобод 2 адад муассисаи таҳсилоти томактабӣ, 40 адад муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ, 7 адад муассисаи таҳсилоти умумии асосӣ, 11 адад муассисаи таҳсилоти ибтидоӣ, 1 адад Маркази эҷодии кӯдакон ва наврасон, 1 адад Маркази технологияи иттилоотӣ ва коммуникатсия ва 1 адад Маркази дарёфт ва рушди истеъдодҳо мавҷуд мебошад.

***Маълумоти томактабӣ.*** Дар ноҳияи Файзобод ба ҳолати 31.12.2014 ба миқдори 2 адад муассисаҳои томактабӣ фаъолият менамоянд, ки дар онҳо 330 нафар кӯдакон дар 17 гурӯҳ ба таълиму тарбия фаро гирифта мешаванд. Зеро шумораи умумии кӯдакони то 6 сола дар ноҳия зиёда аз 2300 нафарро ташкил медиҳад ва дар ин замина фарогирии кӯдакон (синни 3-6 сола) дар муассисаҳои томактабӣ ҳамагӣ ба 14,3 фоиз мерасад, ки хеле кам мебошад. Иқтидори мавҷудаи муаассисаҳои томактабии ноҳия барои тарбияи 330 нафар кӯдакон имкон дорад. Ҳоло бошад дар муассисаҳои томактабии ноҳия ба таълиму тарбияи кӯдакон 26 нафар мураббӣ бо маълумоти педагогӣ сафарбар карда шудаааnд.

*Ҷадвали №22. Шумораи кӯдакон дар муассисаҳои томактабӣ*

| Нишондиҳандҳо | Иқтидор (нафар) | Солҳо | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2012 | | 2013 | | 2014 | |
| | | Ҳамагӣ | Аз ҷумла духтарон | Ҳамагӣ | Аз ҷумла духтарон | Ҳамагӣ | Аз ҷумла духтарон |
| Муассисаи таҳсилоти то мактабии №4 | 100 | 100 | 43 | 100 | 40 | 100 | 44 |
| Муассисаи таҳсилоти то мактабии №5 | 230 | 150 | 81 | 230 | 106 | 230 | 107 |
| Ҳамагӣ: | 330 | 250 | 124 | 330 | 146 | 330 | 151 |

Дар доираи иқтидорҳои мавҷудаи муассисаҳои томактабӣ пурра фаро гирифта нашудани кӯдакон ба он алоқаманд аст, ки дар мавриди ҳозира ин муассисаҳо кӯҳнаву фарсуда гардида ба таъмири асосӣ эҳтиёҷ доранд. Бинобар корношоям гаштани шабакаи гармидиҳӣ дар мавсими сардӣ бинои муассисаҳои томактабӣ тариқи оташдонҳо (печҳои аловӣ) бо нерӯи гармӣ таъмин карда мешавад, ки аз лиҳози бехатарӣ манфӣ арзёбӣ карда мешавад.

Ҷиҳати боз ҳам беҳтар намудани дастгирии молиявӣ дар самти гузаронидани таъмири ҷорӣи муассисаҳои томактабӣ ҳамасола аз ҷониби буҷети маҳалӣ кӯмакҳои молиявӣ ва моддӣ расонида мешавад, ки ин низ басанда нест. Дар ҳаминхусус, яке аз самтҳои афзалиятноки рушди минбаъдаи соҳаи мазкурро дар фароҳам овардани шароити мусоид барои иштироки бахши хусусӣ дар соҳаи мазкур дидан мумкин аст. Мутаассифона, то кунун дар ноҳия ягон кӯдакистони хусусӣ фаъолият намекунад.

***Маълумоти миёна.*** Шумораи умумии хонандагон дар солҳои таҳсили 2014 - 2015 ба 19263 нафар баробар буда, аз ин 9221 нафар ва ё 48 фоизашонро духтарон ташкил медиҳанд.

Мувофиқи маълумотҳои омории ноҳия шумораи умумии хонандагон сол то сол зиёд шуда истодааст. Аз шумораи умумии хонандагон дар солҳои таҳсили 2014 - 2015 (19263 нафар) ба миқдори 9221 нафар, ки 48 фоизро ташкил медиҳад ва дар басти аввал, 12512 нафар, ки 65 фоизро ташкил медиҳад дар басти дуюм 6751 нафар таҳсил мекунанд. Хушбахтона дар ноҳияи Файзобод бинобар вуҷуд доштани имконияти мусоид дар муассисаҳои таълимӣ хониш дар басти сеюм умуман нест.

Мутобиқи «Низомнома дар бораи мактабҳои маълумоти умумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» шумораи талабагони синфҳои 1-11 дар ҳар як синф бо теъдоди 21 хонанда

муқаррар гардидааст. Айни замон, дар баъзе муассисаҳои таълимии ноҳия шумораи хонандагон дар ҳар як синф ба 30 нафар мерасад, ки ин ба стандартҳои муосири системаи маориф мутобиқат намекунад.

*Ҷадвали №23. Шумораи хонандагон дар муассисаҳои таълимӣ (нафар)*

| Синфҳо | Солҳо | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2012-2013 | | | | 2013 -2014 | | | | 2014 -2015 | | | |
| | Ҳамагӣ | Писар | Духтар | % духтарон | Ҳамагӣ | Писар | Духтар | % духтарон | Ҳамагӣ | Писар | Духтар | % духтарон |
| I | 1735 | 914 | 821 | 47 | 1930 | 976 | 954 | 49 | 1947 | 1034 | 913 | 47 |
| II | 1794 | 882 | 912 | 51 | 1768 | 915 | 853 | 48 | 1928 | 962 | 966 | 50 |
| III | 1717 | 865 | 852 | 50 | 1790 | 885 | 905 | 51 | 1747 | 909 | 838 | 48 |
| IV | 1806 | 913 | 893 | 49 | 1710 | 857 | 853 | 50 | 1764 | 869 | 895 | 51 |
| Ҳамагӣ I-IV | 7052 | 3574 | 3478 | 49 | 7198 | 3633 | 3565 | 50 | 7386 | 3774 | 3612 | 49 |
| V | 1778 | 905 | 873 | 49 | 1793 | 916 | 877 | 49 | 1696 | 856 | 840 | 50 |
| VI | 1922 | 1003 | 919 | 48 | 1744 | 777 | 867 | 50 | 1787 | 912 | 875 | 49 |
| VII | 2041 | 1073 | 968 | 47 | 1921 | 1002 | 919 | 48 | 1758 | 899 | 859 | 49 |
| VIII | 1933 | 994 | 939 | 49 | 2031 | 1049 | 982 | 48 | 1918 | 1000 | 918 | 48 |
| IX | 1839 | 953 | 886 | 48 | 1910 | 983 | 927 | 49 | 2035 | 1052 | 983 | 48 |
| ҲамагӣV-IX | 9513 | 4928 | 4585 | 93 | 9399 | 4727 | 4572 | 49 | 9194 | 4719 | 4475 | 49 |
| X | 1127 | 715 | 412 | 37 | 1295 | 778 | 517 | 40 | 1371 | 780 | 591 | 43 |
| XI | 1256 | 810 | 446 | 35 | 1108 | 705 | 403 | 36 | 1312 | 769 | 543 | 41 |
| Ҳамагӣ X-XI | 2383 | 1525 | 858 | 36 | 2403 | 1483 | 920 | 38 | 2683 | 549 | 1134 | 42 |
| Ҳамагӣ: | 18948 | 10027 | 8921 | 47 | 19000 | 9843 | 9057 | 48 | 19263 | 10042 | 9221 | 48 |

*Диаграммаи №7. Шумораи хонандагон*
*аз рӯи бастҳо ба 31.12.2014 (нафар)*




Муассисаҳои таълимии ноҳия аз норасоии таҷҳизотҳои лабораторӣ (реактивҳо) дар озмоишгоҳҳои фаннӣ (алалхусус аз фанни химия, биология, физика) барои гузаронидани корҳои амалӣ аз назария ба амалия гузаштан танқисӣ мекашанд.

**<u>Таъминот бо омӯзгорон</u>**. Дар муассисаҳои таълимии ноҳия ба ҳолати 31.12.2014 беш аз 1146 нафар омӯзгор кору фаъолият мекунад, ки аз ин 480 нафар ва ё 43 фоизро занҳо ташкил медиҳанд.

Набудани шароити мусоиди иҷтимоию иқтисодӣ боиси аз муассисаҳои таълимӣ рафтани омӯзгорони соҳибтаҷриба мегардад, ки таи се соли охир 35 омӯзгор корро тарк намуда, ба дигар корҳои ғайриомӯзгории музднок ё муҳоҷирати меҳнатӣ рафтаанд. Дар

муассисаҳои таълимии ноҳия дар соли 2014 - 7 нафар омӯзгорони соҳибихтисос, махсусан аз фанҳои забони русӣ, англисӣ, математика, физика ва химия намерасанд.

*Ҷадвали №24. Шумораи умумии омӯзгорон (нафар)*

| Нишондиҳандаҳо | 2012 | 2013 | 2014 | соли 2014 нисбат ба соли 2012 бо фоиз |
|---|---|---|---|---|
| Шумораи умумии омӯзгорон | 1127 | 1109 | 1124 | 99,0 |
| аз ҷумла, занон | 485 | 482 | 480 | 98,9 |
| Дорои маълумоти олӣ | 787 | 815 | 799 | 101,5 |
| аз ҷумла, занон | 251 | 313 | 264 | 105,1 |
| Олии нопурра | 202 | 193 | 166 | 82,1 |
| аз ҷумла, занон | 145 | 104 | 107 | 73,7 |
| Миёнаи умумӣ | 110 | 101 | 159 | 144,5 |
| Аз ҷумла занон | 89 | 65 | 109 | 122,4 |
| Норасогии кадрҳо | 17 | 10 | 7 | 41,1 |

Дар доираи ташкил гардидани курсҳои такмили ихтисос ва бозомӯзии омӯзгорон, дар давоми солҳои таҳсили 2013-2014 ва 2014-2015 мутобиқи нақшаи пешбинишуда ҳамагӣ 50 фоизи омӯзгорон ва ё зиёда аз 458 нафари онҳо таҷрибаю малакаҳои худро боз ҳам беҳтар намудаанд, ки чунин ташаббус барои беҳтар намудани сифати таълиму тарбия дар сатҳи маҳал заминаи воқеӣ мегузорад.

**Маълумоти фарогир.** Дар ноҳияи Файзобод ба 31.12.2014 - 35 нафар хонандагони маъюб ба қайд гирифта шудаанд, ки аз ин 22 нафар хонандагони маъюб дар муассисаҳои таълимӣ ба таълим фаро гирифта шуда ва 13 нафар боқимонда ба таълими хонагӣ инфиродӣ (инклюзивӣ) фаро гирифта шудааст.

***Барқарорсозии инфрасохтори мактабӣ.*** Барои дар ояндаи наздик таҳким бахшидан ба заминаи моддию техникии муассисаҳои таълимӣ ва дар ин замина такмил додани сифати хизматрасониҳои соҳаи маориф дар самти беҳтаргардонии таълиму тарбия аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тадбирҳои амалӣ андешида мешаванд. Дар ҳамин хусус, ҷиҳати иҷроиши нишондоди қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 августи соли 2008, № 436 «Дар бораи Барномаи давлатии сохтмон, таъмиру азнавсозии мактабҳо барои солҳои 2008 – 2015", ки дар хонаҳои шахсӣ, вагонхонаҳо, биноҳои маъмурию ҷойҳои ҷамъиятӣ ҷойгиранд», як қатор корҳо ба сомон расонида шуданд. Айни замон, дар ноҳияи Файзобод дар хонаҳои шахсӣ ва вагонҳо таҳсил бурда намешавад.

Бо назардошти он, ки ҳоло дар аксар мактабҳои деҳот хонандагон аз меъёри муқарраргардида зиёд қабул гардидаанд, талабот ба сохтмони мактабҳои нав ва бунёди синфхонаҳои иловагӣ сол то сол афзоиш меёбад. Дар ин замина зарурати сохтмони мактабҳои нави замонавӣ ва биноҳои иловагӣ ба миён омадааст, ки андешидани чораҳои мушаххас дар ин самт хеле аҳамияти ҷиддӣ дорад.

Бо назардошти ташфиқу тарғиби пешбурди тарзи ҳаёти солим ва дар ин замина дар рӯҳияи баланд тарбия намудани кардҳои ояндадор дар мактабҳо пайваста инфрасохтори лозимаи варзишӣ бунёд карда мешавад. Айни замон дар муассисаҳои таълимиии ноҳия 18 адад толорҳои варзишӣ ва 39 адад майдончаҳои варзишӣ мавҷуд аст.

***Компютеркунонии мактабҳо.*** Ба 31.12.2014 дар муассисаҳои таҳсилоти умумии ноҳия 22 синфи компютерӣ ташкил кардашуда дар онҳо 773 адад компютер, 183 адад принтер мавҷуд аст, ки 1 компютер ба 15 нафар хонанда рост меояд. Айни замон, "Барномаи давлатии компютеркунонии муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2015" пурра таъмин гардидааст. Барои таъмини пайвастаи синфхонаҳои компютерӣ бо нерӯи барқ 54 адад генератор мавҷуд аст.

Новобаста аз ин, нарасидани нерӯи барқ дар фасли зимистон дар мактабҳои деҳот барои гузаронидани дарсҳои амалии фанни технологияи информатсионӣ монеа эҷод менамояд. Бинобар ин зарурати таъмини мактабҳо бо хати озоди барқ зарур мебошад.

***<u>Системаи таъминот бо оби нӯшокӣ ва гармӣ.</u>*** Бо сабаби солҳои дароз мавриди истифода гардидани қубурҳои обгузар ва корношоям гардидани онҳо дар мактабҳои ҳудуди ноҳия таъминоти номуназзам бо оби нӯшокӣ ба назар мерасад.

Системаи таъминоти гармидиҳии мактабҳои ҳудуди ноҳия ва ҷамоатҳои деҳот аслан тавассути таҷҳизоти барқӣ ва печкаҳои алобӣ сурат мегирад. Бинобар аз кор боз мондани шабакаи гармидиҳии мавҷудаи аксарияти мактабҳои марказ ва деҳот аз таъминоти гармидиҳии буғӣ маҳрум гаштаанд.

***<u>Шаклҳои нави идоракунӣ.</u>*** Гузаштан ба низоми нави маблағгузории соҳа, яъне маблағгузории сарикасӣ бо мақсади таъминоти нисбатан самарабахши истифодаи маблағҳои буҷетӣ, ташкили шароити мусоид барои таҳким ёфтани устувории фаъолияти муассисаҳои таълимоти умумӣ ва баланд бардоштани сифати таълим дар дабистон равона карда шудааст. Мутобиқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01 октябри соли 2007, №505 «Оид ба тасдиқи қоидаҳои маблағгузории меъёрии (сарикасии) муассисаҳои таҳсилоти умумӣ » аз 1 январи соли 2009 дар ноҳия 58 муассисаи таълимӣ (40 мактаби таҳсилоти миёнаи умумӣ, 7 мактаби таҳсилоти асосии умумӣ, 11 муассисаи таҳсилоти ибтидоӣ баҳри татбиқиислоҳоти соҳаи маориф ва мақсаднок ҷорӣ намудани шаклҳои нави идоракунӣ ва маблағгузорӣ, назорат ба рафти иҷрои ислоҳот аз рӯи дастурамали хароҷот ба як хонанда аз ҷониби Лоиҳаи омӯзиши бо сифати USAID таи ин солхо чандин чорабиниҳои омӯзишӣ гузаронида шуд. Аз 1 январи соли 2009 сар карда бевосита ба шуъбаи маориф, раёсати молия ва муассисаҳои таҳсилоти умумӣ барои гузаштан ба шаклҳои нави идоракунӣ ва маблағгузории меъёрӣ (сарикасӣ) кӯмаку дастгирии техникӣ намуда, мутахассисон ва муҳосибони ин муассисаҳоро бо маводи корӣ (қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармону дастурҳои Вазорати маорифу молия, низомномаи баҳисобгирии муҳосибавӣ, ҳуҷҷатҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва бо дигар маводҳои зарурӣ) таъмин гардиданд.

Дар назди муассисаҳои таълимии марказ ва деҳоти ноҳия ассотсиатсияҳои падару модарон, омӯзгорон ва комитети падару модарон (ташкилотҳои ҷамъиятӣ) фаъолият менамоянд, ки ин вазъи таълиму тарбияро беҳтар намуда, имкониятҳои ин муассисаҳоро васеъ мекунад.

Бо ин мақсад аз ҳисоби буҷети ноҳия дар соли 2012- 9,2 млн. сомонӣ, соли 2013- 13,9 млн. сомонӣ, соли 2014 – 18,1 млн сомонӣ ҷудо гардидааст, ки дар қиёс ба соли 2012 ба андозаи 8,9 млн. сомонӣ зиёд мебошад.

*Диаграммаи №8. Маблағгузории соҳа*
*дар тӯли солҳои 2012 -2014 (ҳазор сомонӣ)*




Дар соли 2015 барои маблағгузории соҳа аз ҳисоби буҷет ҷудо намудани 18,8 млн. сомонӣ дар назар дошта шудааст.

Новобаста аз он, ки маблағгузории соҳа солҳои охир нисбати соли 2012 афзоиш ёфтааст, мутаассифона, барои пурра бартараф намудани мушкилиҳои асосии соҳаи маорифи ноҳия ин нокифоя аст.

***<u>Маълумоти олӣ ва миёнаи махсус.</u>*** Бинобар ҷорӣ гардидани низоми имтиҳонҳои марказонидашудаи дохилшавӣ дар соли 2013-2014 - **360** нафар танҳо тавассути Маркази миллии тестӣ ба муассисаҳоти таҳсилоти олии кишвар дохил гардиданд. Дар се соли охир 1885 нафар хатмкунандагони мактабҳои таҳсилоти ҳамагонии ноҳия ба мактабҳои олӣ ва миёнаи махсуси шаҳри Душанбе, барои аз худ кардани ихтисосҳои гуногуни хоҷагии халқ дохил шуданд.

Мутобиқи нақшаи корӣ ҳар сол аз рӯи квотаи президентӣ хонандагони болаёқат ба муассисаҳоти таҳсилоти олии ҷумҳурӣ дохил мешаванд. Тӯли солҳои 2012 - 2014 тибқи квотаи президентӣ ба муассисаҳои таҳсилоти олии ҷумҳурӣ 66 нафар дохил шуданд, ки 33 нафар писар ва 33 нафарашон духтарон мебошанд.

Мутобиқи нақшаи дурнамои соли 2015 қабули 22 нафар хонандагон ба мактабҳои олии кишвар аз ҳисоби квотаи президентӣ дар назар дошта шудааст, ки аз ин 11 - нафараш духтарон мебошанд.

### 3.2. Соҳаи тандурустӣ

***Ҳолати умумӣ.*** Бахши тандурустӣ дар ноҳия яке аз соҳаҳои муҳим ва афзалиятнок маҳсуб мегардад. Шумораи аҳолии ноҳияи Файзобод ба ҳолати 31.12.2014 зиёда аз 97531 ҳазор нафарро ташкил медиҳад. Ба аҳолии ноҳия имрӯз муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ, сохтори госпиталӣ, МНДСЭ хизмати тиббӣ мерасонанд. Дар ҳайати муассисаҳои КАТС 1 адад Маркази саломатии ноҳиявӣ, 12 адад Маркази саломатии деҳотӣ ва 27 адад бунгоҳи тиббӣ дохил мешаванд. Дар Маркази саломатии ноҳия Маркази репродуктивӣ фаъолият мекунад, ки барои солим таваллуд намудани фарзандон ва беҳ намудани сатҳи репродуктивии занони ноҳияи Файзобод вазифадор мебошад.

***<u>Солимии модарон.</u>*** Илова бар ин, ба беҳдошти солимии модарон татбиқи барномаҳои давлатӣ оид ба солимии репродуктивӣ, танзими оила ва ҳамзамон фаъолияти хуби муассисаҳои КАТС, хадамоти патронажӣ ва тибби оилавӣ нақши асосиро иҷро мекунанд. Масъалаҳои пешрафт ва ҳифзи саломатии модару кӯдак пеш аз ҳама ба ҳалли саривақтии мушкилоти соҳа дар сатҳи маҳал, паҳн намудани иттилоот дар байни ҷамоатҳо, ба роҳ мондани фаъолияти мукаммали гурӯҳҳои корӣ, фароҳам овардани шароити мусоид барои таҳкими заминаи моддию техникии муассисаҳои тиббӣ, гузаронидани таҳлили амиқ, омӯзиш ва ташхиси саривақтии бемориҳо аз ҷониби муассисаҳои тандурустии ноҳия алоқаманд мебошад.

*Ҷадвали №25. Таваллуд ва фавти модарон дар ноҳияи Файзобод дар солҳои 2011-2014*

| Нишондиҳандаҳо | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 |
|---|---|---|---|---|
| Ҳамагӣ, таваллуд | 2859 | 2839 | 3151 | 3305 |
| Таваллуд дар муассисаҳои тиббӣ | 2438 | 2453 | 2825 | 3089 |
| Ба ҳисоби фоиз (%) | 85,2 | 86,4 | 89,6 | 93,5 |
| Таваллуд дар хона | 421 | 386 | 326 | 216 |
| Ба ҳисобифоиз (%) | 72,2 | 79,0 | 76,7 | 66,2 |
| Фавти модарон (барои 100 ҳазор зиндатаваллуд) | - | 2-70,4 | - | |

Тайи солҳои охир миқдори таваллуд дар хона пайваста коҳиш ёфта истодааст, ки чунин ҳолат аз фаъол гаштани муассисаҳои тиббӣ ва амалӣ гаштани тадбирҳои мушаххас ҷиҳати баланд бардоштани сифати хизматрасониҳои тиббӣ дарак медиҳад.

Мутобиқи маълумоти коршиносони маҳаллии соҳаи тиб мушкилии асосӣ дар самти хизматрасонӣ ба занҳои ҳомиладор зоҳир мешавад, ки гарчанде бемориҳои

экстрогениталӣ миёни занон саривақт дарёфт карда шавад ҳам, вале бо сабабҳои бистарӣ нашудан ва саривақт ба қабули духтурон наомадани занони ҳомила иртибот дорад.

Самти муҳими дигари фаъолияти муассисаҳои тандурустии ноҳия ин хизматрасонӣ ба кӯдакон мебошад.

*Ҷадвали №26. Сатҳи фавти кӯдакон дар солҳои 2011-2014*

| Нишондод | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 |
|---|---|---|---|---|
| Фавти кӯдаконито 5 сола (азрӯи 1000 з/т) | 10 | 7 | 11 | 13 |
| Бо ҳисобифоиз (%) | 3,5 | 2,5 | 3,4 | 3,9 |
| Фавти кӯдакони то 1 сола (аз рӯишумора 1000 з/т) | 63 | 62 | 51 | 69 |
| Бо ҳисоби фоиз (‰) | 22,0 | 22,0 | 16,2 | 17,4 |

Сабаби асосии зиёд шудани фавти кӯдакон ин ба омили дуруст ба роҳ мондани бақайдгирии омори соҳаи тандурустӣ ва сари вақт муроҷиат накардани модарон мебошад.

*Ҷадвали №27. Камхунӣ ва норасоии йод дар организми занҳои баъди таваллуд*

| Нишондиҳандаҳо | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 |
|---|---|---|---|---|
| Шумораи занҳои ҳомила ва баъди таваллуд | 932 | 962 | 1168 | 1279 |
| Камхунӣ | 854 | 781 | 839 | 1120 |
| Ба ҳисоби фоиз (%) | 3,5% | 3,7% | 4,2% | 4,4% |
| Гирифтори чоғар | 136 | 127 | 107 | 169 |
| Бо ҳисоби фоиз (%) | 0,4% | 0,6% | 0,5% | 0,7% |

Таҳлил нишондод, ки дар давоми солҳои 2012, 2013 ва 2014 камхунӣ миёни занҳои ҳомила ва баъди таваллуд мунтазам зиёд шуда истодааст. Сабаби асосии ин тамоюл пеш аз ҳама ба риоя нагардидани фосилаи байни таваллуд ва пеш аз ҳомиладорӣ аз муоинана гузаштан ва маслиҳати табибони акушер гинекологҳоро нагирифтани занон, инчунин норасоии ғизои серкаллория марбут мебошад. Чунин ҳолат дар бемории ҷоғар низ мушоҳида мешавад. Мутаассифона дар бисёр ҳолатҳо ин ба гирифтории оризаи ҳомиладории занҳо ва ҳатто ба фавти модару кӯдак оварда мерасонад. Дар ҳамин хусус андешидани тадбирҳои муассир дар ин самт хеле зарур мебошад.

Солҳои охир дар ноҳия коҳишёбии индекси солимии модарон ба назар мерасад. Сабаби ин гирифтор будани занони ҳомила ба бемориҳои экстрагенеталӣ (аз ҷумла, бемориҳои гурда, камхунӣ, ҷоғар ва ғайра), саривақт муроҷиат накардан ҳангоми аломатҳои ҳомиладорӣ, риояна кардани фосилаи байни таваллуд, таваллуд дар шароити хона, зоиш дар синни бармаҳал, дастрасӣ надоштан ба маводҳои пешгирикунандаи ҳамл, сатҳи пасти иттилоотнокии занон дар масоили саломатии репродуктивӣ ва камбизоатии занон мебошад.

Дар ноҳия ба ҳолати 31.12.2014 занҳои қобили таваллуд 22413 нафарро ташкил медиҳанд. Шумораи таваллуд дар соли 2014 ба 3305 нафар расид, ки нисбат ба соли 2012 ба миқдори 466 нафар зиёд мебошад.

Барои мусоидат намудан ба солимии репродуктивии занон дар соли 2014 Маркази солимии репродуктивии ноҳияи Файзобод ба 5646 - нафар 23,4% занон маводҳои контросептивӣ таъмин кард. Дар ҷамоатҳои «Мискинобод» ва «Қалъаи Дашт»-и ноҳия бо ҷалби кормандони саҳроӣ дар байни занҳои синну соли репродуктивӣ дарсҳои омӯзишӣ дар мавзуъҳои «Хатари исқоти ҳамл ба саломатии занон», «Воситаҳои пешгирии ҳомиладории номатлуб», «Танзими оила», «Бемориҳои бо роҳи алоқаи ҷинсӣ гузаранда» барпо карда шуд. Бо мақсади беҳтар намудани иттилоотнокии аҳолӣ ба масъалаи гузошташуда, иштирокчиён бо адабиётҳои лозима («Ман медонам» ва «Интихоби ман») бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ таъмин гардиданд.

***Беморихои сироятӣ.*** Дар баробари дигар вазифаҳо дар шароити кунунӣ яке аз вазифаҳои асосии муассисаҳои тандурустии ноҳияи Файзобод ин пешгирӣ намудани беморихои сироятӣ иборат мебошад.

*Ҷадвали №28. Тамоюли бемориҳоисироятӣ дар солҳои 2011 -2014*

| Намуди бемориҳои сироятӣ | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 |
|---|---|---|---|---|
| Бемории сил | 45 | 45 | 52 | 45 |
| (ба 100 ҳазор аҳолӣ) | 39,8 | 40,9 | 48,4 | 43,8 |
| Газидан, оболудшавӣ, харошидан аз тарафи ҳайвонҳо | 88 | 104 | 98 | 140 |
| (ба 100 ҳазор аҳолӣ) | 7,8 | 90,9 | 91,3 | 136,5 |
| Исҳоли хунин (Дизентерия) | 13 | 4 | 3 | 1 |
| (ба 100 ҳазор аҳолӣ) | 0,9 | 3,6 | 2,8 | 0,9 |
| Сироятҳои шадиди рӯдаву меъда | 3637 | 3896 | 4187 | 4098 |
| (ба 100 ҳазор аҳолӣ) | 322,4 | 3545 | 3904 | 3996 |
| Гелминтоз | 104 | 43 | 105 | 42 |
| (ба 100 ҳазор аҳолӣ) | 9,2 | 39,0 | 97,9 | 40,9 |
| Бемории ВНМО | 7 | 4 | 1 | 5 |
| Домана | 6 | 9 | 2 | - |

Дар ноҳияи Файзобод ҳамасола дар доираи амалӣ намудани “Барномаи миллии барҳамдиҳии бемориҳои гелминтӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011 - 2015” ҷиҳати коҳиш додани гирифторӣ ба бемориҳои гелминтоз мунтазам маъракаҳои бекирм гардонӣ тавассути истеъмоли ҳабҳои (таблетка) албендазол ва прозиквантел гузаронида мешавад.

Дар баробари ин, гирифторӣ ба бемории ВНМО дар соли 2014 нисбат ба соли 2013 ба 2 нафар зиёд шудааст, ки хеле ташвишовар ба мушоҳида мерасад. Сабаби асосии баланд гаштани нишондиҳандаи мазкур ба муҳоҷирати меҳнатӣ, нашъамандони тазриқӣ (истифодаи чандинкаратаи сӯзандору) марбут буда, инчунин аз ҳисоби танфурӯшии занон ба вуқуъ пайваста аст.

Дар давоми соли 2014 бемории домана дар ноҳияи Файзобод пурра аз байн рафтааст, ки ба ин безараргадонии оби нӯшокӣ ва баланд гардидани сатҳи маърифатнокии аҳолӣ, мунтазам гузаронидани корҳои профилактикӣ ва санатираию беҳдоштӣ, инчунин тадбирҳои фаҳмондадиҳӣ дар байни аҳолӣ аз ҷониби МНДСЭ ва маркази ташаккули тарзи ҳаёти солим боис гардидааст.

Дар давоми соли 2014 ба муассисаҳои тандурустии ноҳия Гастраскоп 1-адад, кати кашиш 1-адад, Велогон 1-адад, 3-адад электроотсос, дастгоҳи қандсанҷӣ 1-адад ворид карда шуд, ки андаке заминаи моддию техникии муассисаҳои тиббии ноҳияро беҳтар намуд.

Дар ҳамкории зич бо Барномаи рушди Созмони Милали Муттаҳид тӯли солҳои 2011-2012 бо маблағгузории Хазинаи Глобалӣ оид ба мубориза бар зидди бемориҳои ВНМО, сил ва вараҷа дар тамоми ҷамоатҳои ноҳияи Файзобод лоиҳаи «Ҷомеаи солим» амалӣ гардид. Мақсади асосии лоиҳа ин пешгирии паҳншавии бемории сил, ошкор кардани беморон ва назорати табобати беморони ДОТС махсуб ёфта, дар ин самт дар байни аҳолӣ корҳои фаҳмондадиҳӣ оид ба аломатҳои бемории сил, роҳҳои пешгирӣ ва тарзи табобати он ба анҷом расонида шуд.

**Бемориҳои ғайрисироятӣ.** Дар ноҳияи Файзобод бемориҳои захми меъда, газаки меъда, сирози ҷигар, газаки шадиди шушҳо, газаки гурда, тарбод, ғадуди дарунӣ, камхунӣ, ҷоғар бемориҳои сактаи майнаи сар ва бемории ишемияи дил солҳои охир афзоиш ёфтааст. Сабаби афзоиши ин бемориҳо паст будани сатҳи маърифатнокии аҳолӣ доир ба пешгирии бемориҳо, риоя накардани пешбурди тарзи ҳаёти солим, саривақт муроҷиат накардан ба муассисаҳои тиббӣ, камбизоатӣ, баланд будани нархи доруворӣ ва паст будани шароити иҷтимоӣ мебошад.

**Сохтори соҳаи тандурустӣ ва раванди ислоҳот.** Системаи тандурустии ноҳияи Файзобод аз муассисаҳои бистарикунонӣ ва КАТС иборат аст.

*Ҷадвали №29. Муассисаҳои тиббии ноҳияи Файзобод*

| | | |
|---|---|---|
| Сохтори шабакаҳои КАТС | Шумораи умумии муассисаҳои КАТС | 40 |
| Маркази саломатии ноҳиявӣ | | 1 |
| Марказҳои саломатии деҳот | | 12 |
| Бунгоҳи саломатӣ | | 27 |
| Муассисаҳои бистарикунонӣ | Ҷамъ: | 3 |
| | Беморхонаи марказӣ барои 175кат | 1 |
| | Беморхонаи минтақавӣ барои 25 кат | 2 |
| | Маркази солими репродуктивӣ | 1 |
| | Маркази ташакули тарзи ҳаёти солим | 1 |
| | Маркази ҳамбастагии бемориҳои кӯдакон | 1 |
| | Маркази мубориза бар зидди бемориҳои сил. | 1 |
| | Маркази эмтаъминкунӣ | 1 |
| Маркази назорати давлатии санитарию эпидемиологӣ | | 1 |
| Ёрии таъҷилии тиббӣ | | 1 |

Барои беҳтар намудани хизматрасонии тиббӣ дар ноҳия як қатор мушкилиҳо иинфрасохторӣ мавҷуданд, ки ҳалли онҳо дар панҷсолаи оянда самти асосии Барномаи мазкур аст. Аз ҷумла:

- ба таъмири асосӣ ниёз доштани ҷомашӯйхона дар беморхонаи марказии ноҳия (БМН);
- набудани автоклави мутамарказонидашуда дар маркази саломатии ноҳия;
- набудани шуъбаи ҷарроҳии гулӯ, гуш ва бинӣ;
- набудани маблағ барои таъмири асосии беморхонаҳои минтақавӣ ва шуъбаи бемориҳои асаб, бинои маҷлисгоҳ, ошхона, маитхона, ҳуҷраи безараргардонӣ (автоклав) ва ҳоҷатхонаи умумии беморхонаи марказии ноҳия;
- таъмин набудани муассисаҳои тандурустии ноҳия бо камераҳои мушоҳидавӣ ва алоқаи телефонӣ;
- ҷойгир будани 5 – адад бунгоҳи тиббӣ дар хона ва вагонҳо ;
- таъмирталаб будани қисми зиёд бунгоҳҳои тиббӣ ;
- пайваст набудани беморхонаи минтақавии Меҳробод ва муассисаҳои тиббӣ (ҳамаи марказҳои саломатии деҳот ва бунгоҳҳои саломатӣ) ба хатҳои оби нӯшокӣ ва хати озоди барқ;
- фарсуда ва корношоям гардидани шабакаи гармидиҳӣ, қубурҳои обгузар ва партоб гузари бинои асосии беморхонаи марказӣ ва беморхонаҳои минтақавӣ ;
- набудани таҷҳизоти муосир дар муассисаҳои тиббии ноҳия (рентгени рақамӣ, флюрография, тамизкунанда, гастроскоп, кювез, яхдон, гемометр, дастгоҳи РО-9, оксигенератор, кардиомонитор, дефибрлятор, кондитсионер, генератори барқӣ, кати хоб ва мизу курсиҳо);
- таъмин намудани марказҳои соҳавӣ, шуъбаи ёрии таъҷилӣ ва беморхонаҳои минтақавӣ бо нақлёти санитарӣ;
- нарасидани сумкаҳо барои тибби оилавӣ, ташкил намудани озмоишгоҳҳо дар марказҳои саломатии деҳотӣ;
- набудани озмоишгоҳ барои муайян кардани вируси гепатит;
- мизу курсиҳо ва таъмири толори маҷлисгоҳ беморхонаи марказӣ;
- сохтмони бунгоҳои саломатӣ дар минтақаҳои Кулобиён, Яккабед, Шулашак;
- набудани дастгоҳи колпоскопӣ;
- нарасидани бастҳои вазифавӣ дар беморхонаҳо, КАТС ва МНДСЭ;
- компютеркунонии соҳаи тандурустии ноҳия;
- таъмири бинои асоси МНДСЭ;
- таъминот бо таҷҳизотҳо (мебел, компютер, кондитсионер ва камераҳои мушоҳидавӣ);
- барқарор намудани системаи гармидиҳии бинои асосии МНДСЭ;

– сохтмони биноҳои ёрирасон, нигоҳдории нақлиёти хизматрасон, анбор, ҳоҷатхона ва қубурҳои обгузар ва партобгузар;
– норасоии нақлёти хизматӣ, нақлёти сайёри флюорография ва нақлиёти безараркунанда;
– дастгоҳи дорупошӣ;
– таъмири бинои озмоишгоҳҳои бактериологию химиявӣ;
– таъмини таҷҳизотҳои тиббӣ ва мебел барои озмоишгоҳи бактериологию химиявӣ;
– барқарор намудани системаи гармидиҳии озмоишгоҳи бактериологю химиявӣ;
– таъмир намудани обанборҳои ноҳия ва бо ҳуҷраҳои безараргардонӣ таъмин намудани онҳо;
– норасоии маблағгузори барои харидори намудани маводҳои безаррагардони (хлор) дар тамоми муассисаҳои тандурустӣ.

*Ҷадвали 30. Сатҳи маълумотнокии кормандони соҳаи тандурустӣ*

| Муассисаҳои тиббӣ | Шумораи кормандон | Маълумоти миёнаи махсус | Маълумоти олӣ | Дигар кормандон | Кормандони хурди тиббӣ |
|---|---|---|---|---|---|
| Муассисаҳои КАТС | 312 | 189 | 58 | 17 | 48 |
| Хадамоти бистарӣ | 307 | 143 | 35 | 58 | 71 |

Мувофиқи равандҳои нави ислоҳоти соҳаи тандурустӣ ва татбиқи самараноки «Стратегияи солимии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2020» дар назди Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Донишкадаи такмили ихтисоси баъдидипломии кормандони тибби Тоҷикистон» ташкил дода шудааст. Дар муассисаи мазкур барои тайёр намудани кормандони соҳаи тиб модули нави тарзи идоракунӣ ва маблағгузорӣ тартиб дода шудааст, ки тавассути он кормандони соҳа омӯзонида мешаванд. Дар давоми солҳои 2014 ва 2015 18 нафар табибон ва 23 нафар ҳамшираҳои тиббӣ курсҳои такмили ихтисосро гузаштаанд.

***<u>Иштироки ҷомеа дар беҳтарнамудани саломатӣ.</u>*** Дар ноҳияи Файзобод барои ҳалли масъалаҳои солимии аҳолӣ иштироки ҷомеа қариб ба назар намерасад ва ташаббусҳои аҳолӣ оид ба беҳтар намудани вазъи санитарию гигиенӣ начандон хуб зоҳир мегарданд. Фаҳмиши аҳолӣ вобаста ба пешбурди тарзи ҳаёти солим дар сатҳи паст қарор дорад.

*Ҷадвали №31. Мушкилиҳои мавҷудаи системаи тандурустии ноҳияи Файзобод*

| Номгӯи мушкилот | Мавзеъ |
|---|---|
| I. Бад гардидани заминаи моддию техникии муассисаҳои табобатию профилактикии ноҳия | |
| 1.Фарсуда гардидан ва нарасидани таҷҳизоти муоинаи тибби рентгенӣ, автаклав, УЗИ, бранхоскоп, дифирилятор, кардиомонитор, оксигенератор, кювез ва асбобҳои ҷарроҳӣ | Беморхонаи марказӣ ва Маркази саломатии ноҳия |
| 2.Норасогии дорувории бепул барои шахсони имтиёздошта | Беморхонаи марказии ноҳия ва муассисаҳои КАТС-и ноҳияи Файзобод |
| II. Вуҷуд надоштани муассисаҳои тиббӣ | |
| 1.Ҷойгир гаштани бунгоҳҳои саломати дар вагонхонаҳо | Бунгоҳи саломатии 5 (деҳаҳои Қалъаи дашт, Қашқараҳа, Дубеда, Хами Савра ва Сари Чашма) |

### 3.3. Фарҳанг ва фароғат

Соҳаи фарҳанг яке аз соҳаҳои асосӣ ва афзалиятноки ноҳия ба ҳисоб рафта, тамаддуни ғанию таърихӣ дорад. Дар ноҳияи Файзобод 25 муассисаи фарҳангӣ мавҷуд аст, аз ин 1- адад филармонияи халқӣ, 4- адад хонаҳои фарҳанг, 1- адад осорхона, 1 – адад боғи истироҳатию фароғатӣ, 1 – адад мактаби санъати бачагона, 17 – адад

китобхонаҳо аз ҷумла: 1- адад китобхонаи марказӣ, 1- адад китобхонаи бачагона, 15 - адад китобхонаҳои деҳотӣ.

Шумораи умумии кормандони соҳа 130 - нафарро ташкил медиҳад, ки аз ин 32 – нафар бо маълумоти олӣ, 6- нафар олии умумӣ, 27 – нафар миёнаи махсус, 34 – нафар бо маълумоти миёнаи умумӣ ва 31 – нафар кормандони техникӣ бо маълумоти миёнаи умумӣ кору фаъолият доранд.

Бо қарори ҷаласаи Ҳайати мушовараи Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон №10/2 аз 28 ноябри соли 2013 ва бо қарори раиси ноҳия аз 21.10.2013, №518 дар заминаи қасри фарҳанг филармонияи халқии ба номи Нигина Рауфова таъсис дода шуд. 40 – нафар кормандон дар ансанблҳои мақомсароён, фалаксароён ва этнографи бо ҳам омада дар маҷмуъ филармонияи халқиро ташкил медиҳанд.

Инчунин дар назди филармонияи халқи ансанбли карнайнавозон ва театр - студияи ҳаҷвии "Шаҳрошуб" аз ҳисоби ҳаваскорон ва нафарони касбу кори гуногун фаъолият доранд. Филармонияи халқи бо асбобу анҷомҳои мусиқӣ, сару либос ва 2- автомашина таъмин буда мушкили танҳо дар нарасидани декарасия, асбобу анҷомҳои нави замонавӣ, аз қабили равшании санҳна, кор накардани штангетҳо ба чашм мерасад.

Дар ноҳия 3 хонаи фарҳанг, ки дар деҳаҳои Файзобод, Бобои – Валӣ ва Мискинобод ҷойгиранд аз таъмири ҷорӣ бароварда шуданд танҳо хонаи фарҳанги Меҳробод қисман таъмир гузаронида шудааст. Дар хонаҳои фарҳанги номбаршуда аз нарасидани асбобҳои мусиқӣ ва тақвияти овоз танқисӣ мекашанд.

Аз 17 китобхона танҳо 10 – адад китобхона дар тавозуни бахши фарҳанг қарор дошта 7 – адад китобхона дар деҳаҳои Бустон, Сино, Дубеда, Сари Сафедхок, Сарой ва Дурахшон бинои мустақил надошта ба сохтмон ниёз доранд. Танҳо дар деҳаҳои Кабкрез ва Яккабед бо таври ҳашар сохтмони биноҳои китобхона идома дорад. Бо қарори Раиси ноҳия як қисми бинои ҷамоати деҳоти Вашгирд, ки аз ду ошёна иборат аст ба тавозуни бахши фарҳанг гузаронида шудааст вале мутасифона таъмирталаб мебошад. Дар деҳаҳои Сино, Дурахшон, Сари сафедхок барои сохтмони китобхонаҳо замин ҷудо шудаанд вале аз сабаби нарасидани маблағ ва мавҷуд набудани сарпарастон ба ҳоли худ гузошта шудаанд.

Осорхонаи ноҳия аз ду қабат иборат буда аз сабаби нарасидани маблағ барои харидории таҷҳизотҳо, нигораҳо ва ба гузаронидани таъмири ҷорӣ ниёз дорад. Боғи фарҳангу фароғатии "40 – солагии Ғалаба" дар майдони 2,5 га ҷойгир буда, соли 1980 ташкил шудаст. Аз сабаби фарсуда шудани чархофалакҳо, майдонҳои варзишӣ ва сутунҳои равшаннамоӣ дар сатҳи хело паст қарор доранд.

Мактаби санъати ба номи Дустмурод Алиев соли 1974 ташкил карда шуда дар бинои алоҳида ҷой дода шудааст. Мактаб дар 4 деҳа филиалҳои худро дошта, 200 нафар хонандаро фаро мегирад ва ба онҳо 22 нафар муаллимон дарс меомӯзанд. Нарасидани омӯзгорон аз фанни фортеопианно, чанг, скрипка дар мактаби мусиқии ноҳия мушоҳида мешавад.

**Мушкилотҳои соҳа:**

Дар китобхонаҳои ноҳия нарасидани рафҳои китобмонӣ, компютер, мизу курсиҳо ва адабиётҳои тозанашр мушоҳида мегардад;

Мамнуъгоҳи таърихии "Вашгирд", ки таърихи беш аз се ҳазор сола дорад айни замон аз сабаби нарасидани маблағ дар он кофтуковҳои бостоншиносон гузаронида намешавад;

Дар ҳамаи хонаҳои фарҳангии ноҳия аз нарасидани асбобҳои мусиқӣ ва тақвияти овоз танқисӣ мекашанд;

Дахмаи хиштпазӣ мутаалиқ ба асри X-ро бошад хатари аз байн рафтан таҳдид дорад зеро он дар соҳили дарёчаи Оби Сангбур ҷойгирифтааст ва соҳил рӯз ба рӯз ба ин ёдгории таърихи наздик мешавад;

### 3.4. Соҳаи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ

Соҳаи таъминоти иҷтимоии ноҳия аз низоми суғуртаи давлатии иҷтимоӣ, таъминот бо нафақа, шуғл, муҳоҷирати меҳнатӣ, ҳифзи ҳуқуқи оила, кӯдакон, расонидани кӯмаки сӯроғавии иҷтимоӣ ба гурӯҳҳои осебпазир ва камбизоат иборат аст.

Марҳилаи кунунии рушди ноҳияи Файзобод бо мавҷудияти бекорӣ, тафриқаи намоёни вазъи иҷтимоӣ, имконияти то андозае маҳдуди иқтисодии қисми асосии аҳолии деҳот вазифаи ташкили ҷойҳои кории навро гузоштааст. Мувофиқи маълумоти расмӣ шумораи аҳолии ноҳияи Файзобод ба ҳолати 31.12.2014 миқдори 97,5 ҳазор нафарро ташкил дод, ки аз он 55,6 ҳазор нафарашон захираҳои меҳнатӣ мебошанд.

**Гурӯҳи осебпазири аҳолӣ.** Ба гурӯҳи осебпазири аҳолӣ нафақхӯрон, маъюбон, кӯдакони маъюб ва оилаҳои камбизоат дохил мешаванд.

*Ҷадвали №32. Шумораи нафақахӯрон*
*аз рӯи категорияҳо дар тӯли солҳои 2011-2014*

| Гурӯҳҳои осебпазир | Солҳо | | | | Соли 2014 нисбат ба соли 2011бо % |
|---|---|---|---|---|---|
| | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | |
| Нафақахӯрон (аз рӯи синну сол) | 3412 | 3896 | 3870 | 4183 | 23 |
| Маъюбон | 670 | 676 | 739 | 680 | 2 |
| Маъюбони модарзод | 644 | 704 | 704 | 699 | 9 |
| Бесаробонмондагон | 519 | 533 | 549 | 569 | 10 |
| Ҳамагӣ нафақахӯрон | 5245 | 5809 | 5862 | 6131 | 17 |

Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки шумораи нафақахӯрон сол то сол рӯ ба афзоиш ниҳода, ин нишондод дар соли 2014 нисбат ба соли 2011 ба 23 фоиз афзоиш ёфтааст, ки аҳамияти бештарро ба худ талаб менамояд.

Ба ҳолати 31.12.2014 дар ноҳия 9 нафар маъюбони Ҷанги Бузурги Ватанӣ, 27 нафар маъюбони Чернобил ва 1122 нафар маъюбони гурӯҳҳои 1,2,3 умр ба сар мебаранд, ки аз ин 570 нафарашон зан ва 512 нафар мард мебошанд. Ҳадафи асосӣ дар ин самт таъмини маъюбон бо курсӣ-аробача ва асбобҳои ёридиҳанда (асо,узвҳои сунъӣ (протез), таҷҳизотҳои шунавоӣ ва ғайра) мебошанд.

Дар давоми солҳои 2012 то 2014 аз ҷониби Бахши иҷтимоии МИҲД ноҳияи Файзобод ба эхтиёҷмандону маъюбон 24 адад аробачаҳои маъюбӣ, 284 адад асодаст ва 46 адад асобағал кӯмаки ройгон расонида шудааст. Илова бар ин, дар соли 2012 - 17 нафар, соли 2013 - 16 нафар, соли 2014 бошад 36 нафар барои табобат ба осоишгоҳҳои Калтуч, Ромит, Хоҷа Оби Гарм, Харангон, Дӯстӣ, Зумрат, Шоҳамбарӣ, Оби Гарм ва Биби Фотимаи Заҳро тариқи роҳхат фиристонида шудаанд.

Ба ҳолати 31.12.2014 дар ноҳия ба ҳисоби миёна ҳаҷми нафақаи миёна 221,00 сомонӣ, аз ҷумла: аз рӯи пиронсолӣ 221 сомонӣ, аз рӯи гум кардани яке аз волидайн 180,00 сомонӣ, аз рӯи маъюбӣ 203,00 сомонӣ ва нафақаи иҷтимоӣ 92,00 сомониро ташкил медиҳад.

*Диаграммаи №9. Ҳаҷми ҷубронпулӣ барои истифодаи нерӯи барқ*



Дар соли 2014 шумораи умумии хонаводаҳое, ки бинобар баланд гардидани тарифҳо барои истифодаи нерӯи барқ ҷубронпулӣ гирифтаанд 2597 ададро ташкил медиҳад, ки нисбат ба соли 2011 ба 30,0 фоиз коҳиш ёфтааст, ки ин нишондиҳанда аз беҳтар гардидани шароити иҷтимоии аҳолӣ шаҳодат медиҳад. Ин нишондиҳанда дар соли 2011 барои 3358 оила 167,9 ҳазор сомон ва дар соли 2012 бошад барои 3861 оила 167,6 ҳазор сомонӣ, дар соли 2013 барои 2262 оила 157,3 сомонӣ, дар соли 2014 барои 2597 оила 203,7 ҳазор сомониро ташкил медод.

Омили асосие, ки ба афзоиши ҳаҷми пардохти нафақа мунтазам таъсири мусбӣ мерасонад, ин дар асоси рушд ёфтани сатҳи иқтисодиёти кишвар ва фароҳам омадани имкониятҳои молиявӣ ба тасвиб расидани Фармони Призиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 августи соли 2013, №1493 “Дар бораи тадбирҳои тақвият додани сатҳи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва зиёд намудани маоши амалкунандаи вазифавии хизматчиёни давлатӣ, кормандони муассисаю ташкилотҳои буҷетӣ, андозаи нафақаҳо ва стипендияҳо” ба шумор меравад. Шумораи умумии кормандони муассиса 13 нафарро ташкил медиҳад.

Дар соли 2014 шумораи умумии нафақахурон, ки дар қайд мебошанд 6131 нафарро ташкил медиҳад, ки ба ҳамаи онҳо пурра хизматрасониҳо ба анҷом расонида шудааст. Аз шумораи умуми 680 нафарашонро маъюбон ташкил медиҳанд. Дар соли 2014 аз ҳисоби корхонаву муассисаҳо ва соҳибкорон ба маблағӣ 22700 сомонӣ кумакпулиҳо ба аҳолии камбизоат ва маъюбон расонида шудааст.

Дар ҳудуди ноҳия шумораи ниёзмандон ба хизматрасонии суроғавӣ хеле зиёд буда, ҳалли дурусти ин масъала диққати махсусро талаб мекунад.

Мушкилоти асосие, ки дар ин самт ба назар мерасад ин нарасидани маводҳои ниёзи аввал (хӯрока) ба ниёзмандон мебошад. Зеро аксари эҳтиёҷмандонро камбизоатон ташкил дода, сарчашмаи иловагии даромад надоранд. Дар ин самт ҷалб намудани ташкилотҳои дохилию хориҷӣ барои дастгирии ниёзмандон ва ба роҳ мондани хизматрасонии хушсифат зарур аст.

**Бозори меҳнат ва шуғли аҳолӣ.** Шуъбаи Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар ноҳияи Файзобод дар соҳаи мусоидат ба шуғли аҳолӣ бо назардошти вазъ дар шуғли аҳолӣ ва бозори меҳнати байналмилалӣ низоми доимоамалкунандаи мониторинги бозори меҳнатро дар сатҳи ноҳия ташкил менамояд, таҳлили ҳолати он, ояндабинии талаботу пешниҳодҳоро ба қувваи корӣ амалӣ месозад.

Бо мақсади таъмини аҳолӣ бо ҷои кор дар давоми солҳои 2011-2014 аз ҷониби шуъбаи мазкур дар ҳамбастагӣ бо сохторҳои дахлдор 9059 ҷойҳои нави корӣ ташкил карда шуд, ки аз ин 624 нафари онҳо бо ҷои кори мавсимӣ таъмин гардида, танҳо дар соли 2014 бошад 189 нафар бо ҷойи кори доимӣ таъмин гардидаанд. Аз сабаби паст будани музди меҳнат дар соҳаи кишоварзӣ, соҳаҳои буҷетӣ ва набудани шароити мусоиди иҷтимоӣ, бахусус дар маҳалҳо нисфи зиёди ба кор қабулшудагон ҷои кории худро тарк намуда, ба дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ ё ба муҳоҷирати меҳнатии бурунмарзӣ рафтаанд.

*Ҷадвали №33. Раванди татбиқи Барномаи мусоидат ба шуғли аҳолии н. Файзобод барои солҳои 2011-2014*

| Номгӯи чорабиниҳо | Солҳо | | | | | | | | Соли 2014 нисбат ба соли 2011 бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2011 | | 2012 | | 2013 | | 2014 | | |
| | Нақша | Иҷро | Нақша | Иҷро | Нақша | Иҷро | Нақша | Иҷро | |
| Таъсиси ҷойҳои нави корӣ | 1577 | 1684 | 1700 | 1142 | 2575 | 2719 | 2900 | 2914 | 173,2 |
| Таъмини аҳолӣ бо ҷои кори доимӣ | 84 | 100 | 115 | 121 | 120 | 122 | 180 | 189 | 189,1 |
| Касбомузӣ | 100 | 119 | 120 | 152 | 162 | 208 | 208 | 216 | 2,2мар. |
| Корҳои ҷамъиятии музднок | 56 | 60 | 65 | 70 | 70 | 72 | 65 | 65 | 108 |
| Кӯмакпулӣ барои бекорӣ | 50 | 56 | 60 | 64 | 78 | 88 | 80 | 85 | 152,3 |

Самти асосии сиёсати мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Файзобод дар бозори меҳнат дар давраи то соли 2020 ҷалб ва ҳавасманд намудани муассисаҳои дахлдор ҷиҳати ташкили ҷойҳои нави корӣ ва дар ин замина баланд бардоштани самаранокӣ ва рушди бозори меҳнат ба ҳисоб меравад.

Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки нишондиҳандаҳо аз рӯи ҳамаи накшаи дурнамо бар зиёд иҷро карда мешавад. Новобаста аз ин солҳои охир бинобар сабаби суст будани дастгирии молиявӣ, тафриқаи калони музди меҳнат байни кормандони соҳаҳои буҷетӣ ва ғайри буҷетӣ ташкил намудани ҷойҳои нави корӣ мушкил гардида истодааст. Дар ин замина, ба кор даровардани иқтидорҳои нави истеҳсолӣ ва дар заминаи он ба роҳ мондани коркарди ашёи хоми маҳаллӣ ба миён омадааст.

Дар доираи “Барномаи мусоидат ба шуғли аҳолӣ дар ноҳияи Файзобод барои солҳои 2012-2014” дар давоми солҳои 2012-2014 беш аз 405 нафар курсҳои кӯтоҳмуддати касбомӯзиро дар марказҳои таълимӣ (аз рӯи касбҳои дӯзандагӣ, муҳосиб, компютер, қолинбофӣ, қаннод, сабатбофӣ, ниҳолпарварӣ,занбурпарварӣ ва ғайра) хатм намудаанд.

**Сатҳи бекорӣ.** Бо назардошти афзалият ва самтҳои асосии соҳа яке аз ҳадафи стратегии Барномаи рушди ноҳия дар панҷ соли оянда ба ҷои кори доимӣ таъмин намудани аҳолӣ ва дар ин замина коҳиш додани сатҳи бекорӣ аст. Барои расидан ба ин ҳадаф дар доираи Барномаи мазкур ба кор даровардани иқтидорҳои нави истеҳсолӣ дар назар аст. Таҷрибаи солҳои охир нишон медиҳад, ки яке аз омилҳои асосие, ки бекорони расман бақайдгирифташуда сари вақт ва пурра ба кор таъмин карда намешавад, ин ба дархост ва пешниҳоди муассисаю идораҳо ва ташкилотҳои дахлдор вобаста аст.

Дар баробари ин ҳангоми гузаронидани ярмаркаҳои ҷойҳои кории холӣ аксари иштирокчиён аз паст будани музди меҳнат ва шароити номусоиди корӣ норозӣ буда, аз ишғоли вазифаҳои пешниҳодшуда даст мекашанд.

Маълумоти расмӣ нишон медиҳад, ки сатҳи бекорӣ (бекороне, ки расман дар шуъбаи Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ ба қайд гирифта шудаанд) дар соли 2014 нисбат ба соли 2011 ба 43,2 % афзоиш ёфтааст, ки сабаби афзоиш ёфтани он ба қадри кофи таъсис нагардидани ҷойҳои нави кории доимӣ мебошад.

*Диаграммаи №10. Ҳаҷми қарзҳои ба бекорон пешниҳодшуда дар солҳои 2011-2014*




Дар соли 2014 аз 522 шумораи умумии бекорони расман ба қайдгирифташуда танҳо 189 нафар ба кор, таъмин карда шудаанд, ки 36,2 фоизро ташкил медиҳад.

Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки айни замон аз шумораи умумии захираҳои меҳнатӣ (55,6 ҳазор нафар) шумораи бекорон 20,5ҳазор нафарро ташкил медиҳад, ки аз ин шумораи бекоронро занон ташкил медиҳанд, ки аслан хонашинанд.

Таи чор соли охир дар доираи "Барномаи мусоидат ба шуғли аҳолии ноҳияи Файзобод дар тӯли солҳои 2011 – 2014" беш аз 1322 нафар ба ҷои кори доимӣ таъмин карда шуд.

Бо мақсади кам кардани сатҳи бекорӣ, таъмини шароити мусоид барои фаъолияти минбаъда ва дастгирии молиявии бекорон аз ҷониби шуъбаи Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар ноҳия аз ҳисоби маблағҳои буҷети ҷумҳуриявӣ ҳамасола қарзҳои бефоиз ва имтиёзнок пешниҳод карда мешавад. Шумораи умумии бекороне, ки дар солҳои 2011-2014 аз қарзҳои бефоиз дар гардишбуда истифода намудаанд 118 нафарро ташкил дода, аз ин шумора дар солҳои 2011 ба 43 нафар ба маблағи 115092 сомонӣ, соли 2012 ба 50 нафар ба маблағи 152441 сомонӣ,соли 2013 ба 42 нафар 146300 сомонӣ ва соли 2014 ба 50 нафар ба маблағи 182466 сомони дода шудааст, ки ҳаҷми умумии маблағи пешниҳодшуда ба 596299 сомонӣ баробар аст.

Сабаби кам будани шумораи истифодабарандагони қарзҳои бефоиз ин надоштани иттилооти кофӣ ва маҳдуд будани маблағҳои пешниҳодгардида мебошад. Ҳамасола ба ҳисоби миёна ба 42 нафар ба маблағи 149075 сомонӣ қарзҳои бефоиз дода мешавад, ки ин хеле кам буда, барои ҳалли масъалаҳои иҷтимоию иқтисодӣ басанда нест.

Дар ноҳия иқтидорҳои калони истеҳсолӣ ва захираҳои меҳнатии зиёди истифоданагардида мавҷуд аст, ки дар натиҷаи самаранок ва оқилона истифода намудани онҳо масъалаи поён овардани сатҳи бекорӣ аз байн бардошта мешавад.

Самти асосии сиёсати мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Файзобод то соли 2020 ин, пеш аз ҳама, ҷалб ва ҳавасмандгардонии муассисаҳои дахлдор ҷиҳати ташкили ҷойҳои нави корӣ дар бозори меҳнат, баланд бардоштани самаранокии фаъолияти сохторҳои дахлдори соҳа ва дар ин замина мусоидат намудан ба рушди бозори меҳнат маҳсуб меёбад. Бо ин мақсад тибқи пешгуӣ то соли 2020 ташкили 3500 ҷойҳои нави корӣ дар назар дошта шудааст

**Мушкилиҳои асосии соҳа:**

- сари вақт ба кор таъмин нагардидани шаҳрвандоне, ки курсҳои кутоҳмуддати касбомӯзиро хатм мекунанд;
- рақобатнопазир будани бозори расмии меҳнатӣ бо бозори ғайри расмӣ;
- дар мухлати муайяншуда ва саривақт пешниҳод накардани ҷойҳои нави корӣ ба шуъбаи Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ аз тарафи корхонаҳо, ташкилоту муассисаҳо ба хусус корхонаҳои хурду калони хусусӣ ва бонкҳо;
- сатҳи пасти дараҷаи тахассусӣ ва тайёрӣ дар байни ҷавонон;
- дар сатҳи талабот қарор надоштани пурсиш ва баррасии масъалаҳои сиёсати шуғл нисбати таъсисдиҳандагони ҷойҳои нави корӣ.

Хароҷоти буҷети ноҳияи Файзобод барои рушди соҳаҳои иҷтимоӣ (тандурустӣ, маориф, фарҳанг ва ҳифзи иҷтимоӣ) сол аз сол меафзояд. Ҳаҷми маблағгузории буҷетии ин соҳаҳо бештар дар асоси ҳисобу китоби сметавӣ (харҷномавӣ) муайян мегардад. Дар натиҷа ҳаҷми хароҷоти алоҳида новобаста аз талаботи соҳа дар асоси имкониятҳои буҷети маҳаллӣ таҳия мегардад.

**Музди меҳнат.** Дар давоми солҳои 2011-2014 афзоиши воқеии тамоми даромадҳои пулии аҳолӣ, аз ҷумла музди меҳнат ва нафақа ба назар мерасад. Музди миёнаи меҳнат дар ноҳия дар соли 2014 нисбат ба соли 2011 ба андозаи 238,1 фоиз афзуда бошад ҳам, бо вуҷуди ин як қатор масъалаҳои иҷтимоӣ, бахусус масъалаҳои меҳнатӣ, аз қабили дараҷаи баланди табақабандии аҳолӣ аз рӯи андозаи даромадҳо, сатҳи пасти музди меҳнати кормандони соҳаҳои иҷтимоӣ, кишоварзӣ, алоқа, ташкилотҳои буҷетӣ ва сатҳи баланди музди меҳнати кормандони соҳаҳои хизматрасонии бонкӣ, сохтмон ва саноат ба назар мерасад. Дар натиҷаи ин хизматчиёни давлатӣ аз сабаби паст будани музди меҳнат сол то сол ҷойҳои кории худро тарк намуда, ба корҳои тиҷоратӣ ва муҳоҷирати

меҳнатии бурунмарзӣ машғул мешаванд ё ин ки вазифа ва мансабҳои хизматиро тарк карда, барои дарёфти кори шоиста ба корхонаҳои сохтмонӣ ва саноатӣ мераванд.

*Ҷадвали №34. Музди миёнаи меҳнат аз рӯи соҳаҳо дар тӯли солҳои 2011-2014*

| Соҳаҳо | Солҳо | | | | с. 2014 нисбати с. 2011бо % |
|---|---|---|---|---|---|
| | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | |
| Саноат | 159 | 259,48 | 343,06 | 370,85 | 233,2 |
| Кишоварзӣ | 314,25 | 475,46 | 500,69 | 296,87 | 189,9 |
| Хоҷагии манзилию коммуналӣ (ХМК) | 224,11 | 430,36 | 471,36 | 520 | 232 |
| Нақлиёт | 165,52 | 323 | 428,63 | 470,08 | 284 |
| Алоқа | 282,63 | 415,00 | 448,06 | 506,18 | 179 |
| Ташкилотҳои буҷавӣ | 356 | 573,53 | 612 | 621 | 194 |
| Маориф | 202,22 | 330,7 | 480 | 581 | 287,3 |
| Тандурустӣ | 183,24 | 340,54 | 450,14 | 505,72 | 275,9 |
| Фарҳанг | 181,96 | 331,22 | 432,12 | 486,51 | 267,3 |
| Бонкҳо | 439,87 | 792,11 | 1000,08 | 1055,21 | 239,9 |
| Сохтмон | 204,03 | 188,05 | 190,62 | 308,74 | 151,3 |
| Ҳамагӣ дар ноҳия (ба ҳисоби миёна) | 233,66 | 381,00 | 473,10 | 556,57 | 238,1 |

Музди миёнаи аз ҳама пасти меҳнатӣ ба соҳаи кишоварзӣ рост меояд, ки пас аз ба шаклҳои нави хоҷагидорӣ гузаштани аксарияти хоҷагиҳои деҳқонии мавҷуда аст, ки даромаднокиашон ниҳоят паст ва аксаран аз сохторҳои дахлдор қарздор шудаанд, тарзу усул ва тартиби ба кор қабул кардан ва муайян намудани музди меҳнат дар ин хоҷагиҳо дуруст ба роҳ монда нашудааст. Илова бар ин ҳар як роҳбари хоҷагӣ дар алоҳидагӣ музди меҳнати саҳмдорони худро бо хоҳиши худ муайян намуда, дар аксар ҳолатҳо талаботи пешбининамудаи Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистонро риоя намекунанд.

**Муҳоҷирати меҳнатӣ.** Дар шароити кунуни барои таҳким бахшидан ба муносибатҳои нав дар робита ба ҷорӣ намудани унсурҳои асосии иқтисоди бозаргонӣ вобаста ба таъмини аҳолӣ бо ҷойи кор ва музди меҳнати сазовор хеле муҳим мебошад. Муҳоҷирати меҳнатӣ ба хориҷи кишвар дар ноҳия асоси ташаккул ёфтани сарчашмаи даромади воқеии аҳолӣ маҳсубгашта барои мунтазам баланд гардидани сифати зиндагии мардум замина мегузорад. Интиқоли маблағҳои (трансфертҳои) муҳоҷирони меҳнатӣ дар рушд ёфтани фаъолияти бонкӣ, муносибатҳои тиҷоратӣ, сохтмон, пардохти андозҳо ва дастрасӣ ёфтан ба хизматрасониҳои сифатноки бахши иҷтимоӣ дар маҳал нақши муҳимро мебозад. Зеро ҳаҷми интиқоли маблағҳо дар соли 2014 тақрибан 429914965 сомонӣ расид. Дар соли 2013 ҳаҷми интиқоли маблағҳои муҳоҷирони меҳнатӣ 125476172 сомонӣ ва соли 2012 бошад 186095965 сомониро ташкил дод.

Мутобиқи маълумотҳои расмии мавҷуда муҳоҷират дар соли 2011 ба 5198 нафар (125 зан), дар соли 2012 ба 4929 нафар (119 зан), дар соли 2013 ба 4726 нафар (113 зан) ва дар соли 2014 ба 4432 нафар (270 зан) расид. Раванди муҳоҷират тайи солҳои 2012, 2013 ва 2014 кам шуда ва танҳо дар соли 2014 нисбат ба соли 2013 ба андозаи 294 нафар коҳиш ёфтааст. Сабаби асосии чунин тамоюли пастравӣ ба надоштани ҷои кори доимӣ, надоштани маҳорати касбӣ ва буҳрони иқтисодии Федератсияи Россия иртибот дорад. Дар ҳамин хусус, ба кор даровардани иқтидорҳои истеҳсолии ноҳия (4 адад корхонаҳои истеҳсоли хишти сементи, сехи истеҳсоли маҳсулоти ширӣ ва қаннодӣ, сехи дӯзандагӣ, 2 адад истгоҳҳои таъмири нақлиёт, нуктаҳои фурӯши сӯзишворӣ ва ғайра) имкон дод, ки дар соли 2014 зиёда аз 189 нафар шаҳрвандон бо ҷойи кори доимӣ таъмин гарданд.

Бинобар ба вуқуъпайвастани буҳрони иқтисодӣ дар Федератсияи Россия ҳаҷми интиқоли маблағҳо аз ин кишвар, бахусус бо ифодаи доллари ИМА минбаъд коҳиш меёбад, ки ин равиш ба рушди иқтисодиёти ноҳия таъсири манфӣ мерасонад. Илова бар ин, тибқи ақидаи коршиносони маҳаллӣ дар давоми ду-се соли оянда шумораи муҳоҷирони меҳнатӣ ба Федератсияи Россия боназардошти ба тасвибрасидани як қатор

қонунҳои федералӣ ҷиҳати пурзӯр намудани масъулият барои риоя накардани қонунгузории амалкунандаи муҳоҷиратии Федератсияи Россия, бӯҳрони иқтисодӣ дар натиҷаи таҳримҳо (санксияҳо) нисбати кишвари Россия, паст рафтани қурби рубли русӣ, баланд гардидани арзиши патенту иҷозатнома барои кор, сертификат оид ба касалиҳои ВИЧ инфексия, полиси суғуртаи тиббӣ, сертификат оид ба донистани забони русӣ, таърих ва асосҳои қонунгузории Федератсияи Россия коҳиш меёбад.

*Диаграммаи № 11. Тамоюли муҳоҷиратимеҳнатӣ ба хориҷ дар давоми солҳои 2011-2014(нафар)*




## 3.5. Соҳаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ

***Соҳаи сайёҳӣ.*** Ноҳияи Файзобод дорои мероси бойи таърихию фарҳангӣ ва захираҳои табиию фароғатие мебошад, ки барои рушди туризми дохилӣ ва қабули сайёҳони дохилию хориҷӣ имкониятҳои фаровонро доро мебошад.

Қайд кардан ба мавридаст, ки рушди соҳаи туризм баҳри паст кардани сатҳи бекорӣ ва муҳайё намудани ҷойҳои нави корӣ дар ноҳия замина ва имкониятҳои муфидро фароҳам меоварад. Ноҳияи Файзобод бо табиати зебо, бо чашмаҳои шифобахшаш ба мисли Оби маъдании «Файзобод», чашами Элок, лои табобати Сиёҳгули, меваю сабзавот, куҳу дарёи Элок ва шикоргоҳҳо, шароити хуби кухнавардӣ ва дигар ҷойҳои табиии сайру сайёҳатиаш дар ҷумҳурӣ эътироф ва машҳур гаштааст. Аз ин сабаб дар ҳолати диққати ҷиддӣ додан ба сайру саёҳат ноҳияи Файзобод метавонад дар қатори яке аз ноҳияҳои аз лиҳози соҳаи туризм тараққикарда бошад. Инчунин рушди соҳаи мазкур барои ғанӣ гардонидани буҷети маҳаллӣ мусоидат хоҳад намуд.

Сайёҳӣ дар ноҳияи Файзобод яке аз соҳаҳои асосӣ ва афзалиятнок дар ояндаи наздик маҳсуб меёбад. Мавзеи ҷойгиршавии ҷуғрофӣ, табиати дилпазир ва мавҷудияти инфрасохтори аввалиндараҷа, аз ҷумла: осорхонаи ноҳиявӣ, майдонҳои варзишӣ, боғи истироҳатӣ, чойхонаи миллӣ дар рушди минбаъдаи ноҳияи Файзобод ҳамчун як минтақаи сайёҳӣ мусоидат намояд. Дар ҳамин замина рушди соҳаи туризм зарураст, ки бо ҷалби соҳибкорон ва инвеститсияи хориҷӣ сохтмони меҳмонхонаҳо ва хостелҳо барои сайёҳон сохта ба истифода дода шавад то бо ин васила барои паст кардани сатҳи бекорӣ дар ноҳия замина гузошта имкониятҳои муфидро фароҳам меоварад.

Самти афзалиятноки барои рушди туризм дар ноҳия ин ҷойгиршавии Вашгирди бостонӣ, ки яке аз қадимтарин ва калонтарин шаҳрҳои Осиёи марказӣ буда, дар он фарҳангу маънавиёти хеле пешрафта маҳсуб меёбад. Аз ҳудуди Вашгирди бостон гузаштани шоҳроҳи бузурги абрешим аз рушди тиҷорати бузург дар он далолат медиҳад ва ҳар як аз ин ёдгориҳои таърихӣ дар бораи тамаддуни волои мардуми мо шаҳодат медиҳад. Аз ин рӯ омӯзиши он барои болоравии маърифати ҷавонон дар шароитии имрӯза хело зарур мебошад. Бо муҳайё намудани шароити буду бош ва муаррифии шоистаи ин ёдгориҳо метавон дар оянда туризми хориҷиро дар ноҳия ба роҳмонд.

***Варзиш.*** Бо мақсади рушди ҳамаҷонибаи соҳаи варзиш дар доираи «Барномаи маҷмӯи рушди тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2015» аз 2 июли 2011, №278 ва «Барномаи рушди футбол дар Ҷумҳурии

Тоҷикистон барои солҳои 2011-2016» дар ноҳияи Файзобод нақшаи чорабинииниҳои рушди соҳа мушаххасан тартиб дода шудааст, ки дар доираи он гузаронидани як қатор чорабиниҳо, аз ҷумла ташкили дастаи яккачини футбол дар лигаи якуми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назар дошта шудааст.

Мутобиқи дурнамои нақшаи генералии шаҳраки Файзобод аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ 1 адад варзишгоҳ замонавӣ барои 5000 ҷои нишаст сохтмонаш оғоз гардид, ки маблағи умумиаш 128 млн. 675 ҳазор сомонӣ мебошад, инчунин дар ноҳия 32 адад майдончаи баскетбол, 51 адад майдончаҳои волейбол, 41 адад майдончаи варзиш ба ҳаводорони варзиш ва мардум барои истифода пешкаш гардидааст. Вале бо назардошти мунтазам афзоиш ёфтани шумораи табиии аҳолӣ, инфрасохтори кунунии ноҳияи Файзобод нокифоя буда бунёди муассисаҳои варзишӣ ва иншоотҳои навро тақозо менамояд, ки дар оянда таъминкунандаи муваффақиятҳои варзишгарони ноҳия бошад.

*Ҷадвали № 35. Иштироки варзишгарони ноҳия дар мусобиқаҳо дар солҳои 2010- 2014*

| №. | Солҳо | Ҷумҳуриявӣ | Байналмиллалӣ | Бозиҳои варзишии ҷумҳуриявӣ | Ҷаҳонӣ | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 2010 | 6 | - | 4 | - | 10 |
| 2 | 2011 | 7 | - | - | - | 7 |
| 3 | 2012 | 5 | - | 4 | - | 9 |
| 4 | 2013 | 8 | - | 6 | - | 14 |
| 5 | 2014 | 7 | 1 | 5 | - | 12 |
| | Ҳамагӣ | 33 | 1 | 19 | - | 52 |

*Ҷадвали № 36. Ҷоизаҳои варзишгарони ноҳия дар мусобиқаҳо тӯли солҳои 2010- 2014*

| №. | Солҳо | Медали тилло | Медали нуқра | Медали биринҷӣ | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|---|---|
| 1. | 2010 | - | 2 | 4 | 6 |
| 2. | 2011 | - | 3 | 6 | 9 |
| 3. | 2012 | - | 5 | 8 | 13 |
| 4. | 2013 | - | 6 | 12 | 18 |
| 5. | 2014 | - | 8 | 14 | 22 |

Дар маркази ноҳияи 1 адад мактаби варзишии кӯдакон ва наврасон фаъолият намуда, барои пешбурди соҳа 11 нафар мураббиён аз рӯи 9 намуди варзиш, футбол, волейбол, баскетбол, гуштини тарзи самбо, дзю-до, тенниси руи миз ба 450 нафар шогирдон машқу тамрин медиҳанд. Дастовардони варзишгарони ноҳия бештар аз намудҳои гуштини дзюдо, самбо, футбол ва варзиши сабук дастболо гаштаанд.

Иншоотҳои варзишии ноҳия дар бисёр мавридҳо ба талаботи имрӯза ҷавобгӯ набуда ба таъмиру таҷҳизонидан эҳтиёҷ доранд. Дар ҷамоатҳои деҳоти ноҳия норасогии толорҳои варзишӣ, майдончаҳои варзишӣ, майдонҳои футболбозӣ, волейболбозӣ ва дигар ашёву афзори варзишӣ, инчунин таҷҳизотҳои машқи бадан намерасанд. Қайд кардан зарур аст, ки то ба ҳолати 1.03.2015 аз ҳисоби буҷети ноҳия барои рушди варзиш зиёда аз 245 ҳазор сомонӣ, аз ин: дар соли 2012 дар ҳаҷми 20 ҳазор сомонӣ, дар соли 2013 дар ҳаҷми 70 ҳазор. сомонӣ, дар соли 2014 дар ҳаҷми 75 ҳазор сомонӣ ва дар соли 2015 бошад дар ҳаҷми 80 ҳазор сомонӣ ҷудо шудааст.

Ба ҳолати 1.03.2015 дар ноҳияи Файзобод шумораи умумии ҷавонон 34657 нафарро ташкил медиҳад, ки аз онҳо 16527 нафар духтарон ва 18130 нафарашро ҷавонписарон ташкил медиҳад.

***<u>Мушкилиҳои соҳа.</u>*** Надоштани марказҳои муосир ва фароғатии ҷавонон ҳато дар маркази ноҳия, омӯзишии касбу ҳунарҳои мухталиф имкон намедиҳад, ки ҷавонон дар ин самт пурра фаро гирифта шаванд;

Набудани толорҳои варзиши дар ҳамаи ҷамоатҳои ноҳия;

Набудани меҳмонхонаҳо ва хостелҳои замонавӣ дар қаламрави ноҳия;

***<u>Баробарии гендерӣ.</u>*** Дар ноҳия мувофиқи маълумотҳои оморӣ ба ҳолати 31.12.2014 - 97531 нафар аҳолӣ зиндагӣ мекунад, ки 49,4 фоизи онро (48202 нафар) занон ташкил медиҳанд. Дар шароити кунунӣ, занони ноҳия дар зинаҳои гуногуни сохторҳои давлатӣ ва ҷамъиятию сиёсӣ фаъолият намуда, барои пешрафти ҷомеа саҳми арзанда доранд.

Ба ҳолати 31.12.2014 шумораи занони қобили меҳнати ноҳия 27421 нафар ташкил медиҳад, ки аз ин миқдор 9013 нафари онҳо ба корҳои мухталиф машғул мебошанд. Аз ин: 148 нафар хизматчии давлатӣ дар сохторҳои мухталифи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, 499 нафар дар соҳаи маориф, 368 нафар дар соҳаи тандурустӣ , 48 нафар дар соҳаи фарҳанг, 22 нафар дар соҳаи коммуналӣ, 43 нафар дар соҳаи саноат кору фаъолият менамоянд. Дар соҳаи кишоварзӣ бошад **2063** нафар занон кору фаъолият менамоянд, ки аз ин 512 нафар зан раисони хоҷагиҳои деҳқонӣ мебошанд ва саҳми арзандаи худро дар рушди иқтисодию иҷтимоии кишвар гузошта истодаанд.

Айни замон шумораи кадрҳои роҳбарикунанда ба истиснои роҳбарии хоҷагиҳои деҳқонӣ аз ҳисоби занон 18 нафарро ташкил медиҳад. Дар ноҳия 596 нафар занон бо соҳибкории хурду миёна машғул мебошанд ва аксаран заноне ҳастанд, ки дар маҳал зиндагӣ мекунанд. Дар ҳолати кунунӣ 4765 нафари боқимонда ба шуғли хонаводагӣ фаро гирифта шудаанд. Ба ҳолати 31.12.2014 аз шумораи умумии занони қобили меҳнат 3171 нафар бекор мебошанд, ки аз ин миқдор 270 нафар ба муҳоҷирати меҳнатӣ ба хориҷ аз кишвар рафтаанд.

Бо мақсади амалӣ гардидани Барномаи давлатии «Пешгирии зӯроварӣ дар оила барои солҳои 2014-2023» кормандони бахши кор бо занон ва оилаи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Файзобод дар байни аҳолии ноҳия роҷеъ ба мавзӯи зӯроварӣ дар оила пайваста суҳбату вохӯриҳо мегузаронад.

Бахри дар амал татбиқ намудани «Стратегияи миллии фаъолгардонии нақши занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020» дар назди Бахши мазкур маркази машваратӣ таъсис дода шудааст, ки дар он намояндагони ҳифзи ҳуқуқ, дин, ҳукумати ноҳия ва соҳаи маориф шомил мебошанд. Дар ин давра дар соҳаи варзиш (дзюдо) аз ҳисоби ҷавондухтарони ноҳия 1 нафар соҳиби медали биринҷӣ гаштааст.

Занону духтарони ноҳия ба марказҳои хизматрасонӣ ба мисли кошонаи ҳусн ва сехи дӯзандагӣ ниёз доранд. Ҳамчунин бо мақсади паст намудани сатҳи бекорӣ ва камбизоатӣ дар ҳудуди ҷамоатҳои шаҳраку деҳот кушодани сехи дӯзандагӣ, гулдӯзӣ, бофандагӣ, қуроғдӯзӣ, сабадбофӣ, кулолгарӣ ва корхонаҳои хурди коркарди меваю сабзавот ва шир манфиатовар аст.

*Диаграммаи №12. Ҳиссаи занони қобили меҳнат дар соҳаҳои мухталифи хоҷагии халқи н. Файзобод ба ҳолати 31.12.2014*



# БОБИ 4. СОҲАҲОИ ИНФРАСОХТОР

## 4.1. Обтаъминкунӣ ва хизматрасонии рифоҳӣ (коммуналӣ)

***Таъминот бо оби нӯшокӣ***. КВД «Хоҷагии манзилию коммуналӣ» дар таъмин намудани аҳолӣ бо оби тозаи нӯшокӣ, таъмир ва нигоҳдории шабакаи хатҳои оби нушокӣ ва баровардани партовҳои сахти маишӣ ба аҳолӣ хизмат мерасонад. Фаъолияти корхонаи мазкур асосан ба кабудизоркунӣ, чароғоникунӣ ва тозагии санитарии маркази ноҳия нигаронида шудааст.

Дар муассиса ҳамагӣ 58 нафар коргарон аз ҷумла 22 занҳо фаъолият менамоянд, ки онҳо асосан ба ободонӣ, кабудизоркунӣ, чароғонкунӣ ва тозагии санитарӣ дар шаҳраки Файзобод машғул мебошанд. Муассиса ба 10014 нафар истиқоматкунандагон хизмат мерасонад. Хизматҳои расонидашаванда ва фарогирии истеъмолкунандагон:

Ҷадвали зерин шумораи умумии муштариёни Корхонаи воҳиди давлатии истифодабарии оби нӯшокии деҳотҳои ноҳия ва фоизи таъминоти онҳоро бо оби нӯшокӣ нишон медиҳад.

*Ҷадвали №37. Таъминоти аҳолии ҷамоатҳои ноҳияи Файзобод бо оби нӯшокӣ*

| № | Ҷамоатҳои деҳот | Ҳамагӣ (аҳоли) | Шумораи аҳолие, ки ба оби нӯшокӣ дастрасӣ доранд | Шумораи аҳолие, ки ба оби нӯшокӣ дастрасӣ надоранд | % бо оби нӯшокӣ таъмин буда |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Ҷамоати шаҳраки Файзобод | 10014 | 8781 | 1233 | 88% |
| 2 | Ҷамоати деҳоти «Бустон» | 8562 | 5137 | 3425 | 60% |
| 3 | Ҷамоати деҳоти «Меҳробод» | 11404 | 7413 | 3991 | 65% |
| 4 | Ҷамоати деҳоти «Вашгирд» | 5384 | 2423 | 2961 | 45% |
| 5 | Ҷамоати деҳоти «Д. Алиев» | 12539 | 8401 | 4138 | 67% |
| 6 | Ҷамоати деҳоти «Ҷавонон» | 13122 | 9054 | 4068 | 69% |
| 7 | Ҷамоати деҳоти «Чашмасор» | 7123 | 5200 | 1923 | 73% |
| 8 | Ҷамоати деҳоти «Қ. Дашт» | 11685 | 8764 | 2921 | 75% |
| 9 | Ҷамоати деҳоти «Мискинобод» | 17698 | 15043 | 2655 | 84% |
| | Ҳамагӣ: | 97531 | 70216 | 27315 | 72% |

Таҳлил нишон медиҳад, ки 72 фоизи аҳолии ноҳия аз хати оби нӯшокӣ дастрасӣ доранд ва ҳамагӣ 28 фоиз ба оби ошомидани дастрасӣ надоранд.

Дар ноҳия сарчашмаи асосии оби нӯшокӣ ин аз чашмаҳо ва чоҳҳои амуди (зеризамини) аз чуқурии то 120 метр гирифта мешавад. Истифодабарандагон маблағи хизматрасонии обро қисман пардохт мекунанд.

Аз рӯи тадқиқоти гузаронидашуда пурсишудагон иброз доштанд, ки дар ноҳияи Файзобод масъалаи асосӣ ин меъёри маҳдуди додани об дар як шабонарӯз мебошад. Хизматрасонии об дар як шабонарӯз барои аҳолӣ зиёда аз 10 соат (80%), камтар аз 3 соат қариб 30 фоиз ва 4-8 соат 60 фоизро ташкил медиҳад.

Сохтмони хатҳои обгузари истифодабарии оби нӯшокии шаҳрак дар солҳои 1974 таъсис дода шуда, аз истифодаи тулонӣ 90 фоизи қубурҳои обгузар кӯҳнаву фарсуда шудаанд. Корхонаи воҳиди давлати "Хаҷаги манзили коммуналӣ" дар ҷамоати шаҳраки «Файзобод» ҷойгир буда, дорои ду чоҳи амудӣ д-350 мм ва ҷуқурияш 120 метр мебошад, ки иқтидорашон дар як соат 120 м$^3$ –ро ташкил медиҳад. Таъмини об ба воситаи шоҳқубури пулодини андозаашон аз 350 мм то 219 мм дар масофаи умумии 40 километр сурат мегирад.

КВД «Хоҷаги манзилию коммуналӣ» ноҳия асосан аҳолии шаҳраки Файзободро бо оби ошомиданӣ таъмин менамояд. Корхонаи мазкур аз соли 1974 то ин ҷониб фаъолият менамояд. Иқтидори пурраи насосҳои пойгоҳ 2000 метри мукааб/шабонарӯз буда, айни замон 1870 метри мукааб/шабонарӯз об таъмин карда мешавад. Дар тавозуни корхонаи мазкур 34,4 километр обмилҳо мавҷуд мебошад, ки 24 километри он корношоям мебошад. Аз сабаби бӯҳрони энергетикӣ, ки дар мавсимҳои тирамоҳу зимистон қувваи барқ тез-тез қатъ гардида, қисми зиёди муҳаррикҳои барқии пойгоҳҳо корношоям гардидаанд.

Мутобиқи Барномаи мазкур Корхонаи Воҳиди Давлатии «Хоҷаги манзилию коммунали»- и ноҳияи Файзобод дар давоми солҳои 2012-2014 аз ҳисоби корхона ба маблағи 35100 ҳазор сомонӣ корҳо ба анҷом расонида шудааст.

***Проблемаҳои соҳа:***

Дар асоси таҳлили вазъи кунунии системаи таъминот бо оби нӯшокӣ ноҳияи Файзобод, чунун проблемаҳо муайян шудаанд:

- дар баъзе аз кӯчаҳои шаҳрак мавҷуд набудани ситемаи таъминот бо оби нӯшокӣ;
- зиёда аз 27315 нафар аҳолии ноҳия бо оби нӯшокӣ тоза таъмин нестанд ва онҳо обро аз нуқтаҳои обгирии умумӣ, ки масофаашон аз 50 то 1000м мебошанд, истифода мебаранд;
- зиёд будани талафоти шабонарузии оби истеҳсолшаванда;
- фарсуда шудани пойгоҳи насосҳои обтаъминкунии ноҳия ва иншоотҳои обтозакунӣ;
- дар ҳаҷми 70 % обмилаҳои хатҳои обгузар ҷуммак надоранд,
- кам гузаронидани ташхиси обҳои нӯшокй;
- набудани маблағҳо барои сохтмону барқарорсозии иншоотҳои обрасонии шахрак;

*Ҳадаф* - беҳтар намудани таъминоти аҳолӣ бо оби нӯшокӣ.

*Вазифаҳо ва стратегия рушди соҳа*

- сол то сол кам намудани ҳиссаи аҳолие, ки бо оби нӯшокӣ таъмин нестанд ва онҳо обро аз нуқтаҳои обгирии умумии масофаашон аз 50 то 2000 м мебошанд истифода мебаранд;
- таъмири шабакаҳои обрасонӣ бо мақсади зиёд намудани фишор дар қубурҳои магистралӣ.
- таъмир намудани пойгоҳи насосӣ ва иншоотҳои обтозакунии ноҳия;
- таъсис додани минтақаи муҳофизати санитарӣ дар хатҳои обӣ нӯшокии инчунин ташкил намудани посбонии хатҳои обгузар;
- таъмин намудани обмилаҳои ҷамъиятии хатҳои обгузар бо ҷуммакҳои нав ва таъмир намудани обмилаҳои шикаста;
- давра ба давра гузаронидани ташхиси обҳои нӯшокӣ;
- ҷустуҷӯи маблағҳо барои сохтмону барқарорсозии иншоотҳои об расонии шаҳрак.

**4.2. Хоҷагии манзилию коммуналӣ**

Хизматрасонии коммуналӣ ва нигоҳдории фонди манзил аз таъмири бомҳои хонаҳо, таъмири қубурҳои обгузар, таъмири даромадгоҳҳо ва равшаникунонии даромадгоҳҳо иборат мебошад. Хизматрасонии манзилию коммуналӣ баровардани партовҳои сахти маишӣ, баровардани партовҳои моеъ, нигоҳдорӣ ва истифодаи фонди манзил, дар биноҳо, ободкунонӣ, кабудизоркунонӣ ва равшанкунониро дарбар мегирад.

*Таҳлили вазъи воқеии соҳа.*

- баровардани партовҳои сахти маишӣ – 48%;
- ободкунонӣ, кабудизоркунонӣ ва равшанкунонии ҳудуди шаҳрак аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ - 80 %;

Муассиса ба ҳисоби миёна ба 1604 муштарӣ барои ҷамъ ва баровардани партовҳои сахти маишӣ (ПСМ) хизмат мерасонад, дар хонаҳои шахсӣ ё ба як ҳавлӣ, зиндагӣ мекунанд. Мувофиқи маълумотҳои оморӣ, аҳолӣ шаҳрак зиёда аз 10014 нафар

зиндагӣ мекунанд. Таҷриба нишон медиҳад, ки ҳаҷми ғундоштани ПСМ дар шаҳрҳои ҷумҳурӣ бо ҳисоби миёна ба як истиқоматкунанда то 1,09 м³ ПСМ – ро ташкил медиҳад, ҳамин тавр мутобиқи меъёри гузоштташуда бояд ҳаҷми ПСМ-и баровардашуда дар ноҳия соле 17,4 ҳазор м³ –ро ташкил диҳад. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки сол то сол ҳаҷми ПСМ дар ноҳия зиёд шуда, аз ҷумла дар соли 2013 аз аҳолӣ 44,7ҳазор м³ ПСМ, ки аз ин (32,8ҳазор партовҳои ташноб) бароварда шуда бошад, аллакай дар соли 2014 - 45,5 ҳазор м³ бароварда шудааст, ки аз ин (29,1 ҳазор м³ партовҳои ташноб) мебошад, ин бошад назар ба соли гузашта 1,8 баробар зиёд аст.

*Диаграммаи №13. Ҳаҷми умумии партовҳои сахти маишӣ дар ноҳияи Файзобод дар солҳои 2013-2014. ($м^3$)*




Муассисаи мазкур ҳамагӣ бо 33 корхонаҳо, ташкилоту муассисаҳо ва сохторҳои тиҷоратӣ оид ба баровардани ПСМ шартнома дорад.

*Ҷадвали №38. Воситаҳои нақлиёт дар тавозуни муассисаи КВД-и «Хоҷагии манзилию коммуналӣ»-и ноҳияи Файзобод*

| № | Тамғаи нақлиётҳо | Воҳиди ченак | Соли барориш | Тамғаи нақлиёт | Эзоҳ |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Газ-53 АСМ | 1 адад | 1983 | АСМ | коршоям |
| 2 | Газ-53 | 1 адад | 1986 | Гидрорукав | коршоям |
| 3 | Зил-130 | 1 адад | 1990 | Обпошак | коршоям |
| 4 | Зил-130 | 1 адад | 1976 | Борбардор | корношоям |
| 5 | Вон “СДМ-2812” | 1 адад | 2008 | Боркаш | коршоям |
| 6 | Камаз | 1 адад | 2012 | Боркаш | коршоям |
| 7 | Камаз | 1 адад | 2012 | Обпошак | коршоям |
| 8 | Опел Астра | 1 адад | 2012 | Сабукрав | коршоям |
| 9 | Т-28 | 1 адад | 2010 | Трактор | коршоям |
| 10 | МТЗ-82 | 1 адад | 2006 | Экскаватор | корношоям |
| 11 | МТЗ-82 | 1 адад | 2010 | Боркаш | коршоям |
| 12 | Экскаватор-125 | 1 адад | 2010 | Боркаш | коршоям |
| 13 | Мехлапата | 1 адад | 2010 | Боркунак | коршоям |
| 14 | Булдозер-120 | 1 адад | 2010 | Боркунак | коршоям |

Техникаҳои мавҷуда талаботи хадамотии ноҳияро таъмин карда наметавонанд. Дар ноҳия ҳаҷми зиёди партовҳоро партовҳои сахти маишӣ ташкил менамоянд. Дар ҷамоатҳо ҷамъ карда баровардан ва безарар намудани партовҳои сахти маишӣ ба роҳ монда нашудааст. Муассисаи коммуналии ноҳия, ки бевосита ба ин корҳо мутасаддӣ

мебошад, айни ҳол иқтидори дар сатҳи ҷамоатҳо ҳал намудани ин мушкилиро надорад. Дар доираи Барномаи рушди ноҳия барои ҳалли масъалаи зикргардида ҷудо намудани қитъаҳои алоҳидаи замин ҷиҳати ташкил намудани партовгоҳ пешбинӣ мегардад.

*Ҷадвали № 39. Нишондиҳандаҳои асосии хизматрасонии Корхонаи фаръии «Хоҷагии манзилию коммуналӣ» ноҳияи Файзобод дар тӯли солҳои 2012-2014*

| № | Нишондиҳандаҳо | Воҳиди ченак | Солҳо | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | 2012 | 2013 | 2014 |
| 1 | Шумораи умумии муштариёни КВД «ХМК» (танҳо дар маркази шаҳраки Файзобод), аз ҷумла | нафар | 1825 | 1731 | 1839 |
| | Аҳолӣ | нафар | 1800 | 1700 | 1800 |
| | - ташкилотҳои буҷавӣ | адад | 15 | 17 | 23 |
| | - ташкилотҳои ғайрибуҷавӣ | адад | 10 | 14 | 16 |
| 2 | Пардохти ҳаққи истифодаи об, аз ҷумла, | | 173806 | 173710 | 205119 |
| | - аҳолӣ | сомонӣ | 114736 | 113632 | 148364 |
| | - ташкилотҳои буҷавӣ | сомонӣ | 48154 | 51813 | 48142 |
| | - ташкилотҳои ғайрибуҷавӣ | сомонӣ | 10916 | 8265 | 8613 |
| 3 | Қарзи муштариҳо дар назди корхона, | | 43447 | 72605 | 110763 |
| | - аҳолӣ | сомонӣ | 34856 | 70369 | 110763 |
| | ташкилотҳои буҷавӣ | сомонӣ | - | - | - |
| | - ташкилотҳои ғайрибуҷавӣ | сомонӣ | 8591 | 2236 | - |
| 4 | Нархи об (1 м$^3$) | | | | |
| | - аҳолӣ | дирам | 12,1 | 12,1 | 15,1 |
| | - ташкилотҳои буҷавӣ | дирам | 0,23 | 0,26 | 0,29 |
| | - ташкилотҳои ғайрибуҷавӣ | дирам | 0,25 | 0,28 | 0,31 |
| 5 | Истеҳсоли шабонарӯзии об | ҳазор м$^3$ | 2000 | 2000 | 1800 |
| 6 | Талафоти умумӣ | % | 5 | 4 | 2 |

Партовгоҳи маркази ноҳияи дар ҳудуди 4 га дар масофаи 12 км дуртар аз маркази ноҳия дар мавзеи Навобод ҷойгир мебошад.

Дар тавозуни муассисаи КВД-и «Хоҷагии манзилию коммунали»-и ноҳияи Файзобод 33 қуттии партовҷамъкунӣ мавҷуд аст, ки аз онҳо 25 адад дар кӯчаҳо ва 8 адад дар ташкилоту муассисаҳо гузошта шудаанд.

Таъмин намудани қутиҳо барои партовҳо яке аз масъалаи асосии ноҳия маҳсуб меёбад. Ноҳия ба 39 адад қутиҳои партовҳои ҳаҷми ғунҷиданаш 500 то 1000 кг барои гузоштан дар назди ҳар як бинои истиқоматии маркази ноҳия ниёз дорад. Набудани қутии партовҳо боиси сар задании ҳамагуна касалиҳои сироаткунанда мегардад.

Умуман барои ҳалли мушкилиҳои ҷойдоштаи муассисаи хоҷагии манзилӣ-коммуналии ноҳия дар солҳои 2015-2018 зиёда аз 60500 сомонӣ маблағ зарур аст, ки дарёфти ин маблағҳо сарпарастро талаб менамояд.

Дар муассиса мушкилии асосӣ нарасидани техника мебошад. Барои солҳои 2015-2018 ба муассиса 1 адад трактори тамгаи МТЗ-82 ба маблағи 100,0 ҳазор сомонӣ, 1 адад автомошинаи Гидрорукав ба маблағи 100 ҳазор сомонӣ ва автомашинаи АСМ дастрас намудан зарур аст.

*Проблемаҳои соҳа:*

- норасоии техника ва фарсуда шудани воситаҳои техникии Муассисаи хоҷагии манзилӣ-коммуналии ноҳияи Файзобод;
- надоштани хатҳои ташнобгузар дар хонаҳои кӯчаҳои маркази шаҳрак;
- дар ҳолати бад қарор доштани ҳоҷатхонаҳои дар назди биноҳои истиқоматӣ.

*Ҳадаф* - баланд бардоштани сатҳи хизматрасонии хадамоти коммуналӣ ба аҳолӣ.

*Вазифаҳо ва самтҳои асосии рушди соҳа:*

а) таъмини Муассисаи хоҷагии манзилӣ-коммуналии ноҳия бо воситаҳои техникӣ;

б) таъмин намудани қутиҳои партоваҳо дар назди хонаҳои истиқоматӣ ва ба тартиб даровардани меъёрҳои экологӣ;

в) азнавсозӣ ва ба тартиб даровардани ҳоҷатхонаҳо дар назди биноҳои истиқоматӣ;

г) таъмир намудан ё аз нав сохтани қубурҳои обгузар.

**4.3. Барқтаъминкунӣ**

Дар ноҳия ба таъминоти барқ муассисаи «Шабакаҳои барқии ноҳияи Файзобод» машғул буда, он тобеъи «Шабакаҳои барқии маркази»-и шаҳри Душанбе мебошад ва аз соли 1976 инҷониб фаъолият дорад. Айни замон, теъдоди кормандони он 68 нафар буда, аз ин шумора 7 нафарашон кормандони муҳандисӣ-техникӣ, 14 нафарашон назоратчӣ, 3 нафараш техник-ҳисобчӣ мебошанд. Шабакаи барқии мазкур ба 63 корхонаи саноатӣ, 5 адад корхонаҳои ғайрисаноатӣ, 13 муассисаю ташкилотҳои буҷавӣ, 29 ташкилоти буҷети маҳаллӣ ва 4 адад корхонаҳои обтаъминкунии шаҳрак, инчунин ба 6 хоҷагиҳои деҳқонӣ ва 21631 муштариёни (хоҷагиҳои оилавӣ) ноҳияи Файзобод хизмат мерасонад.

Айни ҳол дар ноҳия 3 адад НОБ-ҳои хурди «Чашмасор» «Чашмасор-1», «Эшоно» бо иқтидори умумии 110 кв/с бунёд гаштаанд. Ҳамагӣ дар ноҳия дар як сол 135 кВт/соат нерӯи барқ истеҳсол мегардад.

Шабакаҳои барқии ноҳияи Файзобод дар тавозуни худ 250 км хатҳои интиқоли барқи ҳавоии шидаташон 10 кВ, 487 км хатҳои интиқоли барқи 0,4 кВ, зеристгоҳи деҳоти 10/0,4 кВт ба аҳолии ноҳия хизмат мерасонад. Дар ноҳия 6-адад зеристгоҳи барқи иқтидорашон баланд вуҷуд дорад:

1. Зеристгоҳи «Файзобод» 110/35/10 кВ;
2. Зеристгоҳи «Ҳамза» 110/10 кВ;
3. Зеристгоҳи «Наврӯз» 110/6 кВ;
4. Зеристгоҳи «Гумбулоқ» 35/10 кВ;
5. Зеристгоҳи «УЛАР» 35/10 кВ;
6. Зеристгоҳи «Мискинобод» 35/10 кВ.

Иқтидори умумиаш 88,3 ҳазор кВт мавриди истифода қарор дорад. Ин иншоотҳои дар боло зикргардида ба 9675 муштарии маишӣ, 194 ба сохторҳои тиҷоратӣ ва 8 хоҷагиҳои қишлоқ ва пойгоҳои обкаширо бо барқ таъмин менамояд.

Шумораи умумии трансформаторҳои қуввагии гуногунтамға 300 адад буда (аз ин шумора 187 трансформатор дар тавозуни Шабакаҳои барқи ноҳияи Файзобод ва 113 трансформатор дар тавозуни истифодабарандагон қарор дорад), тавоноии умумии онҳо ба 69000 кВА баробар мебошад.

Дарозии умумии хатҳои барқии шиддатнокиашон 10кВ –250 км, дарозии хатҳои барқии шиддатнокиашон 0,4 кВт –487 км буда, 100 фоизи аҳолиро бо нерӯи барқ таъмин менамояд.

Аз ҷониби муштариён дар соли 2014 ба миқдори 46005228 кВт/соат барқ истифода шудааст. Талафоти технологӣ 20 фоизро ташкил медиҳад.

Ҳамзамон, дар давраи мазкур ба миқдори 6221198 кВт. соат қувваи барқ фурӯхта шудааст, ки нисбати соли гузашта ба маблағи 397917 ҳазор сомонӣ кам мебошад, аз ҷумла, ба аҳолӣ ба миқдори 3452471кВт/соат қувваи барқ фурӯхта шудааст, ки он нисбати соли гузашта 92%-ро ташкил медиҳад.

Яке аз мушкилиҳое, ки дар ин самт ба назар мерасад, кӯҳнаю фарсуда гардидани хатҳои барқии ҳавоӣ ва симчӯбҳои хатҳои интиқолии барқии 0,4-10 кВ ба шумор меравад. Сохтмони он ба солҳои 65-уми асри гузашта рост омадааст ва дар ин муддат 80% корҳои азнавсозӣ ва барқароркунӣ гузаронида нашудааст, ки ин мушкилоти иловагиро дар фасли зимистон пеш меоварад.

Ин мушкилотро дар маҳаллаҳои навбунёдшудаистода ба монанди маҳаллаҳои ва маркази шаҳрак мушоҳида намудан мумкин аст. Бо назардошти ин масъалаи иваз намудани пояҳои чӯбин ба пояҳои оҳану бетонӣ ва инчунин дар ҳолати сербори қарор

гирифтани трансформаторҳои 10-0,4 кВт ба трансформаторҳои тавонноияшон баланд ба миён омадааст. Барои беҳтар намудани вазъи барқтаъминкунӣ ва инчунин кам намудани талафотҳои технологии Шабакаҳои барқӣ, зарурияти иваз намудани ХИБ-10-0,4 кВ бо дарозии 22 км (529 –адад пояҳои чубини фарсуда), ХИБ-0,4 кВ бо дарозии 42 км (1257-адад пояҳои чӯбини фарсуда), трансформаторҳои 0,4-6-10 кВ (31 адад т ) ба миён омадааст.

*Ҷадвали №40. Миқдори фурӯши қувваи барқ дар ноҳияи Файзобод дар давоми солҳои 2013 – 2014*

| № | Нишондодҳо | Воҳиди ченак | Соли 2012 | Соли 2013 | Соли 2014 | Соли 2014 дар қиёс бо соли 2012 бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Маблағиумумии фурӯшиқувваибарқ | сомонӣ | 5445680 | 6619115 | 6221198 | 9,8 |
| 2 | Ҳаҷми умумии қабули қувваи барқ | кВт/с | 498068556 | 55761823 | 46005228 | -10,8 |
| 3 | Аз ҷумла, ба аҳолӣ | сомонӣ | 2318011 | 3742355 | 3452471 | 8,0 |
| | Ҳаҷми умумӣ | кВт/с | 22031223 | 34121604 | 29657646 | 7,4 |
| 4 | ба ташкилотҳои буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ | сомонӣ | 3127669 | 2876799 | 2768727 | 11,3 |
| | Ҳаҷми умумӣ | кВт/с | 2775633 | 21740219 | 16329582 | 17,0 |
| 5 | Нархи 1 кВт/с (ба ҳисоби миёна) | | 10,93 | 11,87 | 13,52 | 1,4 |
| | - ба аҳолӣ | Дирам | 10,52 | 10,99 | 11,63 | 0,6 |
| | - ба ташкилотҳои буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ | Дирам | 11,2605 | 13,23 | 16,95 | 1,3 |
| 6 | қарзи умумии муштариён дар назди корхона, аз ҷумла: | сомонӣ | 489,052 | 1074964 | 620901 | 7,9 |
| | - ба аҳолӣ | сомонӣ | 36280 | 750814 | 415083 | -22,0 |
| | - ба ташкилотҳои буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ | Ҳазор сомонӣ | 452772 | 324150 | 205818 | 3,0 |
| 7 | - талафоти умумӣ | % | 16,94 | 20,01 | 23,21 | 13,7 |

Ҳаҷми фурӯши нерӯи барқ дар соли 2014 ҳамагӣ 6221198 сомониро ташкил дод, ки дар қиёс ба соли 2012 ба андозаи 775518 сомонӣ зиёд мебошад, ки ба афзоиши аҳолӣ ва талаботи он алоқаманд аст. Қарздории асосӣ ба аҳолӣ рост меояд, ки ҳаҷми он дар соли 2014 тақрибан 415 ҳаз. сомониро ташкил дода, дар қиёс ба соли 2013 ба андозаи 335 ҳазор сомонӣ кам гардидааст. Сабабҳои асосии қарздории аҳолӣ ин сол то сол баланд гардидани арзиши нерӯи барқ, паст будани музди меҳнат, паст будани қобилияти пардохтпазирии аҳолӣ ва кам шудани ҳаҷми интиқоли маблағҳои муҳоҷирони меҳнатии ноҳия мебошад. Мушкилии дигари соҳа ин баланд будани ҳаҷми талафоти нерӯи барқ мебошад. Ба ин нишондод, аз як тараф, кӯҳнаю фарсуда шудани ноқилҳои барқӣ ва, аз тарафи дигар, норасогӣ ва аз кор баромадани ҳисобкунакҳои барқии мавҷуда таъсири манфӣ расонидааст.

Бо сабаби қатъ гардидани интиқоли гази табиӣ ба ноҳия аҳолӣ аз қувваи барқ истифода мебаранд, ки ин ҳолат боиси аз кор баромадани трансформаторҳо, хатҳои барқӣ ва шабакаҳои тақсимоти барқ оварда мерасонад. Ин ҳолатро махсусан дар фасли сармо мушоҳида намудан мумкин аст. Аҳолии деҳаҳо низ аз истифодаи гази табии маҳрум буда, манбаи асосии истифодабарии гармӣ барои онҳо қувваи барқ, ҳезум, ангишт ва ғайра ба шумор меравад. Илова бар ин, хонаҳои баландошёнаи шаҳрак аз сабаби кор накардани шабакаи гармидиҳӣ, таҷҳизотҳои гармидиҳии барқиро истифода менамоянд ва ин ҳолат зарурати иваз намудани трансформаторҳои мавҷударо (ба трансформаторҳои иқтидораш зиёд) ба миён овардааст.

Барои таъминоти барқи маҳалаҳои навбунёди Оби-сангбур, Арзанова, Хамисеб ва Саримазор сохтмони 6 км ХИБ-10 кВ, 12 км ХИБ-0,4 кВ ва насби 5 адад ЗТ-10/0,4 кВ (зеристгоҳҳои трансформаторӣ) лозим мебошад.

Дар давоми солҳои 2016-2020 дар доираи татбиқи БРН барои ҳалли масъалаҳои ҳалталаби зикргардидаи соҳа ва ҷиҳати беҳтар намудани таъминоти аҳолӣ бо қувваи барқ, аз нав барқарор намудани хатҳои барқии ҳавоӣ ва кабелӣ, бо трансформаторҳои

иловагӣ таъмин намудани деҳаҳое, ки шумораи аҳолиашон зиёд шуда истодааст ва аз нав барқарор намудани симчӯбҳои ХИБ пешбинӣ мегардад.

**Мушкилоти мавҷудаи соҳа:** кӯҳнаю фарсуда гардидани хатҳои интиқоли барқ, иқтидори нокифояи трансформаторҳои мавҷуда ва зеристгоҳҳои барқӣ, мунтазам аз кор баромадани трансформаторҳо, корношоям гаштани ноқилҳо, (изолятор)-10кВ, симчӯбҳо ва ХИБ.

Дар давоми солҳои 2016-2020 дар доираи татбиқи БРН барои ҳалли масъалаҳои ҳалталаби зикргардидаи соҳа ва ҷиҳати беҳтар намудани таъминоти аҳолӣ бо қувваи барқ, аз нав барқарор намудани хатҳои барқии ҳавоӣ ва кабелӣ, бо трансформаторҳои иловагӣ таъмин намудани деҳаҳое, ки шумораи аҳолиашон зиёд шуда истодааст ва аз нав барқарор намудани симчӯбҳои ХИБ пешбинӣ мегардад.

### 4.4. Нақлиёт ва хоҷагии роҳ

*Таҳлили вазъи воқеии соҳа*

Барои ноҳияи Файзобод роҳи мошингард воситаи асосӣ буда, тавассути он рушди робитаи дохилӣ ва берунӣ амалӣ мегардад. Тавассути ин роҳ маҳсулоти хоҷагии қишлоқ аз нуқтаҳои истеҳсолӣ ва коркард ба дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ бароварда мешавад.

Соҳаи нақлиёти истифодаи умум ва боркашонии ноҳия аз ҷониби соҳибкорон пурра амалӣ мешавад.

**Муассисаи давлатии нигоҳдории роҳҳои автомобилгард.** Дар ноҳия Муассисаи давлатии нигоҳдории роҳҳои автомобилгард (МДНРА) дар асоси нақшаю чорабиниҳои тасдиқшуда аз тарафи МД «ИХРА»- минтақаи Ҳисор ба фаъолияти роҳдорӣ машғул буда, тобеи Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Муассисаи мазкур аз соли 1971 фаъолият мекунад. Ҳоло 31 нафар кормандон дар он фаъолият менамоянд ва дорои 19 адад техникаҳои роҳсозӣ ва таҷҳизотҳо мебошад, ки аз инҳо 2 ададаш корношоям мебошанд. Аксарияти техникаҳо бо сабаби набудани қисмҳои эҳтиётӣ фаъолият наменамоянд.

Дар тавозуни Муассисаи давлатии нигаҳдории роҳҳои автомобилгарди ноҳия 186,2 км роҳҳои автомобилгарди истифодаи умум қарор доранд, ки аз ин 48 км роҳҳои байналмиллалӣ, 1,7 км роҳҳои ҷумҳурияви ва 136,5 км роҳҳои дорои аҳамияти маҳаллӣ мебошанд. Роҳҳои маҳаллӣ дар ҳолати бад қарор дошта солҳои тӯлони таъмири капиталӣ гузаронида нашудааст. Барои нигоҳдории роҳҳо аз истифодабарандагони роҳ андоз ситонида мешавд ва он на ҳама вақт мақсаднок истифода бурда мешавад. Соли 2015 – 234,5 ҳазор сомонӣ барои нигоҳдории роҳҳои автомобилгарди истифодаи умум ҷудо карда шуд, ин талаботи ноҳияро ҷиҳати нигоҳдории роҳҳои маҳаллӣ қонеъ намекунад (басанда нест), ҳол он, ки барои нигоҳдории роҳҳои маҳаллӣ тибқи меъёри мавҷуда 1182 сомонӣ барои 1 км муайян шудааст.

**Роҳҳо аз рӯи намуди фарш:**

- фарши асфалту бетон – 56,2 км;
- роҳҳои сангфарш – 91,2 км;
- роҳҳои хоки -38,8 км.

Инчунин, дар ҳудуди ноҳия 22 адад пул ва 223 адад қубурҳои обгузар мавҷуд мебошад. Аз шумораи умумии пулҳои мавҷудаи ноҳия 12 адади он таъмирталаб буда, дар 2 адади он таъмири асосӣ гузаронида шуда, 1 пули дигар ба азнавсозӣ ниёз доранд. Аз ҷумла, пули мошингузари деҳаи Кабкрези дар ҷамоати деҳоти Д. Алиев дар ҳолати садамавӣ қарор дошта, ба азнавсозӣ ниёз доранд.

Таҳлил нишон медиҳад, ки солҳои охир бинобар набудани маблағҳои зарурӣ дар аксарияти роҳҳои маҳаллӣ (зиёда аз 20 сол) таъмири ҷорӣ ва асосӣ гузаронида нашудааст. Дар натиҷаи истифодабарӣ фарши роҳ хеле фарсуда шудааст, ки онро бо гузаронидани таъмири ҷорӣ барқарор намудан ғайри имкон аст.

Дар бисёр мавзеъҳо фарши роҳ аз сатҳи замин паст аст, ки дар натиҷаи боришот об ҷамъ шуда, фарши роҳ ва паҳлӯҳои онро вайрон сохтааст.

***Проблемаҳои мавҷудаи соҳа:***

- фарсуда будани воситаҳои техникаи Муассисаи давлатии нигоҳдории роҳҳои автомобилгарди ноҳия (МДНРА);
- набудани заводи қумбарорӣ (асфалтбарорӣ) барои таъмири роҳҳо;
- таъмирталаб будани роҳҳои аҳмияти ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ дошта;

***Ҳадаф:*** беҳтар намудани ҳолати роҳҳо ва баланд бардоштани хизматрасонии нақлиётӣ.

***Вазифаҳо ва самтҳои асосии рушди соҳа:***

а) таъмин намудани МДНРА бо техникаи ҳозирзамон;
б) таҷдидиди 15 км роҳи байналмилалии дохилӣ ва 2 км роҳҳои маҳаллии ноҳия;
в) беҳтар намудани ҳолати пулҳо дар ҷамоатҳои деҳоти Мехробод;
г) баланд бардоштани нақши бахши хусусӣ дар хизматрасонии тамоми намудҳои нақлиёти автомобилӣ;
д) беҳтар намудани сифати хизматрасонии автомобилӣ.

**4.5. Алоқа**

***Таҳлил ҳолати воқеии соҳа***

Барои беҳтар намудани дастрасии аҳолӣ ба хизматрасонии алоқа дар ноҳия филиали ҶСК “Тоҷиктелеком” фаъолият менамояд, ки дар заминаи он 1 адад дастгоҳи рақамии дорои 1500 рақамаи гуфтугӯи байнишаҳрӣ васл карда шудааст (дарозии каналҳои телефонии байнишаҳрӣ 21,5 км ва шумораи дастгоҳҳои телефонҳои асосӣ 1190 адад). Дар он 12 корманд ва 2 мутахассис фаъолият мекунанд.

**Дар шаҳраку деҳоти ноҳияи Файзобод:**

- дарозии каналҳои телефонии байнишаҳрӣ 48 км;
- шумораи истгоҳҳои телефонӣ 1 адад;
- ғунҷоиши истгоҳҳои телефонии 1500.

Мардуми ноҳия инчунин аз шабакаҳои мобилии «ТСЕЛ», «Вавилон», «МЛТ», «Билайн», «ТК-Мобайл», «Мегафон» ва ғайра истифода мебаранд.

Дар ҳудуди шаҳраку деҳот 4 барномаи телевизионӣ (ТВТ, ТВ «Сафина», «Бахористон» ва Ҷаҳонамо) ва 3 барномаи радиои Тоҷикистон пахш карда мешавад.

Дар ноҳия 1 рӯзнома нашр мешавад. Рӯзномаи «Набзи Файзобод» - нашрияи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия буда, моҳе се маротиб дар ҳаҷми 4 саҳифа бо теъдоди 2000 нусха чоп мешавад.

***Проблемаҳои мавҷудаи соҳа:***

- набудани Матбааи ноҳияви;
- фарсуда шудани кабелҳои гуногуни тамғаи ТПП дар шаҳраки ноҳия;
- ташкил намудани радиои маҳаллӣ.

# БОБИ 5. ҲИФЗИ МУҲИТИ ЗИСТ ВА ҲОЛАТҲОИ ФАВҚУЛОДДА

## 5.1. Ҳифзи муҳити зист

Дар ноҳия оид ба масъалаҳои ҳифзи муҳити зист "Шуъбаи ҳифзи муҳити зисти ноҳияи Файзобод" фаъолият менамояд, ки аз 4 нафар корманд (сардор, 1 нафар самутахасис, 1нафар мутахасиси пешбар, 1 мутахасис ва тибқи шартнома 3 нафар ба ҳайси кормандони хизматрасон фаъолият доранд) иборат аст. Вазифаи асосии шуъбаи мазкур назорат ва ҳифзу истифодаи дурусти захираҳои табиӣ (об, замин, ҳаво, партовҳо, шикор, моҳидорӣ ва дигар захираҳо) мебошад. Масъалаҳои ҳалталаби соҳа хеле зиёданд, аз ҷумла, шуршавӣ ва бад шудани ҳолати мелиоративии заминҳо дар ҳудуди ҷамоатҳо ва хоҷаги ҷангал камшавии майдони дарахтзорҳо ва ҷангалзорҳо, зиёд шудани теъдоди ҳодисаҳои буридани дарахтон ва ифлосшавии муҳити зист бо партовҳои сахти маишӣ, бад шудани ҳолати чарогоҳҳои ҳудуди ҷамоатҳои деҳоти Қалъаидашт, Мискинобод, Ҷавонон ва Д.Алиев азхудкунии ғайрисамараноки сарватҳои табиӣ, аз ҷумла хок, қуму санг, шағал ва ғайраҳо.

Заминҳои обии ноҳия ҳамагӣ - 6055 гектарро ташкил медиҳад. Бояд қайд кард, ки кишоварзони ноҳия аслан ба боғдорӣ ва чорвопарварӣ машғул мебошанд. Зиёда аз 87 фоизи аҳолии қобили меҳнат дар деҳот зиндагонӣ дошта, асосан дар соҳаи кишоварзӣ фаъолият менамоянд.

Мушкилиҳои асосии экологии ноҳия, ки аз онҳо сатҳи некуаҳволии аҳолӣ вобаста аст, ба самтҳои зерин дахл дорад:

- ҳолати ғайриқаноъатбахши мелиоративии - 53 гектар заминҳои обӣ аз ҳисоби баланд шудани сатҳи обҳои зеризаминӣ дар ҷамоатҳои деҳоти Қалъаидашт, Бустон, Ҷавонон ва Меҳробод, ки сабаби асосиаш тоза нагардидан ва таъмирталаб гаштани 56 км заҳбуру заҳкашҳои дохилихоҷагӣ ва 29 км заҳбуру заҳкашҳои байнихоҷагӣ мебошад.
- ҳолати ғайриқаноъатбахши 25175 гектар чарогоҳҳои воқеъ дар ҷамоатҳо ва хоҷаги ҷангал, ки боиси кам шудани хуроки чорво мегардад,
- барқарорсозии 900 гектар ва истифодаи самараноки 1000 гектар боғу токзор.

Натиҷаҳои таҳлил нишон медиҳад, ки майдони заминҳои обӣ 5,3 фоизро ташкил медиҳанд. Ҳоло дар ноҳия 53 га замин дар ҳолати ғайри мелиоративӣ қарор дорад. Сабабаби дигари паст шудани ҳосилнокӣ замин, ин сари вақт таъмин нашудани нуриҳои минералию заҳрхимикатҳо, тағйирёбии иқлим, паҳн шудани ҳаргуна ҳашароти заррасон ва касалиҳо мебошад.

Дар ҳудуди ноҳияи Файзобод дар давоми солҳои 2013-2015 зиёд намудани шумораи дарахтони сояафкан ва то 270 гектар зиёд намудани майдони ҷангалзор пешбинӣ шудааст.

Яке аз масъалаҳои муҳими экологии ноҳия, ин сари вақт ҷамоварӣ нагаштани партовҳо мебошад. Партовгоҳи марказӣ дар наздики деҳаи Навобод ҷамоати деҳоти Ҷавонон, дар масофаи 12 км дуртар аз маркази ноҳия ҷойгир шуда, атрофаш маҳкам набуда, ба талабот ҷавобгӯ нест. Бинобар боришоти зиёд каналу ҷӯйҳои обпарто ба таъмиру азнавсозӣ эҳтиёҷ доранд. Мавҷуд набудани хадамоти коммуналӣ дар ҷамоатҳо, боиси пайдо шудани партовгоҳҳои сершумори ғайрирасмӣ, ифлос шудани замин, соҳилҳои иншооти об ва афзудани хатари сар задании касалиҳои сироятӣ мегардад. Манбаъи дигар ташаккули партовҳо муассисаҳои тиббии ноҳия ва хадамоти байтории ноҳия мебошанд. Муассисаҳои тиббӣ бояд бо печҳо барои сузонидани партовҳои хатарнок, барои чорвои аз касалиҳо фавтида ташкили чоҳҳои Бейкер зарур аст. Дар айни замон дар ноҳияи Файзобод чунин таҷҳизоти ба ҳифзи табиат мусоидаткунанда мавҷуд нест. Ҳамаи ин ба зиёд шудани касалиҳо миёни аҳолӣ, афзудани хароҷоти онҳо барои табобат, коҳиши сатҳи дарозумрӣ ва баланд шудани сатҳи камбизоатӣ меоварад. Барои ҳалли ин масъалаҳо лозим аст, ки дар ҳудуди

ҷамоатҳои ноҳия барои ташкил намудани партовгоҳ қитъаҳои алоҳидаи замин ҷудо карда шуда, ҷиҳати ташкил намудани муассисаҳои коммуналии хусусӣ ё давлатӣ ва дар соҳаи мазкур ба хизматрасонӣ машғул гардидани онҳо, мусоидат намудан зарур аст. Дар ноҳияи Файзобод хатти ташноб (канализатсия) вуҷуд надорад, ки ин ба сохтмон ва ба истифода додани хонаҳои бисёрошёна дар ноҳия монеъ мегардад. Мавҷуд набудани хатти ташноб (ба хусус дар нуқтаҳои аҳолинишин) метавонад боиси ифлосшавии обҳои рӯизаминӣ ва зеризаминӣ гардад. Мушкилии дигар ин нокифоягии дастрасии пурраи аҳолии ноҳияи Файзобод ба оби тозаи нӯшокӣ мебошад. Дастрасии аҳолии ноҳия ба оби нӯшокӣ бошад, ба таври умумӣ 72 фоизро ташкил дода, 28 фоизи аҳолӣ аз норасоии об танқисӣ мекашанд. Дар маркази ноҳия ҳамагӣ 210 км хати оби нӯшокӣ , ки аз ин 135км хати оби нушоки дар ҳавлиҳо гузаронида шудааст. Аҳолии боқимондаи ноҳия ба сифати оби нӯшокӣ аз сарчашмаҳои обтаъминкунии обҳои рӯизаминиву зеризаминӣ ва чашмаю дарёчаҳо истифода мебаранд.

Манбаъҳои оби нӯшокӣ минтақаи муҳофизати санитарӣ надоранд, ба меъёрҳои сохтмонӣ ҷавобгӯ набуда, ҳавзҳои такшинкунии хок ва ҳавзи тозакунӣ бо маҳлули хлор надоранд ва ягон сарбанди хатҳои обгузар посбонӣ карда намешаванд. Барои безарар гардонидани оби нӯшокӣ тавассути маркази назорати давлатии санитарию эпидемиологӣ (МНДСЭ) ташхиси обҳои нӯшокӣ гузаронида мешавад, вале чанд соли охир бо сабаби касод будани буҷет ва ҷудо нагардидани маблағ барои корҳои ташхисӣ, болоравии нархи сӯзишворӣ, қисмҳои эҳтиётӣ ва реактивҳо ташхисҳои безараргардонии оби нӯшокӣ дар ноҳия кам гузаронида мешавад.

Дар ноҳия корхонаи мухталифи хурду бузурги саноатӣ ва хоҷагиҳои деҳқонии инфиродӣ фаъолият менамоянд. Яке аз мушкилотҳои ташвишовари соҳа ин дастрасӣ надоштани қисми аҳолӣ, махсусан ҷамоатҳои деҳот ба манбаҳои оби аз нуқтаи назари экологӣ тоза меҳсуб меёбад. Дар ноҳия танҳо 72 фоизи аҳолӣ ба манбаъҳои оби нӯшокии тоза дастрасӣ доранду халос, боқимонда 28 фоиз аз ин манбаи бебаҳо истифода бурда наметавонанд. Бисёр нуқтаҳои манбаъҳои оби нӯшокии ноҳия ба талаботҳои санитарию гигиенӣ ҷавоб дода наметавонад. Аҳолии деҳаҳои навбунёди ва қисми аҳолии ҷамоатҳои Бустон, Меҳробод ва Вашгирд ба оби аз нуқтаи назари экологӣ тоза ва безарагардонидашуда дастрасӣ надоранд ва аз ин ҳисоб танқисии зиёд мекашанд. Дар деҳаҳои номбаршуда аҳолӣ оби канал ва ҷуйҳоро истифода мебаранд, ки ин сарчашмаҳо барангезандаи асосии бемориҳои сироятӣ мебошанд.

Солҳои охир дар ноҳияи Файзобод афзоиши ҳаҷми корҳои сохтмонӣ ба назар мерасад. Мушкилоти асосии экологие, ки дар ин самт вуҷуд дорад, ин ҳолати ғайриқаноъатбахши шабакаи обу ташноб ва коркарди ПСМ мебошад. Бинобар ин, ҳамеша хавфи аз партовҳо ифлос гардидани обҳои зеризаминӣ ва оби дарёи Элок таҳдид мекунад. Дар натиҷа ҳамаи партовҳои маркази ноҳия ба шабакаҳои мазкур ва партовгоҳҳои ғайрирасмӣ партофта мешаванд. Шабакаи мавҷудаи ташноб ва партовгоҳҳои номбурда дар ҳолати ғайриқаноъатбахш қарор дошта, ба талаботҳои санитарию гигиенӣ ва экологӣ мутобиқ нестанд. Махсусан, дар фасли тобистон, ки аз ин ҳисоб сар задани касалиҳои сироятӣ авҷ мегирад.

Дар маркази ноҳия 12 нуқтаи ба расмият даровардашудаи партовбарорӣ ташкил карда шудааст, ки пешниҳоди хизматрасонӣ аз ҷониби КВД «Хоҷагии манзилию коммуналӣ» сурат мегирад. Дар ин самт, сари вақт тоза нагардидани нуқтаҳои партовбарорӣ ба муҳити зист бетаъсир намемонад. Аз рӯи ҳисоботҳои мавҷуда дар як сол аҳолии ноҳия ба муҳити зист 2700-3000м партов бароварда, боиси ифлосшавии обу замин ва муҳит мегардад. Дар баъзе нуқтаҳои аҳолинишин партов дар даруни сой, наздикии ҳавлиҳо ва ҷойҳои ғайримуқаррарӣ партофта мешавад. Суст будани низоми идоракунӣ ва набудани назорати доимӣ мушкилотро дар ин самт боз ҳам мушкилтар мегардонад. Ин мушкилиҳо дар сатҳи деҳот бештар ташвишовар арзёбӣ мегардад.

Яке аз афзалиятҳои асосӣ ва самаранок барои рушди минбаъдаи соҳа ин гузаронидани корҳои тарғиботию ташфиқотӣ барои нигоҳдории ҳифзи муҳити зист ва солимгардонии аҳолӣ мебошад.

## 5.2. Омодагӣ ба ҳолатҳои фавқуллода, пешгирӣ ва паст кардани хатари пайдоиши онҳо

Ноҳияи Файзобод дар қисмати шарқии ҷумҳурӣ ҷойгир шудааст. Масоҳати ноҳияи Файзобод 874,1 километри мураббаъро ташкил дода, шумораи аҳолии он 97531 нафар мебошад. Дар ҷамоатҳои Бӯстон, Меҳробод, Вашгирд, Д. Алиев, Ҷавонон, Қалъаи дашт, Мискинобод ва Чашмасор минтақаҳои хатарнок мавҷуд мебошанд. Аз 26 деҳаи мавҷуд буда, хатари омадани сел ва кучиши замин дар назар аст. Барои бехатар мондани аҳолии деҳаҳои мавҷуд буда корҳои соҳилмустаҳкамкуниро ба роҳ мондан лозим аст. Ҳамагӣ дар минтақаҳои хавфнок 1059 хоҷагӣ ва ё 6559 нафар аҳолӣ истиқомат менамоянд. Манбаи асосии хавфи офати табиии сел ва обхезии дарёи Сурхдараи ҷамоати деҳоти Д.Алиев ва дарёи Элок ҷамоатҳои деҳоти Қалъаи дашт,Чашмасор, Ҷавонон, Бӯстон, Меҳробод ва Вашгирд мебошад.

*Ҷадвали №41. Маълумот оид ба маҳаллаҳои дар минтақаҳои хавфнок ва ниҳоят хавфнок ҷойгиршуда*

| Номи маҳаллаҳои дар минтақаи хавфнок ҷойгирифта | Шумораи хоҷагиҳо дар минтақаҳои хавфнок | Шумораи аҳолӣ дар минтақаҳои хавфнок | Намуди ҷараёни таҳдидкунанда | Хулосаи геологӣ |
|---|---|---|---|---|
| Ҷамоати деҳоти Бӯстон | | | | |
| Деҳаи Ҳаймаҳмадӣ | 15 | 91 | Сел, обхезӣ | ҳа |
| Ҷамоати деҳоти Меҳробод | | | | |
| Деҳаи Яккабед | 15 | 132 | кучиш | ҳа |
| Деҳаи Файзова | 14 | 117 | кучиш | ҳа |
| Деҳаи Шукурӣ | 15 | 121 | кучиш | ҳа |
| Деҳаи Қасамдара | 2 | 11 | кучиш | ҳа |
| Деҳаи Устошамс | 14 | 138 | Сел | ҳа |
| Деҳаи Сомониён | 12 | 108 | Сел | ҳа |
| Деҳаи Меҳрободи боло | 12 | 106 | Сел | ҳа |
| Деҳаи Ҳайтак | 15 | 48 | кучиш | ҳа |
| Ҷамоати деҳоти Вашгирд | | | | |
| Деҳаи Шаҳтакиён | 14 | 125 | Сел | не |
| Деҳаи Қарамайдон | 2 | 11 | кучиш | не |
| Ҷамоати деҳоти ба номи Д. Алиев | | | | |
| Деҳаи Сурхдара | 8 | 15 | Сел | не |
| Деҳаи Боғи мирӣ | 150 | 1050 | Сел | не |
| Деҳаи Файзобод | 60 | 420 | Сел | не |
| Деҳаи Ҷонварсуз | 12 | 84 | Сел | Не |
| Ҷамоати деҳоти Ҷавонон | | | | |
| Деҳаи Сари чашма | 14 | 98 | Сел | Не |
| Деҳаи Арзанова | 12 | 84 | Сел | Не |
| Деҳаи Чаноро | 18 | 108 | кучиш | Не |
| Деҳаи Хами савра | 5 | 32 | сел | Не |
| Деҳаи Ҷавонон | 11 | 67 | сел | Не |
| Деҳаи Дова | 23 | 139 | кучиш | Не |
| Деҳаи Хами себ | 6 | 41 | кучиш | Не |
| Деҳаи Оби сангбур | 13 | 82 | сел | Не |
| Ҷамоати деҳоти Чашмасор | | | | |
| Деҳаи Ғуломдавлат | 56 | 498 | кучиш | Не |
| Деҳаи Кулобиён | 52 | 353 | Кучиш | Не |
| Деҳаи Сари сафедхок | 6 | 38 | Кучиш | Не |
| Ҷамоати деҳоти Қалъаи дашт | | | | |
| Деҳаи Дашти марзо | 120 | 700 | ярч | ҳа |
| Деҳаи Элок | 250 | 800 | Сел | ҳа |
| Деҳаи Очилдӣ | 40 | 280 | сангреза | ҳа |
| Ҷамоати деҳоти Мискинобод | | | | |
| Деҳаи Сарой | 3 | 21 | сел | ҳа |
| Деҳаи Фақиробод | 2 | 13 | сел | ҳа |
| Деҳаи Гултеппа | 5 | 30 | сел | ҳа |
| Деҳаи Фатҳобод | 11 | 102 | сел | ҳа |

| Номи маҳаллаҳои дар минтақаи хавфнок ҷойгирифта | Шумораи хоҷагиҳо дар минтақаҳои хавфнок | Шумораи аҳолӣ дар минтақаҳои хавфнок | Намуди ҷараёни таҳдидкунанда | Хулосаи геологӣ |
|---|---|---|---|---|
| Деҳаи Заркамар 1-2 | 27 | 270 | сел | ҳа |
| Деҳаи Орифон | 3 | 18 | сел | ҳа |
| Деҳаи Муминобод | 11 | 92 | сел | ҳа |
| Ҷамоати шаҳраки Файзобод | | | | |
| Куч. Розиқзода | 10 | 54 | сел | ҳа |
| Куч. Чинаи | 13 | 62 | сел | ҳа |
| Ҳамагӣ дар ноҳияи Файзобод | 1056 | 6559 | сел, ярч | ҳа |

Дар санадҳо ҳисороти умумии дар натиҷаи офатҳои табии тайи ин солҳо ба вуқӯъ омада нишон дода шуда, шумораю намудҳои офатҳои табии ба қайд гирифта нашудаанд. Инҳо асосан боронҳои шадиду давомнок, селҳо, бориши барфи зиёд ва хунукиҳои сахт мебошанд.

Дар натиҷаи офатҳои табии тӯли солҳои 2012 - 1383600 сомонӣ, соли 2013 -147000 сомонӣ ва соли 2014 - 2365023 сомонӣ зарар расонида шудааст.

***Сохтори омодабошӣ ва эътино ба Ҳолатҳои фавқулодда дар ноҳия.*** Айни замон, дар ноҳияи Файзобод 11 хадамот вуҷуд дорад, ки бевосита ба пешгирӣ ва бартарафсозии офатҳои табиӣ ҷалб гардидаанд.

*Ҷадвали №42.Маълумот оид ба нерӯю воситаҳои мавҷуда, захираҳо ва эҳтиёҷот*

| Хадамоти хабаррасонӣ ва алоқа (ҶШСК «Тоҷиктелеком») | | |
|---|---|---|
| Неру ва воситаҳои мавҷуда | Захираҳои мавҷуда | Эҳтиёҷот |
| Маркази огоҳкунанда ва алоқа 1 адад<br>Нақлиёти автомобилӣ Трактор МТЗ - 80 55-28 ВВ<br>Муҳаррик (генератор) 1 адад | | |
| Хадамоти таъмини тартибот (ШКД) | | |
| Неру ва воситаҳои мавҷуда | Захираҳои мавҷуда | Эҳтиёҷот |
| Ҳайҳати шахсӣ- нафар<br>Нақлиёти автомобилӣ- 4 адад | Сузишвории дизелӣ 200 литр<br>Бензин 200 литр | Маводи сузишворӣ ва дигар лавозимотҳои зарурӣ, таҷхизоти компютерӣ, воситаҳои алоқа, автомашинаи махсус, сару либос, масолехи бинокори ва утоқҳои корӣ |
| Хадамоти сӯхторхомӯшкунӣ | | |
| Неру ва воситаҳои мавҷуда | Захираҳои мавҷуда | Эҳтиёҷот |
| Ҳайати шахсӣ нақлиёти Автомбилӣ<br>ЗИЛ -313 55 -45 РТ 01<br>УАЗ -4276 Е РТ 01 | Вуҷуд надорад | Дастпӯшаки сӯторхомӯшкунии диаметраш 77 мм-600 м 6 адад<br>Даспӯшаки сӯторхомӯшкунии диаметраш 51 мм – 600м м 6 адад<br>Даспӯшаки сӯторхомӯшкунии диаметраш 66 мм – 600 м 10 адад<br>Дастпӯшаки обии диаметраш 125 мм 6 дона<br>Дастпӯшаки обии диаметраш 77 мм 12 дона<br>Ниқоби муқобили газ 6 дона<br>Халтаи боргирӣ 12 дона<br>Дастгоҳи ҳавои тоза 12 адад |
| Хадамоти нақлиёт ва роҳсозӣ | | |
| Неру ва воситаҳои мавҷуда | Захираҳои мавҷуда | Эҳтиёҷот |
| Ҳайати шахсӣ 31 нафар<br>Булдозер Т-170 1 адад<br>Погрузчик -428 Е 12-56 ТТ<br>Трактор-Т150 76-91 ЯФ<br>Автогрейдер -135 05-77 ТА<br>Трактор –Т40 22-43 ТТ К-700 96-60-Тр<br>Рафик -46-01 РТ 01<br>ГАЗ -53 92-84 А 01 РТ<br>А/маиши Хуа-Шан 145 А 08 | ГСМ- 200л.<br>Сузишвории дизелӣ- 400 л. | Булдозер 1 адад<br>Мошини боркашонӣ 1 адад<br>Дигар лавозимоти зарурӣ |

| Хадамоти коммуналӣ | | |
|---|---|---|
| Неру ва воситаҳои мавҷуда | Захираҳои мавҷуда | Эҳтиёҷот |
| Техникаи автомобилӣ:<br>Газ 53 АСМ<br>Газ 53 А АД-17<br>ЗИЛ–130-10713 обпошак<br>ЗИЛ–130 борбардор<br>Трактор Т-28х4<br>МТЗ-82. 1ЭО-2621<br>МТЗ-82. 1 бо тилешка<br>Булдозер РД-120<br>Экскватор -125<br>Опел астра (сабукрав)<br>Кормандон 57 нафар | бензин - 200литр<br>Сузишвории дизелӣ - 200 литер | МСМ (ГСМ) 2,5 тонна<br>Автомашинаи АСМ 1адад<br>Автомашинаи партовбарорӣ 1 адад<br>Трактори Т 28 1 адад<br>Эксаватор боркунак 1 адад |
| Хадамоти санитарӣ ва назорати эпидемологӣ | | |
| Неру ва воситаҳои мавҷуда | Захираҳои мавҷуда | Эҳтиёҷот |
| Ҳайати шахсӣ 16 нафар<br>Автомашинаи сабукрав1 адад<br>Лабораторияи паразитология 1 адад<br>Яхдон 1 адад<br>Микроскоп 1 адад | Вуҷуд надорад | Маводи безараркунанда 200кг<br>Бино ва ташхисгоҳи бактералогӣ<br>Камераи сайёр 1адад<br>Муҳаррик 1адад<br>Дистиллятор 2 адад<br>Либосҳои махсус 6 ҷуфт<br>Пироҳани муқобили чума 2 адад<br>Автомашина санитарӣ 1 адад |
| Хадамоти муҳофизати ҳайвонот ва наботот | | |
| Неру ва воситаҳои мавҷуда | Захираҳои мавҷуда | Эҳтиёҷот |
| Автомобил НИВА – 1 адад | | таҷҳизот ва техникаҳои замонавӣ, бунгоҳҳои қабул ва аз нав кор карда баромадани пашму пӯст.<br>Таъмири асосии бинои маъмурӣ.<br>чойҳои махсус барои гӯронидан ва сӯзонидани чорво |
| Хадамоти энергетикӣ | | |
| Неру ва воситаҳои мавҷуда | Захираҳои мавҷуда | Эҳтиёҷот |
| Ҳайати шахсӣ 46 нафар<br>Газ 52В 03-57 01 РТ<br>Автокран<br>Зил В 03-74 01 РТ | Сими алюминии намуди:<br>А-50-250 кг<br>А-35-70 кг<br>А-70-40 кг<br>Изолятори ШФ-10кв 70 адад<br>Изолятори ТФ- 20 60 адад<br>Муҳофизаткунандаи ПН-400А-30 дона<br>Изолятори ИП – 10 кв 20 дона | Симчӯбҳо 1200 дона<br>Сӯзишворӣ 4500 тонна<br>Равғани техникӣ 200л<br>Дастгоҳи тақсимкунандаи РЛНД 20 воҳид<br>Ноқили барқии А-50- 2500 т<br>Трансформаторҳо – 160кв 1 адад<br>Трансформаторҳо – 250 кв 1 адад<br>Ноқили АПВ-35-50.70- 2000 м<br>Фулузоти варақагӣ (катанка) 50 кг<br>Гӯшаи оҳанӣ (уголок)-63.63 40 кг<br>Электрод 5 кг |
| Хадамоти тиббӣ | | |
| Неру ва воситаҳои мавҷуда | Захираҳои мавҷуда | Эҳтиёҷот |
| Мошинҳои ёрии таъҷилӣ 2 адад | 50 % аз эҳтиёҷоти маводҳои доруворӣ тиббӣ.<br>Сузишворӣ дизелӣ 200л | МСМ (ГСМ) 2 тонна<br>Маводҳои зарурияти аввалиядоштаи тиббӣ ҳангоми рух додани ҲФ<br>Дефлиблирятор 1 адад<br>Дизкамера1 адад<br>Дастгоҳи ИВЛ-6 1 адад<br>Хайма 6 дона |

*Мушкилиҳои асосӣ* оид ба паст кардани сатҳи офатҳои табии дар ноҳия маблағҳои пулӣ дар буҷет барои низоми огоҳсозӣ/эътинои офатҳои табии, барои таъсиси системаи огоҳкунии пешакӣ ва барои гузаронидани чорабиниҳо оид ба ҳифзи аҳолӣ дар мавзеи осебпазиртари ноҳия, самаранок набудани фаъолияти хадамотҳои ноҳия оид ба мудофиаи гражданӣ, мавҷуд набудани харитаи мавзеъҳои хатарноки ноҳия, норасои техника ва механизмҳои бартарафкунии офатҳои табии дар вақти рух додани ҳолатҳои фавқулода.

# БОБИ 6. ТАЪМИНОТИ ЗАХИРАВӢ

**Таъминоти буҷавӣ.** Сарчашмаи асосии маблағгузории барои ноҳияи Файзобод аз ҳисоби даромадҳои худии буҷети маҳаллӣ ва буҷети ҷумҳуриявӣ таъмин карда мешавад.

Даромади буҷети маҳаллӣ солҳои охир зиёд шудааст. Динамикаи афзоиши даромадҳои буҷети маҳаллӣ ҳамагӣ дар соли 2014 нисбати соли 2012 ба 50,0 фоиз аз ҷумла: аз ҳисоби даромадҳои худи 28,6% ва аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ 93,5-ро ташкил намуд. Дар таҳияи қисми даромади буҷет иҷро нашудани нақша мушоҳида намешавад.

*Ҷадвали №43. Сохтори қисми даромади буҷети ноҳияи Файзобод*

| Сарчашмаи даромадҳои худдӣ | Соли 2012 | Соли 2013 | Соли 2014 |
|---|---|---|---|
| Андоз аз даромади шахсони воқеӣ | 2484160 | 3301264 | 3960646 |
| Андоз аз фоидаи шахсони ҳуқуқӣ | 126127 | 661545 | 1434453 |
| Андози ҳадди ақал аз корхонаҳо | 639866 | 35534 | 4301 |
| Андоз аз моликияти ғайриманқул | 295994 | 484044 | 657723 |
| Андози замин аз шахсони ҳуқуқӣ | 58074 | 56469 | 44154 |
| Андози замин аз шахсони воқеӣ | 179488 | 259712 | 268063 |
| Андози ягона | 871687 | 803069 | 858112 |
| Андоз аз фурӯши чакана | 2256657 | 96254 | 19211 |
| Андоз аз арзиши иловашуда | 1284813 | 2847909 | 3420902 |
| Андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард | 1269165 | 1208028 | 917475 |
| Андоз аз рӯйи системаи содашуда | 475460 | 1256703 | 1375088 |
| Аксизҳо | 22299 | 26538 | 21240 |
| Пардохт аз патент* | | 159915 | 196943 |
| Андоз барои субъектҳои бизнеси бозӣ* | | 21955 | 33341 |
| Андоз аз соҳибони воситаҳои нақлиёт | 508012 | 701132 | 718236 |
| Боҷи давлатӣ | 315582 | 445850 | 406263 |
| Дигар даромадҳои ғайриандозӣ | 679224 | 323681 | 367306 |
| Андоз аз истифодабарандагони қаъри замин | 5802 | 13832 | 48989 |
| ҷамъи даромадҳои худдӣ | 11 472 410 | 12703434 | 14752446 |
| Бақияи озоди равонакардашуда | 168067 | 130366 | 443355 |
| Маблағҳои мақсаднок (субвенсия) | 9214315 | 13185590 | 17829185 |
| Маблағҳои гирифташуда аз буҷети ҷумҳурӣ аз рӯйи ҳисоббаробаркуниҳо** | 1170237 | 1641403 | |
| Ҳамагӣ даромадҳо | 22025029 | 27660793 | 33024986 |

***- намуди андозҳои мазкур соли 2012 дар дохили андози системаи соддакардашуда ба ҳисоб гирифта мешуд.***
*****-дар соли 2014 аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ ба буҷети ноҳия маблаггузаронида нашудааст.***

Қисми хароҷоти буҷети маҳаллӣ ба маблағгузории сохторҳои дигар, ки қисми асосии онҳоро хароҷоти иҷтимоӣ (85,2%) ташкил мекунанд, равона карда мешавад. Хароҷоти буҷети маҳаллӣ ба иқтисодиёт дар соли 2014 асосан аз додани маош, суғуртаи давлатӣ ва дигар хароҷотҳо иборат буд.

Бояд қайд кард, ки буҷети маҳаллӣ дар амали шудани Барномаи мазкур бояд нақши калон бозад, вале таҳлил нишон медиҳад, ки солҳои охир барои рушди ноҳия аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ маблағ кам ҷудо карда мешавад. Ноҳияи Файзобод аз қабили он минтақаҳои ҷумҳурист, ки аз буҷети ҷумҳуриявӣ кӯмаки молиявӣ (субвенсия) мегирад. Даромади умумии буҷети ноҳия аз 10 намуди андоз ва пардохт асос ёфтааст.

Дар соли 2014 хараҷоти буҷети ноҳия 31,6 млн. сомониро ташкил дод, ки аз ин 14,7 млн. сомонӣ аз ҳисоби даромадҳои худӣ ва 16,9 млн. аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ равона шудааст. Буҷети ноҳия хусусияти иҷтимоӣ дошта, дар қисми хароҷот ҳиссаи зиёдро хароҷоти соҳаҳои маориф, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ ташкил медиҳад. Ҳаҷми маблағгузории буҷети ин соҳаҳо дар асоси ҳисобу китоби харҷномавӣ (сметавӣ) муайян мегардад. Таи солҳои 2012-2014 ҳиссаи хароҷот барои соҳаҳои маориф ва тандурустӣ мутаносибан 55,2% ва 34,8% зиёд шудааст. Қисми асосии хароҷотро дар ин соҳаҳо музди меҳнат ташкил медиҳад.

*Ҷадвали №44. Таҳлили қисми хароҷотии буҷети маҳаллӣ дар солҳои 2012-2014 (сомонӣ)*

| Номгӯи хароҷот | Соли 2012 | | | Соли 2013 | | | Соли 2014 | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Нақша | Иҷроиш | % иҷроиш | Нақша | Иҷроиш | % иҷроиш | Нақша | Иҷроиш | % иҷроиш |
| 1. Сектори ҳокимият ва идоракунии давлатӣ | 2298485 | 2 181 768 | 95 | 2269590 | 2217395 | 98 | 3523880 | 3325472 | 94 |
| 1.1.1. Ҳукуматҳои маҳаллӣ | 2 298 485 | 2 181 768 | 95 | 2 269 590 | 2217395 | 98 | 3523880 | 3325472 | 94 |
| 3. Мақомоти ҳифзи ҳуқуқ | 165 000 | 163504 | 99 | 166 500 | 165972 | 100 | 233000 | 217647 | 93 |
| 4. Маориф | 13 007 432 | 12679163 | 97 | 18 120 776 | 17620555 | 97 | 20761026 | 19678906 | 95 |
| 5. Нигаҳдории тандурустӣ | 4 272 886 | 4258040 | 100 | 5 166 731 | 5125529 | 99 | 5748948 | 5742706 | 100 |
| 6. Суғуртаи иҷтимоӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ | 345631 | 340996 | 99 | 244547 | 244547 | 100 | 255892 | 255816 | 100 |
| 6.1.6. Кӯмаки моддӣ ба аҳолӣ (ҷӯбронпулиҳо) | 99 800 | 96384 | 97 | 244 547 | 244547 | 100 | 255892 | 255816 | 100 |
| 6.2,6.3 Ҳифзи иҷтимоии ВТЭК[1] | 245 831 | 244612 | 100 | 0 | | | | | |
| 7. Хоҷагии манзилию - коммуналӣ | 668 300 | 648460 | 97 | 628 300 | 569252 | 91 | 649100 | 612467 | 94 |
| 8. Фарҳанг | 701 647 | 699263 | 100 | 872992 | 867266 | 99 | 1104347 | 1088560 | 99 |
| 8.2 Чорабиниҳои фарҳанги- оммавӣ | 673 897 | 671514 | 100 | 835148 | 829423 | 99 | 988753 | 978981 | 99 |
| 8.3 Нашрия ва матбуот | 27750 | 27749 | 100 | 37844 | 37843 | 100 | 40000 | 40000 | 100 |
| 8.1 Варзиш ва тарбияи ҷисмонӣ | 21520 | 21023 | 98 | 70 320 | 66573 | 95 | 75594 | 69579 | 92 |
| 10. Хоҷагии қишлоқ | 175328 | 174471 | 100 | 204 983 | 204 397 | 100 | 288511 | 279312 | 97 |
| 10.1.5 Хизматрасониҳои ветеринарӣ | 85328 | 84472 | 99 | 114983 | 114398 | 99 | 198511 | 189332 | 95 |
| 10,1,7 Чорабиниҳои системаи обёрӣ | 90 000 | 89999 | 100 | 90 000 | 89999 | 100 | 90000 | 89980 | 100 |
| 14.3.1 Ва ғайраҳо | 229157 | 238654 | 104 | 167 920 | 160580 | 96 | 231277 | 231275 | 100 |
| 14.3.4 Фонди захиравии Раиси ноҳия[2] | 1 650 | | 0 | 977 | | 0 | | | |
| Ҷамъи ХАРОҶОТ | 21887036 | 21 405 342 | 98 | 27 913 636 | 27 242 066 | 98 | 32810427 | 31432161 | 96 |
| Маблағҳои равонакардашуда ба буҷети | | | | 100 040 | | 0 | | | |
| Ҷумҳурӣ аз рӯи ҳисоббаробаркуниҳо | 38 745 | 38745 | 100 | | | | | | |
| Маблағҳои ба фонди стабилизатсионӣ равона карда шуда[3] | | 425069 | | 0 | 80785 | | | 199071 | |
| Ҳамагӣ ХАРОҶОТ | 21 925 781 | 21 869 156 | 99,7 | 28 013 676 | 27 322 851 | 98 | 32810427 | 31631232 | 96 |
| маблағҳое, ки аз худ карда нашудаанд. | | 56625 | | | 690825 | | | 1179195 | |

Эзоҳ: 1-маблағ пешбинӣ нашудааст.2-хароҷотҳои мазкур ба дигар секторҳои вазифавӣ хароҷот карда шудааст. 3-фонди стабилизатсионӣ

*Диаграммаи №14. Ҳиссаҷудокунӣ аз буҷети маҳаллӣ (бо %)*




*Диаграммаи №15. Ҳиссаи хароҷоти буҷети маҳаллӣ аз рӯйи гурӯҳбандии функсионалӣ дар соли 2014 (ба ҳисоби фоиз бо сомонӣ)*




Дар соли 2014 сабаби асосии афзудани хароҷоти соҳаи маориф ин ба низоми маблағгузории сарикасӣ гузаштани мактабҳои таҳсилоти ҳамагонӣ аст.

Сохтори хароҷоти буҷети нахияи Файзобод аз рӯйи гурӯҳбандии иқтисодӣ асосан аз категорияҳои музди маош ва суғуртаи давлатӣ, хароҷот барои коргузории молу хизматҳо ва хароҷоти сохтмони асосӣ иборат мебошад. Хароҷоти сохтмони асосӣ барои бунёди иншооти нав, таъмири биноҳо ва харидории таҷҳизот равона мешавад.

*Диаграммаи №16. Ҳиссаи хароҷоти буҷети маҳаллӣ аз рӯйи гурӯҳбандии иқтисодӣ дар соли 2014 (ба ҳисоби фоиз)*



Маблағҳои аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ барои рушди ноҳия равонашуда (1,0%) тамоми он мушкилоте, ки дар доираи Барнома дар панҷ соли оянда бояд ҳаллу фасл шаванд, таъмин карда наметавонад. Барои таъмини Барнома фазои инвеститсиониро дар ноҳия беҳтар намуда, ҷалби сармоягузорони хориҷию дохилиро ба роҳ мондан лозимаст.

***Мушкилоти асосӣ:***

Бояд қайд кард, ки дар солҳои 2012, 2013 ва 2014 дар қисми дароимади буҷети ноҳияи Файзобод аз ҳисоби сарчашмаҳои худӣ ҳиссаи ҶДММ «Мурғи ҳилол» ба ҳисоби миёна 33 фоизро ташкил додаст.

Бинобар сабаби дар ҳолати ногувори молиявӣ қарор доштани ҶДММ «Мурғи ҳилол» саршумори парандаро 200 ҳазор кам карда шуд, ки дар натиҷа шумораи ҷойҳои корӣ ба 100 воҳиди корӣ ихтисор карда шуд. Дар ин замина кам шудани воҳидҳои корӣ ба коҳиш ёфтани манбаи андозбандӣ дар ноҳия мегардад. Дар ҳолат аз ҷониби ҶДММ «Мурғи ҳилол» дарёфт нагардидани сарчашмаи маблағгузорӣ ҳатари 33 фоиз кам гардидани воридоти андоз ба буҷети маҳалли ноҳия ва муфлис шудани корхонаи мазкур имконият дорад.

# БОБИ 7. НИЗОМИ МОНИТОРИНГ ВА АРЗЁБӢ

Яке аз унсурҳои муҳимми системаи идораи татбиқи Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Файзобод низоми мониторинг ва арзёбӣ мебошад. Он барои мушоҳидаи ҷараёни корҳо ва таҳлили натиҷаҳои бадастомадаи Барнома, ошкор намудани таҷрибаи мусбии андӯхта ва проблемаҳои мавҷуда дар татбиқи он истифода бурда мешавад. Низоми мониторинг ва арзёбӣ имкон медиҳад, ки робитаи мутақобила ва муттаасил дар сиёсати қабулнамуда ва натиҷаҳои татбиқи амалии он таъмин гардад.

Гурӯҳи мониторинг ва арзёбӣ бо қарори Раиси ноҳия таъсис дода шуда, аз 5-7 аъзо иборат мебошад (мутахассисони соҳавӣ ва кормандони масъули мақомоти маҳаллии ноҳия ). Гурӯҳи мониторинг ва арзёбиро раиси ноҳия ё яке аз муовинони он сарпарастӣ мекунад.

Бо қарори мазкур барои гузаронидани мониторинг ва арзёбии Барномаи рушди ноҳия бахши рушди иқтисод ва савдои ноҳия масъул муайян карда мешавад.

Барои мониторинги Барномаи рушди ноҳия мушоҳидаи омилҳои зерин зарур аст:

- ба ҳадафҳои Барнома то кадом андоза муваффақ мешавем;
- дар доираи Барнома лоиҳаҳо чӣ гуна амалӣ шуда истодаанд.

Воқеан, низоми мониторинг бояд ду унсурро дар бар гирад.

*Мониторинги натиҷаҳои нақша* тавассути индикаторҳо анҷом дода мешавад. Аз рӯи он ҳадафҳои гузошташуда то кадом андоза ба даст омадааст, муайян карда мешавад. Мониторинги натиҷаҳо ҳар сол гузаронида мешавад.

*Мониторинги иҷрои лоиҳаҳо* тавассути параметрҳои назорати ҷойгоҳи лоиҳа ва мувофиқат намудани он бо Барнома гузаронида мешавад. Барои гузаронидани он ҷадвали электронӣ бо формати Excel тартиб дода мешавад ва ҳар семоҳа ба таври синхронӣ бо ҳисоботи лоиҳаҳо аз нав тасҳеҳ карда мешаванд.

Дар охири сол ҳангоми зарурият арзёбии чораҳои андешидашуда ва лоиҳаҳо дар яке аз соҳаҳои Барнома бо назардошти захираҳои мавҷуда ва талаботи иттилоотӣ гузаронида мешавад. Арзёбии таъсиррасонӣ аз ҷониби мутахассисони соҳавӣ ва мустақил (коршиносон), ки ҳолати бахши мазкурро хуб медонанд, гузаронида мешавад.

# ЗАНҶИРИ МАНТИҚИИ БАРНОМАИ РУШДИ ИҶТИМОИЮ ИҚТИСОДИИ НОҲИЯИ ФАЙЗОБОД БАРОИ СОЛҲОИ 2016-2020

| № | Мақсад | Вазифаҳо | Чорабиниҳо/лоиҳаҳо | Арзиши умумии лоиҳа (ҳазор сомони) | Соли 2016 | Соли 2017 | Соли 2018 | Соли 2019 | Соли 2020 | Иҷрокунанда/ Масъулин | Сарчашмаи маблаггузорӣ | Натиҷа |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Занҷири мантиқии блоки иқтисодӣ** | | | | | | | | | | | | |
| **Кишоварзӣ** | | | | | | | | | | | | |
| 1 | Беҳтар намудани ҳолати инфрасохтори соҳаи кишоварзӣ | Беҳтар намудани ҳолати мелиоративии заминҳо ва беҳтар намудани дастраси хоҷагиҳои кишоварзӣ бо тухмиҳои хушсифат, техникаи муосир ва оби полезӣ | Сохтмони бинои маъмурии Раёсати кишоварзии ноҳия | 1500 | 375 | 375 | 375 | 375 | | Вазорати кишоварзӣ, МИҲД н.Файзобод, Раёсати кишварзии ноҳия | Буҷети ҷумҳурӣ | Зиёд намудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ба 25-30 фоиз |
| 2 | | | Ба категорияи заминҳои корами кишоварзӣ ворид намудани 1000 га аз ҳисоби заминҳои чарогоҳ ва боир | 2500 | 500 | 500 | 500 | 500 | 500 | АБЗО, МИҲД н.Файзобод ва Раёсати кишоварзӣ | Буҷети ҷумҳурӣ | |
| 3 | | | Бунёди чоҳи амудӣ дар деҳаи Файзободи ҷамоати деҳоти Д.Алиев бо ҳаҷми эҷв10-120-80 дар як сония | 230 | | 115 | 115 | | | АБЗО, МИҲД н.Файзобод ва Раёсати кишоварзӣ | Буҷети ҷумҳурӣ | |
| 4 | | | Бунёди чоҳи амудӣ дар деҳаи Чилчашмаи ҷамоати деҳоти Бӯстон бо ҳаҷми эҷв-12-160-65 дар як сония | 240 | | 80 | 80 | 80 | | АБЗО, МИҲД н.Файзобод ва Раёсати кишоварзӣ | Буҷети ҷумҳурӣ | |
| 5 | | | Бунёди чоҳи амудӣ дар деҳаи Шерамони ҷамоати деҳоти Меҳробод бо ҳаҷми .эҷв 12-220-100 дар як сония | 252 | | | 84 | 84 | 84 | АБЗО, МИҲД н.Файзобод ва Раёсати кишоварзӣ | Номуайян | |
| 6. | | | Бунёди чоҳи амудӣ дар деҳаи Шаҳтакиёни ҷамоати деҳоти Вашгирд бо ҳаҷми эҷв 10-120-100 дар як сония | 209 | 20 | 30 | 53 | 53 | 53 | АБЗО, МИҲД н.Файзобод ва Раёсати кишоварзӣ | Сармояи хориҷӣ | |

| № | Мақсад | Вазифаҳо | Чорабиниҳо/лоиҳаҳо | Арзиши умумии лоиҳа (ҳазор сомони) | Соли 2016 | Соли 2017 | Соли 2018 | Соли 2019 | Соли 2020 | Иҷрокунанда/ Масъулин | Сарчашмаи маблаггузорӣ | Натиҷа |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 7 | | | Бунёди чоҳи амудӣ дар деҳаи Дубедаи ҷамоати деҳоти Ҷавонон бо ҳаҷми эцв10- .120-80 дар як сония | 209 | 20 | 30 | 53 | 53 | 53 | АБЗО, МИҲД н.Файзобод ва Раёсати кишоварзӣ | Номуайян | |
| 8 | | | Бунёди чоҳи амудӣ дар деҳаи Дурахшон ҷамоати деҳоти Чашмасор бо ҳаҷми 120-100дар як сония | 209 | 20 | 30 | 53 | 53 | 53 | АБЗО, МИҲД н.Файзобод ва Раёсати кишоварзӣ | Номуайян | |
| 9 | | | Бунёди чоҳи амудӣ дар деҳаи Дашти марзои ҷамоати деҳоти Қалъаи Дашт бо ҳаҷми 250-35 дар як сония | 229 | 20 | 30 | 53 | 53 | 53 | АБЗО, МИҲД н.Файзобод ва Раёсати кишоварзӣ | Номуайян | |
| 10. | | | Бунёди чоҳи амудӣ дар деҳаи Мискинободи ҷамоати деҳоти Мискинобод бо ҳаҷми 220-100 дар як сония | 252 | | 63 | 63 | 63 | 63 | АБЗО, МИҲД н.Файзобод ва Раёсати кишоварзӣ | Номуайян | |
| 11. | | | Бунёди пойгоҳи обкашии марказгурез (қубури диаметраш 200 мм) дар деҳаи Сомониёни ҷамоати деҳоти Меҳробод | 600 | 120 | 120 | 120 | 120 | 120 | АБЗО, МИҲД н.Файзобод ва Раёсати кишоварзӣ | Аҳолӣ ва х/д | |
| 12. | | | Бунёди пойгоҳи обкашии марказгурез (қубури диаметраш 200 мм) дар деҳаи Файзободи ҷамоати деҳоти Д.Алиев | 600 | 120 | 120 | 120 | 120 | 120 | АБЗО, МИҲД н.Файзобод ва Раёсати кишоварзӣ | Соҳибкорон | |
| 13. | | | Бунёди пойгоҳи обкашии марказгурез (қубури диаметраш 325 мм) дар деҳаи Муминободи ҷамоати деҳоти Мискинобод | 2000 | 400 | 400 | 400 | 400 | 400 | АБЗО, МИҲД н.Файзобод ва Раёсати кишоварзӣ | Номуайян | |

| № | Мақсад | Вазифаҳо | Чорабиниҳо/лоиҳаҳо | Арзиши умумии лоиҳа (ҳазор сомони) | Соли 2016 | Соли 2017 | Соли 2018 | Соли 2019 | Соли 2020 | Иҷрокунанда/ Масъулин | Сарчашмаи маблаггузорӣ | Натиҷа |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 14. | | | *Ташкили маркази машваратию омӯзишӣ оид ба масъалаҳои технологияҳои муосири кишоварзӣ дар заминаи ташкилотҳои ҷамъиятӣ дар ноҳияи Файзобод ва баргузор намудани омӯзишҳо оид ба: истифодаи усулҳои нави агротехникӣ, истифодаи тухмиҳои хушсифат ва назорати он аз ҷониби бозрасии тухмӣ, тайёр намудан ва истифодабарии нуриҳои нави органикӣ (компост) ва мубуризаи марказонидашуда ва якҷояи зидди ҳашароти зараррасон.* | *160* | | *40* | *40* | *40* | *40* | *МИҲД н.Файзобод ва Раёсати кишоварзӣ* | *Сармояи хориҷӣ* | *Беҳтар намудани дастраси хоҷагиҳои кишоварзии ноҳия ба хизматрасонии хушсифати байторӣ* |
| 15. | | | *Сохтмони бинои замонавии идораи маъмурии байтории ноҳия* | *1500* | *300* | *300* | *300* | *300* | *300* | *Вазорати кишоварзӣ, МИҲД н.Файзобод* | *Буҷети ҷумҳуриявӣ* | |
| 16. | | | *Бунёди лабораторияи муҷаҳҳази замонавӣ барои ташхиси бемориҳои ҳайвонот дар ҷамоати шаҳраки Файзобод* | *500* | | *100* | *100* | *100* | *200* | *Вазорати кишоварзӣ, МИҲД н.Файзобод* | *Номуайян* | |
| 17. | | | *Бунёди маркази хизматрасонии байторӣ дар деҳаи Бӯстони ҷамоати деҳоти Бӯстон* | *300* | | | | *150* | *150* | *МИҲД н.Файзобод* | *Буҷети ноҳия* | |

| № | Мақсад | Вазифаҳо | Чорабиниҳо/лоиҳаҳо | Арзиши умумии лоиҳа (ҳазор сомони) | Соли 2016 | Соли 2017 | Соли 2018 | Соли 2019 | Соли 2020 | Иҷрокунанда/ Масъулин | Сарчашмаи маблаггузорӣ | Натиҷа |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 18 | | | Бунёди маркази хизматрасонии байторӣ дар деҳаи Меҳрободи ҷамоати деҳотиМеҳробод | 300 | 150 | 150 | | | | МИҲД н.Файзобод, Раёсати кишоварзии ноҳия | Буҷети ноҳия | |
| 19 | | | Бунёди маркази хизматрасонии байторӣ дар деҳаи Хами себи ҷамоати деҳоти Ҷавонон | 300 | | | 150 | 150 | | МИҲД н.Файзобод, Раёсати кишоварзии ноҳия | Соҳибкорон | |
| 20 | | | Бунёди маркази хизматрасонии байторӣ дар деҳаи Чашмасори ҷамоати деҳоти Чашмасор | 300 | | | | 150 | 150 | МИҲД н.Файзобод, Раёсати кишоварзии ноҳия | Соҳибкорон | |
| 21 | | | Бунёди маркази хизматрасонии байторӣ дар деҳаи Бобои Валии ҷамоати деҳоти Қалъаи Дашт | 300 | 150 | 150 | | | | МИҲД н.Файзобод, Раёсати кишоварзии ноҳия | Номуайян | |
| 22 | | | Бунёди маркази хизматрасонии байторӣ дар деҳаи Лолагии ҷамоати деҳоти Вашгирд | 300 | | | 150 | 150 | | МИҲД н.Файзобод, Раёсати кишоварзии ноҳия | Сармояи хориҷӣ, | |
| 23 | | | Харидорӣ намудани техникаи хизматрасонӣ, махсусгарднидашудаи байторӣ, таҷҳизот (Дастгоҳи фиксатсия, мизи ҷарроҳӣ, асбобу анҷоми ҷарроҳӣ, акушерӣ, муоина ва безараргардонӣ) | 200 | | | 100 | 100 | | МИҲД н.Файзобод, Раёсати кишоварзии ноҳия | Сармояи хориҷӣ | |
| 24 | | | Муҷаҳҳаз гардонидани озмоишгоҳҳои ташхиси байторӣ дар назди бозорҳои истеъмолӣ | 100 | 100 | | | | | МИҲД н.Файзобод, Раёсати кишоварзии ноҳия | Сармояи хориҷӣ | |

| № | Мақсад | Вазифаҳо | Чорабиниҳо/лоиҳаҳо | Арзиши умумии лоиҳа (ҳазор сомони) | Соли 2016 | Соли 2017 | Соли 2018 | Соли 2019 | Соли 2020 | Иҷрокунанда/ Масъулин | Сарчашмаи маблағгузорӣ | Натиҷа |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 25 | | | Ташкил намудани нуқтаҳои назоратии байторӣ дар роҳҳои чорвогузари ҳудуди ноҳия (ҳавзҳои безараргардонӣ) | 250 | 50 | 50 | 50 | 50 | 50 | Вазорати кишоварзи, МИҲД н Файзобод | Сармояи хориҷӣ | |
| 26 | Зиёд намудани майдони боғҳо ва афзоиши истеҳсоли мева | Таъмини афзоиши истеҳсоли мева дар миқёси ноҳия | Таҷдиди пойгоҳи обкашии 50 солагии Тоҷикистон дар ноҳияи Ваҳдат | 200 | | 50 | 50 | 50 | 50 | Вазорати кишоварзи, МИҲД н Варзоб | соҳибкорон | То ба 45 фоиз зиёд намудани майдони боғҳои ноҳия дар мухлати анҷоми татбиқи Барнома |
| 27 | | | Бунёди 300 гектар боғи нав дар деҳаи Бӯстони ҷамоати деҳоти Бӯстон | 150 | | 50 | 50 | 50 | | МИҲД н Файзобод | Маблағхои худии хочагихои дехкони ва соҳибкорон | |
| 28 | | | Бунёди 101 гектар боғи нав дар деҳаи Офтобрӯяи ҷамоати деҳоти Бӯстон | 65 | | 30 | 35 | | | Вазорати кишоварзи, МИҲД н Файзобод | Сармояи хориҷӣ | |
| 29 | | | Бунёди 100 гектар боғи нав дар деҳаи Ҳаймаҳмадии ҷамоати деҳоти Бӯстон | 60 | 30 | 30 | | | | МИҲД-и нохияи Файзобод ва АБЗО | Сармояи хориҷӣ | |
| 30 | | | Бунёди 400 гектар боғи нав дар деҳаи Меҳрободи ҷамоати деҳоти Меҳробод | 200 | 50 | 50 | 50 | 50 | 50 | Вазорати кишоварзи, МИҲД н Файзобод | соҳибкорон | |
| 31 | | | Бунёди 193 гектар боғи нав дар деҳаи Сомониёни ҷамоати деҳоти Вашгирд | 310 | 62 | 62 | 62 | 62 | 62 | Вазорати кишоварзи, МИҲД н Файзобод | соҳибкорон | |
| 32 | | | Бунёди 100 гектар боғи нав дар деҳаи Синои ҷамоати деҳоти Вашгирд | 160 | | 50 | 50 | 60 | | МИҲД н.Файзобод, Вазорати кишоварзи | соҳибкорон | |
| 33 | | | Бунёди 206 гектар боғи нав дар деҳаи Файзободи ҷамоати деҳоти Д.Алӣ | 330 | | 30 | 100 | 100 | 100 | Раёсати кишварзии ноҳия | Аҳолӣ ва х/д | |

| № | Мақсад | Вазифаҳо | Чорабиниҳо/лоиҳаҳо | Арзиши умумии лоиҳа (ҳазор сомони) | Соли 2016 | Соли 2017 | Соли 2018 | Соли 2019 | Соли 2020 | Иҷрокунанда/ Масъулин | Сарчашмаи маблаггузорӣ | Натиҷа |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 34 | | | *Бунёди 100 гектар боги нав дар деҳаи Кабкгурези ҷамоати деҳоти Д.Алӣ* | *160* | *30* | *30* | *30* | *30* | *40* | *Вазорати кишоварзи, МИҲД н Файзобод* | *Сармояи хориҷӣ* | |
| 35 | | | *Бунёди 100 гектар боги нав дар деҳаи Сайдонии ҷамоати деҳоти Д.Алӣ* | *160* | *30* | *30* | *30* | *30* | *40* | *МИҲД н.Файзобод, Вазорати кишоварзи* | *Сармояи хориҷӣ* | |
| 36 | | | *Бунёди 100 гектар боги нав дар деҳаи Ҷонварсӯзи ҷамоати деҳоти Д.Алӣ* | *160* | *30* | *30* | *30* | *30* | *40* | *МИҲД н.Файзобод, Вазорати кишоварзи* | *Буҷети маҳаллӣ* | |
| 37 | | | *Бунёди 90 гектар боги нав дар деҳаи Чаноро ҷамоати деҳоти Ҷавонон* | *145* | *29* | *29* | *29* | *29* | *29* | *МИҲД н.Файзобод, Раёсати кишварзии ноҳия* | *Сармояи хориҷӣ* | |
| 38 | | | *Бунёди 90 гектар боги нав дар деҳаи Хами савраи ҷамоати деҳоти Ҷавонон* | *145* | *29* | *29* | *29* | *29* | *29* | *МИҲД н.Файзобод, Вазорати кишоварзи* | *Номуайян* | |
| 39 | | | *Бунёди 70 гектар боги нав дар деҳаи Дубедаи ҷамоати деҳоти Ҷавонон* | *115* | *23* | *23* | *23* | *23* | *23* | *МИҲД н.Файзобод, Вазорати кишоварзи* | *Аҳолӣ ва х/д* | |
| 40 | | | *Бунёди 60 гектар боги нав дар деҳаи Навободи ҷамоати деҳоти Ҷавонон* | *100* | | *20* | *20* | *20* | *40* | *МИҲД н.Файзобод, Вазорати кишоварзи* | *Бучети нохия* | |
| 41 | | | *Бунёди 100 гектар боги нав дар деҳаи Арзановаи ҷамоати деҳоти Ҷавонон* | *160* | *30* | *30* | *30* | *30* | *40* | *МИҲД н.Файзобод, Вазорати кишоварзи* | *Номуайян* | |
| 42 | | | *Бунёди 68 гектар боги нав дар деҳаи Хами себи ҷамоати деҳоти Ҷавонон* | *110* | *20* | *20* | *20* | *20* | *30* | *МИҲД н.Файзобод, Вазорати кишоварзи* | *соҳибкорон* | |

| № | Мақсад | Вазифаҳо | Чорабиниҳо/лоиҳаҳо | Арзиши умумии лоиҳа (ҳазор сомонӣ) | Соли 2016 | Соли 2017 | Соли 2018 | Соли 2019 | Соли 2020 | Иҷрокунанда/ Масъулин | Сарчашмаи маблаггузорӣ | Натиҷа |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
